В условиях рыночной экономики наиболее эффективным инструментом снижения финансового риска страховщика является секъюритизация страховых активов. Механизм секъюритизации, как инструмент управления финансовыми рисками страховщика следует использовать в страховом бизнесе потому, секъюритизация часто предоставляет нестандартные условия договора (больший объем перестраховочной защиты, защиту от рисков, не покрываемых традиционным перестрахованием, защиту от необычных рисков), исключает риск дефолта контрагента и предоставляет возможность попасть под более выгодный режим налогообложения.

Наибольшего эффекта в управлении рисками можно достичь, используя комплексный подход к их оценке и анализу, так как применение предложенных моделей управления платежеспособностью и финансовой устойчивостью позволит страховщикам корректировать стратегии управления рисками таким образом, чтобы достигнуть наилучшего результата - оптимального сочетания уровней риска и доходности [2].

Таким образом, увеличение капитализации страховых компаний способствует увеличению их финансовой емкости, т.е. возможности принятия крупных рисков. Повысить доверие к страховому бизнесу можно за счет повышения уровня финансовой устойчивости страховой компании.

**Литература:**

1. Иманова М.Г. Ограничения и направления развития страхового рынка. Научная дискуссия: вопросы экономики и управления, 2015. - № 7(40). - С. 110-115.

2. Иманова М.Г. Обеспечение конкурентоспособности страховых компаний на основе новых технологий управления рисками. Диссер… на соиск. уч. степ. к.э.н. / Ростов-на-Дону, 2017. - 168 с.

3. Никулина Н.Н., Березина С.В. Страхование. Теория и практика: учеб. пособие. - М.: ЮНИТИ, 2018. - 511 с.

4. Насырова Г.А. Управление финансами страховой организации. - Издательство СПб университета экономики и финансов, 2017. - 369 с.

5. Орланюк-Малицкая Л.А. Платежеспособность страховой организации. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. -152 с.

6. Пикалов А.Н. Стратегия оптимизации структуры капитала и ее влияние на рыночную стоимость страховой организации. Автореферат дисс. канд. экон. наук. - М., 2017. - 23 с.

# РАЦИОНАЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ - КАК ОСНОВА ДОСТИЖЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭНЕРГИИ В ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОМ РЕГИОН

**Давлятова М.М. – соискатель**
**Технологического университета Таджикистана**

Одним из главных условий выполнения цели по борьбе с изменением климата – удержание глобального потепления на уровне ниже 2С° к 2050 году, является переход на альтернативные, зеленые или возобновляемые источники энергии (ВИЭ). Наряду с этим, проблемы рационального использования водно-энергетических ресурсов является проблемой развития региона Центральной Азии, которая имеет огромное значение для роста экономики, а также основой достижения и развития зеленой энергии в регионе. Постепенно теряют свою актуальность традиционные источники, такие как нефть, газ и т.д., которые наносят вред природе. Именно поэтому сегодня использование всевозможных альтернативных, зеленых или возобновляемых источников энергии становится востребованным и популярным. Это с одной стороны, возобновляемые источники энергии способны вырабатывать электроэнергию, не выбрасывая парниковые газы, а с другой стороны, большинство из них не производят твердых бытовых отходов.

Несомненно, определенный потенциал для развития альтернативных энергетических ресурсов в регионе Центральной Азии все же имеется, лидерами их использования являются Таджикистан и Кыргызстан (см. табл.1).

В долгосрочной перспективе проблема устойчивого развития в Центрально-азиатском регионе будет обостряться из-за высоких темпов прироста населения. По оценкам специалистов, демографический рост в указанных странах неизбежно увеличит потребность в предстоящие 20 лет на 40%.

Таджикистан мог бы быть лидером в регионе по производству электроэнергии - его гидроэнергетический потенциал оценивается в 527 млрд КВт ч в год. В стране построено более 200 малых ГЭС, в 138 селах подготовлены технико-экономические обоснования внедрения солнечной энергетики. Что же касается Кыргызстана, то в этом случае использование альтернативных источников энергии обусловлено тем фактом, что страна обладает ограниченными ресурсами ископаемого топлива.

Как показано в таблице самый высокий уровень использования ВИЭ являются Таджикистан (98%) и Кыргызстан (85%). Самый худший уровень использования ВИЭ приходятся на Казахстан и Туркменистан, далее Узбекистан. В Казахстане всего лишь 9% от общего полезного отпуска электроэнергии составляют гидроэнергии, а 72% электроэнергии производится углем, в Туркменистане вообще не используется гидроэнергия.

Анализ таблицы показывает, что регион Центральной Азии использует 10% гидроэнергии от общего потенциала ВИЭ (13747 ГВт), а от полезного отпуска (186102 МВт) электроэнергии - 25%, также электроэнергию произведенным углем на 33%. Общие потери от распределения электроэнергии составляет 18086 МВт.

Как видно из таблицы, самый высокий уровень водообеспеченности на душу населения приходится на Таджикистан (7032 тыс.м$^3$) и Кыргызстан (7777 тыс.м$^3$), а дефицитный уровень водообеспеченности на душу населения приходится на Узбекистан (474 тыс.м$^3$) и Туркменистан (258 тыс.м$^3$). При этом Узбекистан по объему использования водных ресурсов лидирует среди стран региона 53% от общего объема.

**Таблица 1.**

Водно-энергетический потенциал Центральной Азии

| Регион Центральной Азии | Потенциал ВИЭ, ГВт | Водные ресурсы | | | | Гидроресурсы | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Водообеспеченность | | Использование водных ресурсов | | Полезный отпуск электроэнергии, ГВтч | | | Потери | |
| | | Собственный сток, км$^3$ в год | На душу населения, тыс. м$^3$/чел | Гидроэнергии % | Ирригация % | Общая, МВт | ГЭС % | Электроэнергии, произведенной углем, % | % | МВт |
| Таджикистан | 5325 | 64 | 7032 | 5 | 10 | 17137 | 98 | 2 | 16 | 2741,92 |
| Кыргызстан | 3677 | 49 | 7777 | 11 | 2 | 12786 | 85 | 13 | 21 | 2685,06 |
| Узбекистан | 1844 | 16 | 474 | 47 | 53 | 54081 | 21 | 4 | 9 | 4867,29 |
| Туркменистан | 0 | 1,5 | 258 | 0 | 10 | 20831 | 0 | 0 | 14 | 2916,34 |
| Казахстан | 2901 | 64 | 3459 | 30 | 7 | 81267 | 9 | 72 | 6 | 4876,02 |
| Всего | 13747 | 194,5 | 2649 | 10 | 90 | 186102 | 25 | 33 | 9,7 | 18086 |

- высокий уровень использование ВИЭ  - низкий уровень использование ВИЭ  - катастрофический уровень использование ВИЭ

***Составлено автором по [1,2]:***

Что касается по энергоэффективности распределения электроэнергии, самыми последними в списке стран региона находятся Таджикистан (16%) и Кыргызстан (21%) от общего полезного отпуска электроэнергии. Такая ситуация указывает на то, что инфраструктуры по распределению сети устаревшие и неэффективны.

Исходя из этого, можно сделать следующие выводы, что Таджикистан и Кыргызстан являются лидерами по запасам водных ресурсов и возобновляемых источников энергии в регионе, а также лидерами по их использованию. Также от общего потенциала ВИЭ используются незначительные запасы Таджикистана (5%) и Кыргызстана (11%), а стратегическими направлениями развития зеленой экономики в регионе является развитие ВИЭ.

**Литература**:

1. Зеленая экономика: реалии и перспективы в Казахстане. Отчет Всемирного банка. 2018,
2. Энергетика и развитие в Центральной Азии. Статистический обзор энергосектора в Казахстане, Кыргызстане, Таджикистане, Туркменистане и Узбекистане. URL: www.asiapacificenergy.org (дата обращения: 29.09.2020).
3. Потенциал для развития возобновляемых источников энергии в Центральной Азии [электронный ресурс] // Информационный портал по изменению климата в Центральной Азии. – URL: http://ca-climate.org/news-адрес (дата обращения: 29.10.2020).

## РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

**Дадоҷонова Н.М., Сафоев Ҳ.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рушди соҳаи инфрасохтории иқтисодиёти миллӣ мустақиман аз ҳаҷм ва шиддатнокии ҷалби сармоя ба он вобаста аст. Дар айни ҳол, бо назардошти ғунҷоиши назарраси сармоя, хавфнокӣ ва дарозмуддат будани муҳлати боздеҳи сармояи хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дохил мешавад.

Аз ҷониби дигар, маҳдудияти захираҳои буҷети давлат, инчунин проблемаҳое, ки бо сифати идоракунии давлатӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои мураккаб ва инноватсионӣ дар соҳаи инфрасохтор алоқамананд, ба ҳалли бисёр барномаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ монеъ мешаванд. Дар натиҷа, суръати рушди бахши инфрасохтории иқтисодиёти миллӣ хеле суст мегардад.

Бинобар ин, мушкилоти объективии норасоии шароит барои ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори кишвар вуҷуд дорад, ки рушди рақобатпазирии иқтисоди миллиро бозмедорад ва инчунин боиси камтар ҳавасмандшавии субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионии худ мегардад.

Яке аз василаҳои самараноки ҳалли ин мушкилот шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун як системаи махсуси иқтисодӣ мебошад, ки рушди инфрасохтори кишвар, инчунин рушди фазои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани фазои сармоягузориро таъмин карда, тақвияти маблағгузории зиёдро тавассути муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ва тақвият додани тавонмандии мақомоти салоҳиятдор ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо, баланд бардоштани самаранокии Шӯрои шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ ва Маркази татбиқи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъмин менамояд. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои таърихии пайдоиши шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян намудан зарур аст, ки дар ин гуна ҳамкориҳо ҳиссаи бахши хусусӣ мунтазам бештар карда мешавад ва ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ, танзими фаъолият, ба даст овардани манфиати иқтисодӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо бо истифодабарии механизми ҳамоҳангии давлат ва тиҷорати хусусӣ афзалият ва авлавият дода шавад.

1. Таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ ва вазъи муосири шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба омилҳо ва тамоюлҳои такмили муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки омили муҳимтарини баландбардории самаранокии шарикии давлат ва бахши

хусусӣ муҳити мутамаддини институтсионалӣ мебошад, ки он маҳдудияти амалкарди субъектҳои ҳамкориҳои давлатию хусусиро ташаккул медиҳад ва дар навбати худ, асоси муҳити институтсионалиро ниҳодҳои моликият ба вуҷуд оварда метавонанд ва дар натиҷа, ба рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки истилоҳи "давлатӣ ва бахши хусусӣ" бори аввал дар забони англисӣ пайдо шуда, дар он ҳамчун "public-private partnership (PPP) - шарикии давлат ва бахши хусусӣ (давлатӣ ва бахши хусусӣ)" ташаккул ёфтааст, ки маънояш "шарикии ҷамъиятӣ / давлатӣ ва бахши хусусӣ" мебошад.

Бонки байналмилалӣ таърифи зеринро медиҳад: «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ - ин мавҷудияти услуби шарикӣ дар лоиҳаҳо оид ба бунёди иншооти инфрасохторӣ мебошад, дар сурате ки бар хилофи муносибатҳои "фармоишгар – таҳвилгар", ё ҳар ду ҷониб барои ягон қитъаи алоҳидаи кор масъуланд ва ё ҳама масъулияти пурраро бар дӯш доранд. Дар ин ҳолат, шарикии давлат ва бахши хусусӣ қабули муштараки хавфҳо, масъулиятҳо ва фоидаро дар бар мегирад ва ин ба он оварда мерасонад, ки пулҳои андозсупорандагон бо самаранокии бештар сарф карда мешаванд".

Комиссияи Иттиҳоди Аврупо чунин хулоса кардааст, ки «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ – ин созишномаи байни ду ва ё зиёда ҷонибҳо дар асоси муттаҳид кардани кӯшишҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак мебошад, дар ҳоле ки масъулият, қудрат, захираҳо, хавфҳо ва дар маҷмӯъ, манфиати лоиҳаи татбиқшавандаи умумӣ мешаванд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул карда шуд. Ҳуҷҷати мазкур бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия шудааст, алахусус, таҷрибаи давлати Серра- Леоне истифода гардидааст. Қонун асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро муайян мекунад, манфиатҳои ҳам давлат ва ҳам тиҷорати хусусиро ҳимоя мекунад, инчунин механизмҳои институтсионалӣ ва уҳдадориҳои ташкилоти фармоишгарро фаро мегирад. Бояд қайд кард, ки тафсирҳои хеле маҳдуди шарикии давлат ва бахши хусусӣ низ вуҷуд доранд, ки давлатӣ ва бахши хусусӣ муродифи шартномаҳои консессионӣ ё маҷмӯи амалҳои мутақобилаи дигар (масалан, созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ё паркҳои технологӣ) дониста мешавад, ки бо татбиқи барномаҳои давлатии иҷтимоӣ-иқтисодие алоқаманданд, ки ба тариқи истисно ба ҷудокунии маблағҳои дахлдори буҷетӣ (бидуни ҷалби захираҳои молиявии тиҷорати хусусӣ) асос ёфтаанд.

Ҳамзамон, ба назари мо, омӯхтани консепсияи рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар заминаи истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷаҳон ва равишҳои дар боло зикршуда оид ба фаҳмиши моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ маълум аст, ки кофӣ нест, фаҳмиши амиқтар ва муназзами ин падидаи иҷтимоиву иқтисодӣ тақозо карда мешавад.

Асоси консепсияи рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавассути истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз он иборат аст, ки баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавассути кам шудани хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути рушди бахши инфрасохтор бо истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба даст оварда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро бояд ҳамчун афзалияти рақобатии стратегӣ дар иқтисодиёти миллӣ баррасӣ кард.

Мавҷудияти фарқиятҳои назаррас дар равишҳои рушди лоиҳаҳо дар байни давлат ва бахши хусусӣ эҳтимолияти хароҷоти назарраси транзаксиониро барои ҳар як тараф вобаста ба таҳия, тасвиб ва татбиқи созишномаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ (масалан, хароҷоти марбут ба таҳияи ҳуҷҷатгузориҳои тендерӣ, ҷустуҷӯи модели муносиби шарикии давлат ва бахши хусусӣ,

баргузории гуфтушунид бо шарикони эҳтимолии хусусӣ, таъмини иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи тарафҳо гузошташуда) афзоиш медиҳад.



**Расми 1. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун афзалияти стратегии рақобатии иқтисодиёти миллӣ.**

Ҳатто дар мавриди номатлуб ин хароҷот метавонад монеае дар роҳи ба даст овардани самараи мусбати синергетикӣ гардад, ки ба такмил ва ҳамдигарро пуррасозию ғанигардонии тарафҳо асос ёфта, дар ба даст овардани самаранокии ҳадафҳои лоиҳаи давлатии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (яъне, дар муҳлати кӯтоҳтар ва бо хароҷоти камтар инчунин таъмини сифати беҳтари хизматрасониҳо дар асоси истифодаи иншооти инфрасохторӣ ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ дар муқоиса бо он ки ин лоиҳа аз ҷониби ҳар ду тараф мустақилона амалӣ карда мешавад) ифода ёбад.

Барои истифодаи самарабахши механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дар маҷмӯъ, ки барои ҳар ду шарик афзалият дорад, нақши муассисаи давлатии таъсисёфтаи «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (МД «Маркази шарикии давлат ва бахши хусусӣ») бояд дар ин ҷо қайд карда шавад. Рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва танзими давлатӣ ба ҳалли баъзе масъалаҳо бо истифодаи усулҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки ба таври объективӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ ва рушди самарабахши субъектҳои ҳама шаклҳои моликият имкон фароҳам меорад.

Татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо риояи муқаррароти қонунҳо дар бораи концессия ва қонуни нав дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ хеле маҳдуданд. Гарчанде ки Тоҷикистон дар ташаккули сохтори ибтидоии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба пешравиҳои назаррас ноил шудааст, кишвар ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ибтидоии рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дорад.

Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти ба анҷом расидани татбиқи баъзе лоиҳаҳо ва оғоз гардидани татбиқи лоиҳаҳои нав дар соли 2018) ба ҳолати 1 январи соли 2019 аз 69 адад (23 лоиҳаи грантӣ, 12 лоиҳаи қарзӣ ва 34 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарзу грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 30,5 млрд. сомонӣ (3,23 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 1 лоиҳа ва ба маблағи 3,9 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои қарзӣ 16,2 млрд. сомонӣ (1,72 млрд. доллар) ё 53,2 фоиз, маблағҳои грантӣ 12,8 млрд. сомонӣ (1,36 млрд. доллар) ё 41,9 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,3 млрд. сомонӣ (136,6 млн. доллар) ё 4,2 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 205,4 млн. сомонӣ (21,8 млн. доллар) ё 0,7 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ барои амалӣ намудани 12 лоиҳа бо шарикони рушд 15 созишномаи нави сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3,5 млрд. сомонӣ (371,4 миллион доллари амрикоӣ) ба

имзо расонида шудааст. Аз маблағи умумии созишномаҳои баимзорасида 2,37 млрд. сомонӣ (251,2 миллион доллар) ё 67,7 фоизи онро маблағҳои грантӣ ва 1,13 млрд. сомонӣ (120,2 млн. доллар) ё 32,3 фоизи онро воситаҳои қарзӣ ташкил медиҳанд. Мутобиқи созишномаҳои мазкур барои рушди соҳаи нақлиёт 1,17 млрд. сомонӣ (124,7 млн. доллар), энергетика 830 млн. сомонӣ (88,0 млн. доллар), кишоварзӣ 430 млн. сомонӣ (45,7 млн. доллар), хоҷагии манзилию коммуналӣ 390 млн. сомонӣ (41,2 млн. доллар), тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 320 млн. сомонӣ (33,8 млн. доллар), ирригатсия 265 млн. сомонӣ (28,1 млн. доллар) ва ҳолатҳои фавқулода 95 млн. сомонӣ (10,0 млн. доллар) воситаҳои молиявӣ равона карда хоҳад шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағи умумии маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда ба ҳолати 31 декабри соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 млрд. сомонӣ (414,7 млн. доллар) зиёд мебошад, ки асосан аз ҳисоби оғоз гардидани татбиқи якчанд лоиҳаи калонҳаҷм дар соли 2018, аз ҷумла лоиҳаҳои «Таҷдиди НБО-и Норак», «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб, қитъаҳои Кӯлоб – Шамсиддини Шоҳин ва Шкев – Қалъаихумб», «Мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин ҷиҳати таъмини устуворӣ бар зидди офатҳои табиӣ», «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4», «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар рушди ҷомеа» ба вуҷуд омадааст.

Сохтори маҷмӯии лоиҳаҳои амалкунандаи давлатии сармоягузорӣ дар соли 2018 дар диаграммаи 1 инъикос шудааст.

**Диаграммаи 1.**

**Сохтори маҷмӯии лоиҳаҳои амалкунандаи давлатии сармоягузорӣ дар соли 2018**




***Сарчашма:*** *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди танзими шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди такмили қонунгузорӣ ва танзим дар соҳаи сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҷараён дорад, аз ин рӯ, коҳиши хавфҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин дастгирии муассири давлатии соҳибкорӣ ва таъмини беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар мушоҳида карда мешавад, ки ҳамаи ин аз дастгириҳои ҳукумати мамлакат барои боз ҳам баланд бардоштани нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" аз 28 декабри соли 2012, №907.
2. Дадоҷонова Н.М., Сафоев Њ.С. Љалби сармоягузориҳои хориљї бо маќсади рушди

иќтисодиёти миллї ва њамкорињои давлат бо бахши хусусї.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмњои иљтимої-иќтисодї ва љамъиятї. - Душанбе: СИНО, 2017. №2/9. - Саҳ. 56-59.

3. www.amcu.gki.tj Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Мукаддасзода Ф.М. Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг: теория, методология, практика. - Душанбе: ТГУК, 2018. – 348 с.

## ВЗАИМОСВЯЗЬ ТЕОРИИ МЕТОДОЛОГИИ С ПРАКТИКОЙ

**Дарингов К.П.**
**Технологический университет Таджикистана**

Экономическая теория, как и другие науки, опирается на совокупность прогрессивных методологий экономического анализа. Из эволюционного развития экономической теории явствует, что методология экономической науки в целом, экономической теории в частности , несмотря на постоянные обновления, совершенствования и расширения методов, методологий, и даже учитывая многих имевших место «революций» (будь то «Маржинальная», «Кейнсианская», «Институциональная»), не гарантируют и не показывают ей однонаправленное продвижение к истине. И как отмечает Т. Негиши – «ныне влиятельная теория не обязательно во всех отношениях превосходит предыдущие, отрицаемые в данный момент, так что возможность возвращения старых идей нельзя понять, лишь изучая новые» [6].

Методология имеет много определений:

«Методология – это наука о методах, их сущности, возможностях, свойствах, способах и областях изменения» [6].

**А.М. Орехов** методологию определяет следующим образом:

«Методология – это во-первых, учение об основных методах какой-либо науки и, во-вторых, это совокупность методов, т.е. методов, имеющихся в распоряжении данной науки, причем первая трактовка методологии является более глубокой по своему смыслу, чем вторая» [7].

**В.П. Кохоновский** отмечал, что «Методология ни есть также простая сумма отдельных методов, их «механическое единство». Методология – это сложная диалектическая, целостная, субординированная система способов, приемов, принципов разных уровней, сфер действий, направленности, эвристических возможностей, содержаний структур и так далее» [3].

В современных философских исследованиях основательно подчеркивается характер методологии, утверждается, что методология – это не только орудие теоретического познания, но и преобразование действительности.

Так, **И.В. Блауберг** и **Э.Г. Юдин** считают, что методология науки дает характеристику компонентов научного исследования, совокупности исследовательских средств, необходимых для их решения [2].

Сходной позиции придерживаются рассматривающие методологию, как инструмент познания и преобразования теоретической действительности, который определяет основные направления исследования, обеспечивает его объективность и эффективность [1].

Методология, как часть философского знания тесно связана с теорией познания, гносеологией, эпистемологией и вместе с тем выполняет определенные функции [8].

Таким образом, существует широкий спектр методов научного познания, который является предметом изучения особой науки, – методология.

Исходя из этого, можно констатировать, что понятия «методология», «метод», «методика» имеют общую прямую связь. Являясь фундаментом теоретических и практических исследований, методология определяет цель, способ изучения и преобразования действительности, реализация которых предполагает применение определенной методики.

По отношению к методам познания в экономике выделяют – экономическую методологию. «Экономическая методология - это важнейшее направление в экономических исследованиях, изучающее фундаментальный, мета-теоретический уровень экономического знания, принципы его вывода и доказательства разнообразных экономических теорий и положений» [8].

Формирование методов науки происходит на базе объективных закономерностей человеческого познания и является постижением внутренних свойств объекта исследования, которые в процессе постижения законов его функционирования и развития в свою очередь начинают выступать как средство дальнейшего исследования.

В этом смысле метод является как результатом, так и предпосылкой теоретического практического исследования. Однако он не зеркально отражает состояние теоретического познания предмета на данный момент, метод обладает относительной самостоятельностью. В истории экономической теории (политической экономики) имеет место и примеры разработки теории без постановки особых проблем метода. Так, этап становления буржуазной политической экономии - меркантилизм и также период общего кризиса капитализма, и примеры опережения сугубо методологическими проблемами закономерностей объективного развития предмета. В качестве примера можно привести пример изменение метода политической экономики капитализма на почву анализа докапиталистических отношений, характерной для восточной Европы и России XIX века [3].

Следует отметить, что дело не только в гносеологических аспектах развития методологии. Более существенным является то, что специфика метода экономическая теория (политическая экономика) как общественная наука выражается в ее идеологическом характере, в подходе к изучению общественных экономических явлений с точки зрения господствующих идеологий.

Практические потребности феодально-абсолютистского государства и поддерживавшего его купечество выдвинули теорию меркантилизма [8].

С точки зрения метода меркантилизма было попыткой объяснить принципиально новые, развивающиеся явления роста богатства в товарной, денежной форме старыми эмпирическими описательными средствами. Отставание данного метода привело к его противоречию с предметом изучения.

Методология меркантилизма как в теоретической форме познания не выделялась в самостоятельный раздел их воззрений. Представители этого направления ограничивались эмпирическими наблюдаемыми явлениями и сводили все экономические формы к единственной их определенности – денежной. Предмет и метод анализа в системе меркантилизма не рассматривались отдельно друг от друга. Меркантилисты не ставили перед собой особых гносеологических (познавательных) проблем в силу эмпирической направленности их исследования.

Методология физиократов основывалась на теории естественного права, приобретающей у французских просветителей последовательно буржуазную форму. Идея естественного порядка распространялась на общество как часть природы. «Все подчинены в этом мире законам природы, чтобы постигнуть законы и соблюдать их» [4].

Если в итоге теоретической деятельности методологии У. Петти было абстрагирование некоторых сущностных сторон капиталистической экономики, то физиократы уже исходят из определенных абстракций в развертывании своей научной системы.

Основоположник классической буржуазной политической экономии в Англии У. Петти применил новый метод в политической экономии, осуществив переход от изучения видимости явлений к анализу их сущности. Он впервые прибегнул к статистическому исследованию экономической жизни. В его работах статистический анализ представляет предпосылку теоретических рассуждений.

А. Смит как родоначальник экономического либерализма сделал важный вклад в развитие методологии научных исследований в области политической экономии. Он определил двоякую задачу политэкономии как науки: анализ объективной экономической реальности и выяснение закономерностей ее развития (позитивная сторона), и выработку рекомендаций для экономической политики фирмы и государства (нормативная сторона). Заслугой Смита была дальнейшая разработка метода логической абстракции – выделение закономерных коренных и определяющих процессов в экономике и абстрагирование от случайных, личных, частных элементов. С физиократами его сближает главным образом методологический дуализм.

Свой законченный вид идеи, выдвинутые Смитом, получили в трудах английского экономиста Д. Рикардо, он доводил до логического завершения содержание всех хозяйственных процессов. Рикардо полностью преодолевает эмпирическое описание отдельных, взятых вне объединяющих связей, помещая в основу исследования – определение стоимости затратами рабочего времени.

Методология Рикардо сыграла важную роль в определении предмета и метода политической экономии как науки. Он исследовал внутренние объективные закономерности капиталистического способа производства и для этой цели применял метод логической абстракции. В основу всей концепции он положил закон стоимости – определение стоимости товаров рабочим временем.

Методология марксизма отличается от методов представителей других школ. Как известно, методологически он исходил из трех научных источников: английской классической политической экономии, немецкой классической философии и французского утопического социализма. В ее основе лежал принцип диалектического и исторического материализма, который позволил определить экономические категории как исторически приходящие, имеющие объективный характер, как научные абстракции, соответствующие определенным производственным отношениям. Марксисты исследовали экономические категории, исходя из действия общих законов диалектики.

## Методология маржинализма

Для характеристики маржинализма используется термин «субъективистское течение», так как ведущий принцип маржиналистской методологии – субъективно-психологический.

Важнейшим аналитическим средством маржинального анализа является принцип «рационального поведения человека».

Фундаментальным принципом методологии маржинализма является принцип редкости, ограниченности ресурсов по отношению к человеческим потребностям.

## Методология Кембриджской школы.

Кембриджская школа представлена многими учеными, среди которых А. Маршалл, Ф. Эджвард, А. Пигу и так далее.

Основоположником является Альфред Маршалл. Концепции Маршалла на экономическую методологию изложены в его книге «Принципы политической экономии».

Для методологии Маршалла характерно объединение теории предельной полезности; издержек производства; производительности капитала; ценообразования.

Субъективизм в трактовке экономических теории Маршалл исходил из психологических мотивов поведения человека; использования идеи эволюционного развития общества.

Центральное место в теории Маршалла занимала проблема свободного рыночного ценообразования.

Для методологии Кейнса характерен идеализм. «Идеи экономистов и политических мыслителей и тогда, когда они правы, и тогда, когда они ошибаются более могущественны, чем обычно они думают. В действительности мир почти этим только и управляется» [5].

В качестве основных экономических процессов у Кейнса выступает психологическая характеристика природы человека.

Методология макроэкономической теории Кейнса имеет свои особенности. Он использует в качестве философской основы эклектическое сочетание субъективизма, утилитаризма, функционального анализа, а также обширный арсенал методов исследования.

Для методологии Кейнса характерны использование субъективно-психологического подхода. Кейнс ориентируется на совокупный психологический фактор, с которым он связывает состояние рыночной экономики в целом.

**Литература:**

1. Ананин О. И. – Философия и методология экономических наук (электронный ресурс)
2. Блауберг В. Н., Юдин Э. Д – Современная философия. 2012. С. 53-54.
3. Кохоновский В.Л. – Философия и методология науки. Ростов. 1999. С. 287.
4. Кэне Ф. Избр.экон.произ. М.,Соц.эк.гиз.1960. С. 363-364.
5. Кейнс Дж. М. – Общая теория занятости, процента и денег. Москва. 1978. С. 458.
6. Негиши Т. – История экономической теории. Москва. «Аспект пресс». 1993. С. 160.
7. Орехов А. – Методы экономических исследований. Москва. 2009. С. 37.
8. Ядов В.А. – Стратегия социологического исследования. Москва. 2001. С. 53-54.

## ИДОРАКУНИИ БОЗОРГИРӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Досиев М.Н., Каримов Ш. С. – магистрант,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низоми бонкӣ яке аз сохторҳои асосӣ ва хоси иқтисодиёти бозорӣ ба шумор меравад. Барои дарки мазмуни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бояд паҳлуҳои асосии кори онро дар шароити бозор таҳлил намуд.

Бонкҳои тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, чун миёнаравҳои молиявӣ дар бозор фаъолият менамоянд. «Миёнаравии молиявӣ» гуфта фаъолиятеро меноманд, ки ба ҷалби сармояи пулӣ ва ҷойгиркунии он равона шудааст. Яъне, бонкҳо дар байни ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеие, ки даромаднокии онҳо нисбати масорифоташон баландтар аст ва онҳое, ки дар ҳолати баръакс қарор доранд, баромад менамоянд. Чунки дар сурати афзун будани даромаднокӣ ва кам будани масорифот барзиёдии маблағҳои пулӣ ба вуқӯъ меояд. Субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони воқеие, ки дорои чунин маблағҳо мебошанд ва тӯли муддате ба ин маблағҳо эҳтиёҷ надоранд, мекӯшанд, то онҳоро дар

ягон ҷойи эътимоднок андӯхт намоянд. Чунин ҷойи эътимоднок ин бонкҳо ба ҳисоб меравaнд [7].

Бонкҳои тиҷоратӣ сармояро аз гурӯҳи аввал ҷалб намуда, бо нархи муайян (фоиз) ба гурӯҳи дигаре, ки ба ин воситаҳо эҳтиёҷи калон доранд, пешниҳод менамоянд, ки ин амалиёт яке аз самтҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Гузашта аз ин чунин фаъолият дорои сатҳи ниҳоят баланди бозорӣ мебошад. Зеро дар раванди фаъолияти худ бонкҳои тиҷоратӣ уҳдадориҳо ва талаботи навро ташаккул медиҳанд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад. Масалан, бонк амонат ва пасандозҳоро ҷалб намуда, уҳдадорӣ – пассивро ташкил медиҳанд ва сипас онҳоро чун қарз ва самоягузорӣ ба актив (талаботи бонк ба муштариёни қарзгир) табдил медиҳад. Ин раванди ташаккули уҳдадориҳо ва талаботҳо асоси фаъолияти миёнаравии молиявиро ташкил медиҳад. Ҳаракат, ҷойгиркунӣ ва гардиши захираҳои молиявӣ аз амонатгузор ба қарзгир ва дигар фаъолияти ба ҳамин вобастаи институтҳои молиявӣ (аз он ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ) миёнаравии молиявӣ номида мешавад.

Самти дигари фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ чунин ба шумор меравад, ки сармояи пулиро аз сарчашмаҳои гуногун ҷалб намуда, онро ба воситаҳои ҳаракатнок табдил медиҳанд ва тақозои бозорро бо қарз қонеъ месозанд. Дар ҷараёни ин фаъолият бонкҳои тиҷоратӣ пайваста ба воситаҳои бозоргир эҳтиёҷ пайдо менамоянд, ки ин яке аз роҳҳои танзими сатҳи хавфи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Мавриди қайд аст, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ҳама гуна фаъолияти соҳибкорӣ аз сатҳи муайяни хавф холӣ буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, танзими хавф (таваккали молиявӣ) дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ омили асосии кори муътадили бонк ба ҳисоб меравад [8].

Бозоргирии бонки тиҷоратӣ гуфта, имконияти дар назди муштариён аз рӯйи уҳдадориҳо ҷавоб гуфтани бонки тиҷоратиро меноманд. Вай мавҷуд будани андозаи кифояи сармояи худӣ ва ҷойгиркунии самаранокии воситаҳоро бо дарназардошти мутобиқати муҳлат ифода менамояд [7].

Ҳар як бонки тичоратӣ бояд мустақилона сатҳи зарурии бозоргирии худро дар асоси таҳлили ҳолатҳои тавозун, дурнамоии натиҷаҳои фаъолият, гузаронидани сиёсати минбаъдаи илмию иқтисодии вобаста ба сармояи оинномавӣ, фонди таъиноти махсус ва захираҳо, ҷалби воситаҳои қарзии ташкилотҳои дигар, гузаронидани амалиёти активии қарзӣ таъмин намояд. Гузашта аз ин бонкҳои тиҷоратӣ ба сифати миёнарав дар байни онҳое, ки воситаҳои пулии худро чун пасандоз мегузоранд ва онҳое, ки ба ин воситаҳо эҳтиёҷ доранд, баромад менамоянд. Ин миёнаравӣ аз он иборат аст, ки воситаҳоро ба тариқи ратсионалӣ ҷалб намуда, бо мақсади таъмини даромаднокӣ ё гирифтани фоида дар шакли қарз пешниҳод менамоянд.

Барои гузаронидаи амалиёти ҷалб намудан, ба низом даровардани васоити пулӣ (сармояи пулӣ) ва воридоти воситаҳои нақдӣ, дар шароити талаботи номаълуми ояндаи бозор бонк ба воситаҳои бозоргир эҳтиёҷ пайдо менамояд. Яъне, чунин воситаҳое, ки метавонанд бе монеа ва бо хавфи паст ба пулҳои накдӣ табдил ёбанд. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки бозоргирии бонки тиҷоратӣ ин истифодабарии дороиҳо чун воситаҳои пулии накд ё табдил додани онҳо ба накдина мебошад. Бонки тиҷоратӣ бозоргир номида мешавад, агар маблағи воситаҳои нақдӣ ва дигар дороиҳои бозоргир кифоягӣ намоянд ва имконияти ҷалби воситаҳо аз дигар сарчашмаҳо мавҷуд бошанд. Гузашта аз ин воситаҳои бозоргире, ки дар боло зикр кардем, барои ҷуброни тағйирёбии даврагии талабот ба қарз низ истифода бурда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ баръакси истилоҳоти байналмилалии бонкӣ ду мафҳум омехта карда мешавад: «пардохтпазирӣ» ва «бозоргирӣ». Агар бозоргирӣ, қабл аз ҳама, вазифаи худи бонк бошад ё ба маънои дигар бонк худ мустақилона сатҳи бозоргирии худро тибқи

меъёрҳои қабулшуда муайян намояд, он гоҳ танзими пардохтпазирӣ чун қоида ба вазифаҳои давлат дар шахси Бонки марказӣ дохил мешавад.

Ҳамин тавр чи тавре ки дар боло қайд кардем, бонк танҳо ҳамон вақт бозоргир ҳисобида мешавад, ки имконияти ҷалби воситаҳо аз дигар сарчашмаҳо мавҷуд бошад. Қайд намудан лозим аст, ки бо мақсади таъмини муътадилии худ бонк бояд ба андозаи муайян захираҳои бозоргир дошта бошад.

Бозоргирии тавозун. Тавозун ин гурӯҳбандии иқтисодии дороиҳо, пассивҳо ва дигар воситаҳои бонки тиҷоратӣ мебошад. Вай ҳамон вақт бозоргир номида мешавад, ки агар бонк ҷуброни воситаҳои ҷалбшударо аз ҳисоби ҷобаҷогузории ин воситаҳо таъмин карда тавонад [9].

Имконияти мубодилаи фаврии дороиҳо ба пули нақд барои иҷрои ухдадориҳо аз рӯйи якчанд омилҳо (факторҳо) муайян карда мешавад. Яке аз онҳо ин мувофиқ будани муҳлати воситаҳои ҷалбшуда бо муҳлати воситаҳои ҷойгиршуда ба ҳисоб меравад. Ё одӣ карда гӯем, уҳдадорӣ (пассив) ба кадом муҳлат қабул шудааст, дороӣ (актив) низ бояд ба ҳамон муҳлат пешниҳод карда шавад. Он гоҳ баробарии маблағ ва муҳлати воситаҳо дар тавозуни бонк ба мушоҳида мерасад.

Ба бозоргирии тавозуни бонк таркиби дороиҳои вай таъсир мерасонад. Яъне, ҳар қадар ҳиссаи дороиҳои бозоргир дар маблағи умумии дороиҳо бештар бошад, ҳамон қадар тавозун пардохтпазир ҳисобида мешавад. Дороиҳои бонкӣ аз рӯйи сатҳи бозоргирӣ ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд. 1) Дороиҳои аввлиндараҷаи бозоргир, ки ба онҳо хазина, воситаҳо дар ҳисобҳои муросилотӣ, векселҳои аввалиндараҷа ва қоғазҳои қиматноки давлатӣ дохил мешаванд. 2) Дороиҳои бозоргири дар ихтиёри бонк қарордошта, ки ба онҳо қарзҳои додашуда ва ҳама гуна пардохтҳои бар нафъи бонк нигаронидашудаи то 30 рӯзи наздик, қоғазҳои қиматноки харидашуда (иштирок дар сармояи дигар бонкҳо) ва дигар арзишҳои моддӣ дохил мешаванд. 3) Дороиҳои ғайрибозоргир ин қарзҳои муҳлаташон гузашта, бино, таҷҳизот ва дигар фондҳо ба ҳисоб мераванд.

Эътимоднокии амонатҳо ва қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифташуда низ метавонад сатҳи бозоргириро тағйир диҳад.

Бозоргирии тавозунии бонк бо ёрии нишондиҳандаҳои махсус, ки вобастагии таркибии дороиҳо (активҳо) ва уҳдадориҳоро (пассивҳоро) ифода менамоянд, баҳо дода мешавад [7]. Дар таҷрибаи ҷаҳони имрӯза аз ҳама бештар коэффитсиенти бозоргирӣ истифода бурда мешавад. Ин коэффитсиент аз вобастагии моддаҳои гуногуни дороиҳои (активҳои) тавозун ва моддаҳои муайяни ухдадориҳои (пассивҳои) он иборат мебошад. Нишондиҳандаҳои бозоргирӣ дар кишварҳои гуногун ҳар хел ном бурда мешаванд ва услуби якхелаи ҳисобкунӣ низ надоранд. Одатан, барои баҳодиҳии бозоргирӣ коэффитсиентҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат истифода бурда мешаванд. Онҳо чун вобастагии дороиҳои (активҳои) кӯтоҳмуддат бо уҳдадориҳои (пассивҳои) кӯтоҳмуддат ҳисоб карда мешаванд. Бонкҳо уҳдадоранд, ки сатҳи бозоргирии худро на камтар аз меъёри муқарраршуда нигоҳ доранд.

Меъёрҳои бозоргириро дар баъзе кишварҳо мақомоти назорати бонкӣ ва асъорӣ ва дар баъзеи дигар қонунгузорӣ муайян менамоянд.

Дар таҷрибаи бонкии байналхалқӣ хазина (касса) қисми аз ҳама асосии дороиҳои (активҳои) бозоргир ба шумор меравад. Зери мафҳуми он натанҳо пулҳоро дар хазина, балки воситаҳои дар бонки марказӣ бударо низ мефаҳманд.

Дар баъзе кишварҳо векселҳои тиҷоратии аввалиндараҷа ва қоғазҳои қиматноке, ки давлат кафолат додааст, ба шумори дороиҳои (активҳои) бозоргир дохил мешаванд, Дороиҳое, ки сатҳи бозоргирии онҳо нисбатан пасттар аст, сармоягузорӣ бо қоғазҳои қиматноки дарозмуддат

мебошанд, зеро фурӯхтани онҳо дар муддати кӯтоҳи вақт на ҳама вақт имконпазир аст. Ба ғайр аз ин қарзҳои дарозмуддати калонҳаҷмро низ метавон ба ҳамин дороиҳо дохил намуд [7].

Гузашта аз ин сатҳи бозоргирии бонк аз дараҷаи хавфи амалиёти дорой вобаста аст. Яъне, ҳар қадар ҳаҷми дороиҳои (активҳои) дорои хавфи калон бештар бошанд, ҳамон қадар бозоргирӣ пасттар ба мушоҳида мерасад. Ба дороиҳои эътимоднок метавон воситаҳои нақди пулӣ ва ба дороиҳои дараҷаи хавфашон баланд қарзҳои дарозмуддатро дохил намуд. Аз дигар тараф қобилияти пардохтпазирии муштариёни қарзгир низ сатҳи бозоргириро метавонад тағйир диҳад. Агар ҳаҷми қарзҳои дорои дараҷаи баланди хавф дар сандуқи қарзӣ бештар бошад, ин нишони паст ва номатлуб будани сатҳи бозоргирӣ ба ҳисоб меравад.

Эҳтиёҷи бонки тиҷоратӣ ба васоити бозоргир. Дар таҷрибаи бонкӣ ҳанӯз формула ё воситае ёфт нашудааст, ки эҳтиёҷи бонки тиҷоратиро ба воситаҳои бозоргир муайян намояд. Андозаи зарурии бозргирии бонк аз тағйирёбии маблағи амонатҳо ва талабот ба қарз вобаста аст. Дар навбати худ ин тағйирёбӣ дар натиҷаи зуҳуроти гуногуни замон ба миён меояд. Тағйирёбиҳоро метавон ба мақсаднок, даврагӣ ва ногаҳонӣ ҷудо намуд.

Ба тағйирёбии мақсаднок метавон иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ном гирифт. Сиёсати гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ тақозои онро дорад, ки барномаҳои рушди хоҷагии халқ (аз он ҷумла низоми бонкӣ) тибқи шароити макон таҳия карда шаванд [6].

Тағйирёбиҳои ногаҳониро наметавон ба таври ҳаматарафа шарҳ дод, вале онҳо бевосита ба сатҳи амонатҳо ва талабот ба қарз таъсир мерасонанд. Барои мисол метавонем ҳолатҳои сиёсии минтақаи фаъолияти бонкро ном барем.

Тағйирёбиҳои даврагӣ аз ивазшавии бевоситаи фаслҳо, ки ҳар сол ба вуқӯъ меоянд, вобаста мебошанд. Масалан, бонкҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ сармоягузорӣ менамоянд, ба афзоиши амонатҳо дар фасли тирамоҳ рӯ ба рӯ мешаванд ва дар фасли баҳор бошад, талабот ба қарз меафзояд.

Мавриди зикр аст, ки афзоиши маблағи амонатҳо дар охири соли ҳисоботӣ зиёд намудани захираҳои ҳатмиро тақозо менамоянд. Ин захираҳо барои озод намудани воситаҳои ҷалбшудаи иловагӣ дар соли оянда истифода бурда мешаванд. Агар муайянкунии аниқи тағйирёбии маблағи амонатҳо ва сатҳи талабот ба қарз имконпазир мебуд, мушкилоти эҳтиёҷи бонк ба васоити бозоргир ба миён намеомад. Вале ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, бояд ҳаҷми воситаҳои ҷалбшаванда ва талаботи бозориро дурнамоӣ намуд. Ин дурнамоӣ имрӯз бо ду тарз таҳия карда мешавад [6]. Тарзи якум ин таҳлили тағйирёбии маблағи амонатҳо ва талабот ба қарз дар мисоли як мизоҷ мебошад. Яъне, муайянкунии ҳисоби амонатӣ ва ҳисобҳои қарзии мизоҷон роҳи муайян намудани тағйирёбӣ маҳсуб меёбад.

Тарзи дигар ин таҳлили сарчашмаҳои пайдоиши фондҳои сармоягузорӣ аст. Ин тарз таҳлили фондҳои сармоягузориро дар бахши давлатӣ ва хусусӣ ва дар миқёси кишвар бо усулҳои эконометрикӣ тавсия менамояд.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман, бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи корхонаҳои калон дохил мешаванд ва амалиёти худро на танҳо дар дохили як минтақа, балки дар сатҳи байналмилалӣ мегузаронанд. Аз ин рӯ, ба фаъолияти онҳо як қатор омилҳо (сиёсати пулӣ - арзӣ ва андозӣ) таъсир мерасонанд. Бонк бояд аз сиёсати ҳаррӯзаи иқтисодии давлат огоҳӣ дошта бошад, то дар натиҷаи ин ба маҳдудияти воситаҳо ва пешниҳоди онҳо ба қарз дучор нагардад.

Хулоса, қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати афзоиши талабот ба қарз меъёрҳои фоизӣ боло мераванд ва агар бонк дар ин ҳолат имкониятҳои қонеъкунандаи талаботи бозорро дошта бошад, ин бар нафъи бонк мебошад. Аммо дар натиҷаи огоҳӣ надоштан аз вазъи бозор ва сиёсати иқтисодии давлат норасоии воситаҳо ба миён меояд ва бонк, ба қавле, ин фурсатро аз даст

медиҳад. Зеро дар натиҷаи ин бонк маҷбур мешавад то аз пешниҳоди қарз худдорӣ намояд ва ё қоғазҳои қиматноки дорои сатҳи пасти бозоргириро фурӯшад, то талаботи ногаҳон афзуншударо қонеъ намояд. Аммо ин қоғазҳои қиматнок камтар мебошанд ва аз ин гуна амалиёт бонк зараре беш намебинад.

Ҳамин тариқ маълум шуд, ки ба сатҳи бозоргирии бонки тиҷоратӣ бисёр омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир мерасонанд ва роҳҳои ҳалкунандаи мушкилоти бозоргирӣ ин таҳлил, танзим, идоракунӣ ва дурнамоии он ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни ҶТ “ Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”. - Душанбе, 14.12.1996 с.
2. Қонуни ҶТ “ Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ”. - Душанбе, 23.05.1998 с.
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ”. - Душанбе, 10.05.2002 с.
4. Колесникова В.И., Кроливецкой Л.П. Банковское дело. [Текст] / В. И. Колесникова, Л. П. Кроливецкой. - М.: Финансы и статистика, 1996. – 480 с.
5. Коробов Ю.И. Банковский маркетинг [Текст] / Ю. И. Коробов. Издат. центр Саратовская экономическая Академия, 1997. - с.11.
6. Комилов С.Д., Забиров Н. Предпринимательство: основы развития и государственное регулирование [Текст]/ С.Д. Комилов, Н. Забиров. –Душанбе, 2004. -213 с.
7. Оймаҳмадов М., Раҳимзода Ш., Раҳматова. Фарҳанги истилоҳи байналмилалии Бонкдорӣ [Текст] /М. Оймаҳмадов, Ш. Раҳимзода, Н. Раҳматова. - Душанбе, 2010. - 268 с.
8. Раҳимов З.А. Банковская система Таджикистана [Текст] / З.А.Раҳимов. – Душанбе, 2000. -345 с.
9. Эдвин Джю Долан. Деньги, банковское дело и денежно – кредитная политика. [Текст] / Э. Дж. Долан. - Санкт – Петербург: ОРКЕСТР, 1994. – 496 с.
10. Ярыгина И.З. Куссерг С. Д. Зарубежные банки: организация и техника работы. [Текст] / И. З. Ярыгина. – Москва, 2004. - С. 170-178.


## АСОСҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**Досиев М.Н., Назризода А. С. – магистрант,**

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**


Банақшагирии стратегӣ - ин як низоме мебошад, ки аз дуруст ба роҳ мондани он фаъолияти бонкҳо самаранок мегардад, фақат муҳим мебошад, ки онро пайиҳам истифода барему хусусият ва ҳолатҳои берунаро ба инобат гирем. Аммо ҳангоми ин мо бояд аз хотир набарорем, ки бонкҳо берун аз иқтисодиёт вуҷуд дошта наметавонанд ва дар бисёр мавридҳо ҳолати иқтисодии давлатро муайян месозанд.

Банақшагирии стратегии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз функсияҳои идоракунӣ, ки ҷараёни интихоби мақсадҳо ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳоро дар бар мегирад, мебошад. Ҷараёни динамикии банақшагирии стратегии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ як мафҳуми васеи босамар ба шумор меравад, ки дар зери он ҳамаи функсияҳои идоракунӣ пинҳон мегарданд ва бартариятҳои банақшагирии стратегиро истифода набурда, ташкилотҳо дар маҷмӯъ ва шахсони алоҳида аз тарзи дурусти мақсад ва самти ташкилоти корпоративӣ

маҳрум мегарданд. Ҷараёни банақшагирии стратегӣ асосро барои идоракунии аъзои бонкҳои тиҷоратӣ таъмин менамояд [3].

Стратегия - ин маҷмӯи нақшаҳои ҳаматарафа мебошад, ки барои таъмини баамалбарории фаъолияти бонкҳо ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда лозим аст. Якчанд тезисҳои асосӣ, ки ба стратегия дахл доранд, бояд аз тарафи роҳбарияти болоӣ қабул карда шаванд. Пеш аз ҳама, стратегия бисёр вақт аз тарафи роҳбарияти болоӣ коркард ва тартиб дода мешавад, аммо баамалбарории он иштироки ҳамаи сатҳи идоранамоиро дар назар дорад. Нақшаи стратегии бонк дар асоси тадқиқоти васеъ ва маълумоти ҳақиқӣ бояд тартиб дода шавад. Барои самаранок рақобат кардан дар замони ҳозираи тиҷорати бонкӣ, бонкҳо барои ҷамъ ва таҳлили ҳаҷми маълумоти зиёд оид ба соҳа, рақобат ва дигар омилҳои таъсиррасон бояд доимо кӯшиш намоянд [5].

Нақшаи стратегӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ муайянӣ ва фардиятро медиҳад ва ин ба бонк имконият медиҳад, ки намудҳои коргарони муайянро ҷалб намояд. Инчунин нақшаи стратегӣ бояд чунон коркард шавад, ки натанҳо дар муддати давраи дароз бутун бошад, балки бояд то андозае чандир бошад, барои он ки ҳангоми зарурат онро тағйир дода шавад. Нақшаи умумии стратегиро бояд чун як барнома, ки фаъолияти бонкро дар муддати дарози вақт муайян мекунад, фаҳмид.

Банақшагирии стратегӣ дар бонкҳо оид ба ҳамаи масъалаҳои бо мақсадҳои глобалии бонкие, ки ба оянда нигаронида шудааст, қабул карда мешавад, инчунин омилҳои беруниро дида баромада, ба натиҷаи фаъолияти бонкҳо таъсир мерасонанд:

1. Мақсади асосии банақшагирии стратегӣ. Масъалаҳо оид ба кам кардани хароҷот дар қисмҳои алоҳида объекти банақшагирии стратегии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ шуда наметавонад, барои он ки чун қоида бевосита бо мақсадҳои глобалии бонк вобаста намебошанд.

2. Таваҷҷуҳ ба оянда**.** Масъалаҳое, ки ба ягон намуди элементи бонки тиҷоратӣ тааллуқ доранд, таваҷҷуҳ ба оянда мебошанд, агар элементи додашуда дар айни замон дар ҳаҷми умумӣ вуҷуд надошта бошад. Агар барориши намуди нави хизмат ба нақша гирифта шуда бошад ва он барои комёб шудан ба мақсад зарур бошад, пас гап дар бораи банақшагирии стратегӣ меравад.

3. Омилҳои берунӣ. Банақшагирии стратегӣ чун қоида ба масъалаҳое, ки дар таҳти таъсири омилҳои зиёди берунӣ мебошанд, таъсир мерасонад. Бинобар ин пеш аз шурӯъ кардан ба масъалаҳо, оид ба мақсадҳои стратегӣ ва самтҳо, зарур аст муайян кардани он, ки чӣ гуна омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ баояндаи бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд.

Таваҷҷуҳи муосир зарурати банақшагирии стратегӣ, баҳамвобастагии банақшагирӣ ва дигар вазифаю фаъолияти бонкҳоро дарк менамояд ва зарурати ин баҳамвобастагиро ҳангоми лоиҳакунонии низоми банақшагирӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ нишон медиҳад. Низоми нақшавии банақшагирии стратегиро метавон бо чунин тарз тасвир намуд: Он дар худ тамоми низоми нақшаҳо, ҷараёни банақшагирӣ, зернизоми идоракунӣ ва се элементи дигарро ба монанди зернизоми таъминотӣ, зернизоми таъмини маълумотӣ ва масъалаҳои қабулшуда доро мебошад (расми 1).

Низоми нақшаҳо. Натиҷаи ҷараёни банақшагирии стратегии бонкҳои тиҷоратӣ ҳуҷҷати нақшавӣ мебошад, ки дар он ҳамаи намудҳои нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташуда дар охири давраи мутобиқатӣ инъикоси худро меёбанд. Зарурати коркарди низоми нақшаҳо, яъне маҷмӯи нақшаҳои баҳамвобаста бо он муайян карда мешаванд, ки ҳалли масъалаҳои мушкили стратегӣ то андозае мураккаб мебошанд.




**Расми 1. Элементҳои низоми банақшагирии стратегӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ**

Ба он маъно онҳо мураккаб мебошанд, ки ба назаргирии омилҳои гуногунро ба монанди омилҳои илмӣ, техникӣ, молиявӣ ва инчунин дастгирии муштариёни аз ҳама гуногуни бонкро талаб менамояд. Азбаски нақшаҳо ба сифати яке аз элементҳои асосӣ баромад мекунанд, қарорҳою мушкилиҳои пешгӯишавандаро бояд дошта бошад, пас онҳо худашон нисбати ин масъалаҳо мушкилтар бояд бошанд. Аз ин маълум мегардад, ки нақшаи одӣ ва иерархияи содаи он наметавонад, воситаи комилан мувофиқи ҳалли масъалаҳои муосири бонк шавад. Аниқтараш ин бояд як низоми ба ҳам вобаста ва ба ҳам алоқаманди нақшаҳои хусусӣ бошад, ки тарафҳои гуногуни он масъалаҳои мураккабе, ки бо он бонк дар оянда дучор мегардад, инчунин имконияти ҳалли онҳо, таъсири гуногуни гурӯҳҳои муштариёни бонкӣ ва инчунин вобастагии байни ин ё он элементи нақшаҳоро бояд мушаххас тасвир намуда, ба назар гирифт. [9].

-Самтҳои асосии тараққиёт ва стратегия барои ояндаи дидашаванда.

-Нақшаи ояндадор, ки аз ҳудуди як сол баромада ва одатан барои мукаммал гардонидани хизматҳои ояндадор, инчунин гузариш барои ба амал баровардани хизматрасониҳои муосир, ки аз тарафи бонк ба ҷо оварда мешаванд, равона гардидааст.

-Нақшаҳои махсус, чунин мақсадҳои махсуси бонкро муайян менамоянд:

- коркарди намудҳои нави хизматҳо;

-забт кардан ва дохил шудан ба бозорҳои нав;

-аз худ кардани технологияҳои нав;

-тағйир додани сохтори ташкилӣ, бо роҳи якҷоя намудани қисмҳои алоҳидаи бонк;

В процессе долгосрочного планирования для выбора правильного решения очень важна информация о составе и структуре продукции, о предполагаемых затратах на производство того или иного продукта, об уровне затрат в целом в отдельные периоды, о потребности в капитальных вложениях.

На основании этой информации решаются вопросы о том, какие товары продавать на тех или иных рынках, по каким ценам, как осуществлять финансирование, где лучше размещать производство.

Предварительная оценка издержек может предотвратить производство убыточной продукции. Эту оценку следует осуществлять на основе:

- четко определенных объемов производства (желательно предусмотреть многовариантные задания и расчеты соответствующих затрат);
- технологии производства изделий;
- варианты замены материалов;
- цены на материалы и тарифы на услуги предприятий;
- разбивки затрат и качественных показателей на составляющие для сравнения их с затратами и показателями, достигнутыми конкурирующими предприятиями.

Данная предварительная оценка призвана выявить необходимость дальнейшей модернизации изделия, при разработке перспективных (долгосрочных) планов оценка предполагаемых издержек учитывает затраты на новое оборудование и другие элементы основного капитала.

К расчету предварительных затрат следует приступать на стадии разработки изделий и маркетинговых исследований, так как именно на этой стадии закладывается уровень затрат, начинается планирование доходов и контроль за издержками производства [7].

После расчета нормативных и фактических затрат можно оценить разницу между ними и установить, чем она вызвана: различным объемом прямых затрат, накладных расходов; выбором между производством или приобретением полуфабрикатов; затратами на обеспечение качества, изменениями стандартных норм; количеством выпускаемой продукции; влиянием спроса, цены или другими факторами.

При предварительном подсчете издержек необходимо постоянно акцентировать внимание на учете прямых затрат, воздействующих на затраты производства, а также на сравнительном анализе расходов при использовании различных материалов и др.

Квалифицированный предварительный расчет, кроме того, позволяет исключить дорогостоящие, нерентабельные элементы из производственного процесса.

При оценке конечных затрат надлежит учесть все возможные расходы на изготовление стандартного изделия, так как выпуск нового изделия часто требует больших материальных и трудовых затрат и накладных расходов, необходимо выявить отклонения от затрат на аналогичные виды уже освоенной продукции [2].

На этапе текущего планирования в условиях рыночной экономики объем допустимых затрат на изделие диктует рыночная цена, основу которой составляют затраты предприятий-конкурентов, производящих аналогичную продукцию.

Допустимые затраты предприятия на производство и реализацию одного i-го изделия можно рассчитать по формуле:

$$Здоп\ i = Црын\ i / Крент\ i, \qquad (1)$$

где: Црын i - рыночная цена i-го изделия;

Крент i - коэффициент рентабельности i-го изделия (отношение прибыли к себестоимости продукции).

В случае, если предприятие принимает решение о производстве продукции без получения прибыли (к примеру, для сохранения рабочих кадров) от такого производства (то есть Кдох i = 1), верхним объемом допустимых затрат для предприятия по такому изделию будет выступать рыночная цена изделия [4].

Допустимые материальные затраты Зм i по i-му изделию рассчитывают по конструкторско-технологическим документам исходя из норм расхода и рыночных цен матералов, комплектующих изделий и покупных полуфабрикатов:

$$Зм\ i = gi * Цj \qquad (2)$$

где: gi - норма расхода j-го материала, комплектующего изделия, покупного полуфабриката;

Цj - рыночная цена j-го материала, комплектующего изделия, покупного полуфабриката.

Допустимые затраты на основную заработную плату производственных работников Зосн. раб. определяют с учетом установленной текущим планом доли коммерческих расчетов, накладных косвенных расходов и дополнительной заработной платы к основной заработной плате рабочих (сметной ставки списания накладных расходов).

1. Если эта доля меньше единицы, то расчет ведут по следующей формуле:

$$Зосн.\ раб. = Здоп.\ I / (1+Кком.\ I) - ЗMi$$

$$1+Кдоп.\ I + Кнакл.\ I \qquad (3)$$

где: Кком. I, Кнакл. I, - соответственно ставки списания на изделие коммерческих, накладных расходов и дополнительной заработной платы работников.

2. Если эта доля превышает единицу, то используют формулу:

$$Зосн.\ раб. = Здоп.\ I / (1+Кком.\ I) - ЗMi$$

$$Кдоп.\ I + Кнакл.\ I \qquad (4)$$

Если объем допустимых затрат таков, что угрожает предприятию убытками, то для него это сигнал, оповещающий, что изделие экономически невыгодно и необходимо срочно принимать меры для повышения эффективности производства [3].

Причины повышения экономически целесообразного уровня затрат следует искать в несовершенной конструкции изделий, устаревающей технологии производства, методах учета и контроля за затратами, которые не способны компенсировать повышенные расходы на отдельные виды ресурсов.

Предварительная оценка (расчет) допустимых затрат - это основа повышения конкурентоспособности предприятия [1].

Таким образом, основными принципами управления затратами выработаны практикой и сводятся к следующему:

- системность подхода к управлению затратами;
- единство методов, практикуемых на различных уровнях управления затратами;

- управление затратами на всех стадиях жизненного цикла продукта (от создания до утилизации);

- органическое сочетание снижения затрат с высоким качеством продукции (работ, услуг);

- недопущение излишних затрат;

- широкое внедрение эффективных методов снижения затрат;

- совершенствование информационного обеспечения об уровне затрат;

- повышение заинтересованности в производственных подразделениях предприятия в снижении затрат.

Системный подход находит свое выражение в том, например, что эффективность управления затратами оценивают по эффективности самого слабого звена системы. Чтобы то ни было: низкий уровень нормирования затрат, посредственная мотивация и стимулирование персонала за их снижение, недостаточный по объему и неудовлетворительный по качеству анализ, система учета затрат, не обеспечивающая потребность руководства, - оно неизбежно скажется на функционировании системы.

Именно слабое звено определяет надежность (эффективность) работы всей производственной системы, какой и является предприятие.

Недостаточное внимание к одной функции управления затратами может свести на ноль всю работу. Методическое единство управления затратами на разных стадиях предполагает единые требования к информационному обеспечению, планированию, учету, анализу затрат на предприятии.

Соблюдение вышеназванных принципов управления затратами создает базу для экономической конкурентоспособности предприятия и завоевания им передовых позиций на рынках.

**Литература:**

1. Горелова М.Ю. Управленческий учет. Методы калькулирования себестоимости // Издательско-консультационная компания Статус-Кво, 2016. - 482 с.

2. Ковалева А.М., Лапуста М.Г. Финансы фирмы: Учебник. - М.: Логос, 2018. - 499 с.

3. Лукьянов А.В. Совершенствование бизнес-процессов как форма оптимизации затрат // Управление в кредитной организации, 2017. - №1. - С. 90-100.

4. Озеран В.А., Бойчук Т.Н. Модель учетно-аналитического обеспечения системы управления расходами периода // Международный бухгалтерский учет, 2018. - №15. - С. 54-60.

5. Поленова С.Н. Состав расходов по обычным видам деятельности и их признание в учете // Бухгалтер и закон, 2017. - №12. - С. 72-76.

6. Феоктистов И.А. Расходы организации. Бухгалтерский и налоговый учет. - М.: ГроссМедиа, 2015. - 1099 с.

7. Шепеленко Г.И. Экономика, организация и планирование производства на предприятии. - Ростов - на - Дону: Издательский центр «МарТ», 2017. - 591 с.

8. Шим Джей К., Сингл Джоэл Т. Методы управления стоимостью и анализа затрат: Пер. с англ. - М.: Кнорус, 2017. - 285 с.

# ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛӢ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

**Кулобиев П. С., Қодиров С.А. - магистрон,**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**

Яке аз хусусиятҳои хоси ҷомеаҳои муосири демократӣ – ин дар ҳудуди онҳо самаранок амалӣ шудани худидоракунии маҳаллӣ мебошад. Низоми худидоракунии маҳаллӣ дар кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот ва тағйирёбӣ қарор дошта, бо як қатор омилҳои хусусияти объективӣ ва субъективӣ дошта бархӯрд дорад. Дар шуури ҷамъиятӣ фаҳмиш оид ба моҳияти худидоракунии маҳаллӣ баъди аз байн рафтани низоми тоталитарии Иттиҳоди Шӯравӣ аз нав ташаккул меёбад. То ин давра ҳатто аксарияти аҳолии маҳал дар бораи аҳамият ва мавҷудияти институти худидоракунии маҳаллӣ тасаввурот надоштанд. Ғайр аз ин, яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам овардани имкониятҳои нав барои худамалишавии шаҳрвандии шаҳрвандон ташкил медиҳад. Маҳз чунин худамалишавӣ метавонад дар сатҳи маҳал ҷой дошта бошад. Барои устувор намудани самти мазкур мақомот ва шахсони мансабдори ҳокимияти оммавӣ бояд дар фаъолияташон ба инкишофи сармояи инсонии ҷомеаи маҳаллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии низоми худидоракунии маҳаллӣ ва фаъол гардонидани шаклҳои иштироки аҳолии маҳал дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳалли дошта хеле муҳим мебошад.

Яке аз шартҳои самаранок амалӣ шудани худидоракунии маҳалиро иштироки васеи аҳолӣ ва ҷалб намудани онҳо барои ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ташкил медиҳад. Тағйироти доимии иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир тақозо менамояд, ки механизмҳои идоракунӣ бозсозӣ гарданд ва ба ин восита амалишавии ташаббусҳои маҳаллии шаҳрвандон дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ таъмин карда шаванд. Рушд додани низоми худидоракунии маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тағйир додани низоми идоракуниро дар Тоҷикистон талаб менамояд. Дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [1] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» [2] шаклҳои иштироки аҳолӣ дар баамалбарории худидоракунии маҳаллӣ ифода ёфтааст, аммо аз моҳият ва мазмуни онҳо аксарияти аҳолии маҳал то ҳол ба таври пурра хабардор нестанд.

Новобаста аз муқаррароти меъёрӣ қобилияти амали шаҳрвандон барои таъсир расонидан ба сифат ва шароитҳои ҳаёти худ ва иштирок дар идоракунии корҳои маҳаллӣ дар сатҳи маҳал хеле паст мебошад. Дар амалия бошад, чорабиниҳои андешидашудаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ барои фаъол гардонидани иштироки воқеии шаҳрвандон дар идоракунӣ қонеъкунанда намебошад. Ин ҳолат аз якчанд омилҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ, гузаронидани ислоҳот дар сохтори идоракунӣ ва ҷустуҷӯ намудани шаклҳои нави муносибатҳои байниҳамдигарӣ миёни ҳокимият ва аҳолӣ зарур мебошад. Ҳамчунин коркард намудани механизмҳои нави ташкилӣ, ки рушд ва амалӣ гардонидани ташаббусҳои аҳолиро таъмин менамояд хеле, муҳим мебошад. Иштироки аҳолӣ дар идоракунӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта барои ташкил намудани он бояд фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ сафарбар карда шавад. Баланд бардоштани фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ дар худидоракунии маҳаллӣ метавонад ба рушд додани ҷомеаи шаҳрвандӣ, ғайримутамарказ гардонидани ҳокимияти давлатӣ, беҳтар гардонидани алоқаҳои баргашти ҳокимият ва аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти якҷояи мақомоти ҳокимияти оммавӣ ва аҳолӣ ин фаъолияти нокифояи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта ба шумор меравад. Дар шароити имрӯз механизмҳои самаранок оид ба ҳам мувофиқшавии манфиатҳо ва гузоштани мақсадҳои умум дар ҷомеаи маҳаллӣ ҷой надоранд,

ки онҳо дар навбати худ ба коркард намудани нақшаҳои муносиби фаъолияти якҷояи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ монеа эъҷод менамоянд.

Масъалаҳо оид ба худидоракунии маҳаллӣ ва иштироки бевоситаи аҳолӣ дар амалинамоии он муҳлати тӯлонӣ предмети омӯзиши илмӣ ва баҳси ҷамъиятӣ қарор дорад. Ба омӯзиши масъалаҳои ташкиливу функсионалии худидоракунии маҳаллӣ бисёр муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ машғул мебошанд.

Худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти халқӣ аз манбаъҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оғоз гардида, аз як тараф, он хоси сатҳи поёнии ҳокимияти давлатӣ ва аз тарафи дигар, ифодакунандаи шакли расмии манфиатҳои ҷомеаи маҳаллӣ ба шумор меравад. Бавуҷудоӣ ва ташаккули худидоракунии маҳаллӣ дар ҳар як кишвар вобаста ба таърихи инкишоф ва муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд. Хусусан, дар фарҳанги идоракунии миллати тоҷик таърихи ташаккули ниҳоди худидоракунии маҳалиро вобаста ба манбаъҳои таърихӣ ба се давра ҷудо намудан мумкин аст:

То давраи инқилоб. Яъне аз ба вуҷуд омадани аввалин ҷомеи тоҷикон то соли 1920- и асри XX-ро дар бар мегирад. Дар бораи ташаккул ва инкишофи институти худидоракунии маҳаллӣ дар давраи то инқилоб таҳқиқот ва маълумоти омӯзишӣ хеле кам боқӣ мондаанд. Дар бештари сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ ба худидораи ҷамъиятии тоҷикон махсус аз давраи пайдо шудани халқияти «тоҷик» ва аввалин ҷомеаи тоҷикон ишора мекунанд [3, 48].

Чи тавре ки аз ин сарчашмаҳо бармеояд, ячейкаи ибтидоии худидора - ин ҷамоаи авлодӣ буд, ки одамонро дар атрофи муносибатҳои ҳамхунӣ ва хешу таборӣ муттаҳид менамуд ва мақоми идоракунии онро шӯрои авлодӣ бар уҳда дошт. Шӯрои авлодӣ вобаста ба шакли ташкил, сохтор ва усулҳои баамалбарории ҳокимият дар асоси принсипи худидоракунӣ бунёд ёфта буд, ки онро сардори авлод роҳбарӣ мекард.

Сардорони авлод куҳансол буданд ва манфиатҳои авлодро дар муносибат бо дигар авлоду қабилаҳо дар шӯрои куҳансолон ҳимоя менамуданд. Нақши шӯрои калонсолон барои ташкил намудани фаъолияти ҳаётан муҳимми аҳолии маҳал ва пеш аз ҳама ба меҳнати умумӣ сафарбар намудани аҳолӣ дар самти обшор намудани заминҳо хеле калон буд. Онҳо дар ин самт ҳамчун мақом вазифаи идоракуниро дар даст доштанд [6, 156]. Аз ин ҷо бармеояд, ки таъсис ёфтани шӯрои куҳансолон ва институти оқсақолӣ (ё саркор) минбаъд тавонист ба худидоракунии ҷамъиятии тоҷикон замина гузорад.

Давраи дуюми инкишофи худидоракунии маҳаллӣ солҳои 1924 то соли 1990 - ро дар бар мегирад. Ин давраро метавон демократияи мутамарказ номид, ки он асосан аз ғалабаи инқилоби октябр дар Бухорои Шарқӣ оғоз меёбад. Яке аз принсипҳои асосии онро ин тобеияти пурраи зинаи поёнии идоракунӣ аз зинаи болоии ҳокимияти давлатӣ ташкил медод. Аз 5-уми феврали соли 1925 ҳамаи институтҳои куҳнаи давлатии Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуданд ва аз моҳи апрели соли 1925 ҳамаи институтҳои анъанавии худидораи маҳаллӣ ба шӯроҳои маҳаллӣ иваз шуданд. Шӯроҳо ба низоми ягонаи мақомоти давлатии ҳокимияти Шӯравӣ дохил шуда, ҳамчун намоянда ва иҷрокунандаи иродаи ҳокимияти марказӣ дар маҳал ба шумор мерафтанд [5, 381; 9, 69].

Давраи сеюми ташаккули институти худидоракунии маҳаллӣ бо қабул гардидани «Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри 1991, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил эълон намуд, оғоз мегардад.

Мазмуни консепсияи худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузории кишвар мантиқан баъд аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 қисман дар моддаи 78- ум бо як ҷумла: «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат мебошад …»

ифодаи худро ёфт [4]. Дар ин давра ҷиҳати ба таври мукаммал танзим намудани муносибатҳо оид ба худидоракунии маҳаллӣ ва дар ин замина самаранок намудани фаъолияти онҳо ду санади ҳуқуқии танзимкунанда: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳраку деҳот» қабул карда шуданд.

Барои коркарди сотсиологии масъалаҳои ватании худидоракунии маҳаллӣ ҷанбаҳои иҷтимоӣ-таърихии он хеле муҳим мебошанд. Бинобар ин, интихоб ва рушди шаклҳои худидоракунии маҳаллӣ ифодагари махсуси рушди таърихии ин ё он давлат мебошад. Таҷрибаи ташаккул ва фаъолияти мақоми худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар на танҳо барои эҳё намудани унсурҳои муфиди худидоракунии маҳаллии анъанавӣ, балки барои муайян намудани самаранокии методҳои муосири рушди демократияи кишвар низ зоҳир карда мешавад.

Ҳар як шакли худидоракунии маҳаллӣ институти ба худ хоси иҷтимоӣ мебошад, ки дар заминаи мустақилона ҳал намудани масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи маҳаллӣ рушд меёбад. Ҳамчунин онҳо ба сифати механизми танзимкунандаи фаъолияти аҳолӣ ба воситаи ташаккул додани анъана, муқаррар намудани меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ки хусусияти ҳатмиро дар ҳудуди маҳал касб менамоянд, баромад мекунанд.

Дар раванди тадқиқот муаллиф ба хулосае омад, ки новобаста аз қолабӣ будани институтгардонӣ худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар сатҳи ташаккулёбӣ қарор дошта, мукаммалшавии он раванди дуру дарозро дар бар мегирад. Аз ин хотир, зарур аст самаранокӣ ва нуфузи худидоракунии маҳаллӣ ба воситаи ғояҳои нав ва қарорҳои ташкилотчигӣ пайваста баланд бардошта шавад. Яке аз ғояҳои асосӣ – ин наздик намудани аҳолӣ бо ҳокмимияти маҳаллӣ мебошад. Мустаҳкам намудани худидоракунии маҳаллӣ бояд ба сифати воситаи демократикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, назорати ҷомеаи маҳаллӣ аз болои он устувор гардонида шавад. Рушд додани худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани худташкилдиҳии ҷамъиятӣ ва ташаккул додани фарҳанги шаҳрвандӣ баромад менамояд, зеро ки дар шуури ҷамъиятии тоҷикон то ҳол ақидае ҷой дорад, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бештар хоси институти идоракунии давлатӣ мебошад. Низоми муосири худидоракунии маҳаллӣ бояд дар худ интихобӣ будани мақомотҳои асосӣ ва шахсони мансабдори болоӣ, таъмин будани фаъолияти ташкилотии сохторҳои ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, кифоя будани воситаҳои молиявӣ, мутаносибии ваколатҳо, ҷой доштани шаклҳои мухталифи баамалбарории худидоракунии маҳаллӣ, аз тарафи аҳолӣ мустақилона ҳал карда шудани ҳама гуна масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта ва ягонагии низоми ҳудудиро дар худ инъикос намуда бошад.

Худидоракунии маҳаллӣ дар заминаи фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ ба вуҷуд омада, ҳамчун воситаи иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва бар дӯши худ гирифтани маъсулият барои он хизмат менамояд. Вобаста ба ин худидоракунии маҳаллӣ як шакли ҳокимияти оммавӣ баромад мекунад. Худидоракунии маҳаллӣ – ниҳоди муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии ҳудуди худ таъмин мекунад.

Ба ақидаи муаллиф бавуҷудоии фаъолияти иҷтимоӣ бояд ҳамчун таркиби табиии фаъолияти иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад, ғайр аз ин, дар маънидодкуниҳои гуногунранги ғоямонанди он, ба мисоли оқилонаву мақсаднокӣ ва самаранокӣ ҷой доранд. Маҷмӯи ҳадафҳо ва самтҳо ҷудо шуда метавонанд, аммо дар воқеъ ҳама гуна амали иҷтимоӣ дар заминаи фаъолияти иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Ба сифати сарчашмаи дигари фаъолияти иҷтимоӣ, ки дар ҷомеаи муосир рушд мекунад, метавон фаъолияти «рефлексивӣ»-ро ҷудо намуд, ки ҳамчун унсури низоми иҷтимоӣ баромад

менамояд. Ин хусусият аз тарафи бисёр назариётчиёни муосири сотсиологӣ қайд карда шуда, хусусан он дар назарияи сохторӣ аҳамияти махсусро касб намудааст.

Э. Гидденс кӯшиш намудааст, ки маънидодкунии худро оид ба масъалаҳои таносуби «сохтор» ва «агент»-ро дар воқеияти иҷтимоӣ баррасӣ намояд [8]. Ин гуна фаҳмиш аз нуқтаи назари рушди худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун институти ҳокимияти оммавӣ хеле муҳим мебошад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон оид ба вазъи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ва характери масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта маълумоти зарурӣ гирифта, тавассути фаъолияти иҷтимоии худ, ки бо роҳи иштирок дар ҳал намудани масъаҳои аҳамияти маҳаллидошта, қабул намудани қарорҳои идоракунӣ ва пешниҳоди ташаббусҳои маҳаллӣ, ба худидоракунии маҳаллӣ тағйироти институтсионалӣ ворид мекунанд, онро бо амалҳои фаъоли иҷтимоии худ воқеан ба механизми ҳокимияти халқӣ табдил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Э. Гидденс ба хулосае меояд, ки институтҳои иҷтимоӣ (дар ин маврид худидораи маҳалӣ дар назар дошта шудааст) дар як вақт ҳамчун шароит барои фаъолият ва натиҷаи амали фардҳо баромад мекунанд. Фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани худидоракунии маҳаллӣ дар ифодаи иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар ҳал намудани масъалаҳои маҳаллӣ, қабули қарорҳо таввасути фаъолияти ҷамъиятӣ ва пешниҳоди ташаббусҳои фардӣ ба вуҷуд омада, фаъолияти муҳити дохилии сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳотро ташкил медиҳад. Дар консепсияи низоми худреферентии (худмаърӯзачӣ) Н. Луман муҳит (на танҳо дохилӣ, балки берунӣ ҳам) ҳамеша нисбат ба низом талаботи навбанавро тақозо мекунад [8]. Бинобар ин, низом ба воситаи фаъолияти худӣ аз нав ба вуҷуд омада, сохторҳоро низ нав мекунад. Нақши ҳалкунандаро дар ташаккул ва пешбурди талаботи муҳит алоқаҳои иттилоотӣ, ба монанди «мафҳумҳо, ахбор ва маълумоти гуногун» иҷро мекунанд.

Мувофиқи назарияи тағйироти иҷтимоии П. Штомпка, фаъолияти иҷтимоӣ ба воситаи омилҳои субъективии ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ба қувваи такондиҳандаи тағйироти иҷтимоӣ мубаддал мегардад [8]. Фаъолияти иҷтимоӣ дар ташкилоти иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи маҳал бештар равшан мегардад. Иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, метавон дар як вақт ҳамчун омил ва нерӯи тағйироти иҷтимоӣ дар фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот баррасӣ намуд. Вобаста ба ҳамин мазмун ба сифати шарти асосии таъмин намудани имкониятҳои бавуҷудоии фаъолияти маҳаллӣ - ин ҷой доштани шаклҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳал намудани корҳои маҳаллӣ бо иштироки бевоситаи аҳолӣ, ҳамчунин ҷой доштани механизмҳои иҷтимоӣ-идоракунии ҷалб намудани аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта баромад мекунанд.

Қонунгузории амалкунанда ҳуқуқро барои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот кафолат додааст ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки онҳоро низ муқаррар намудааст. Аммо дар шароити муосир шаклҳои иштироки мухталифи шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ натавонист фаъолияти иҷтимоии шаҳрвандонро дар худидоракунии маҳаллӣ баланд бардорад. Ба ақидаи муаллиф ин ҳолат аз якчанд омил: нобоварии умум ба ҳокимият, бетавофутӣ нисбат ба корҳои ҷамъиятӣ, паст будани маърифати ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани алоқаҳои самараноки баргашт миёни аҳолӣ ва ҳокимият, ҳамчунин ҷой надоштани шаклҳои муносиби фаъолгардонии иштироки аҳолӣ дар худидоракунии маҳаллӣ вобаста мебошад.

Барои ошкор намудани вазъи муосири низоми худидоракунии маҳаллӣ ва сатҳи фаъолии шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ муаллиф соли 2012 дар мавзӯи «Худидоракунии маҳаллӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта», бо фарогири 22 ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар миқёси ҷумҳурӣ тадқиқоти сотсиологиро гузаронд. Натиҷаҳои тадқиқот муайян намуд, ки низоми идоракунии Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот на ҳама

вақт барои кормандони худи он фаҳмо мебошанд. Аксарияти онҳо қайд намуданд, ки ҷамоат на ба аҳолӣ, балки ба раиси ноҳия тобеъ мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки кормандони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳанӯз худашон ба таври пурра моҳият, мақсад ва вазифаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллиро дарк накардаанд. Аҷибаш он аст, ки 84,6% кормандони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот маълумоти олӣ, 10,3% миёнаи махсус, 2,5% олии нопурра ва 2,6% маълумоти миёна доранд [7].

Иштироки ғайрифаъоли аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта масъалаи асосӣ буда, самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳотро коста намудааст. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳолии маҳал оид ба аҳамияти худидоракунии маҳаллӣ ҳануз маълумоти кофӣ надоранд.

Сабаби асосиро метавон дар омода набудани шаҳрвандон барои худидоракунӣ, худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ, инчунин паст будани арзишҳои худидоракунӣ дар шуури мардум баррасӣ намуд. Аксарияти аҳолии кишвар дар симои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мақомоти ҳокимияти давлатиро мебинанд ва байни онҳо тавофут намегузоранд. Аз ин хотир, онҳо барои рушди ҳудуди маҳал аз пеши худ ягон ташаббусро нишон намедиҳанд ва нисбати давлат мавқеи туфайлхуриро ишғол мекунанд. Аз нуқтаи назари 28,2% пурсидашудагон мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тобеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Танҳо 17,9% мақомоти худидораи маҳаллиро мустақил ва новобаста аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф мекунанд. Аҳолии маҳаллии баъзе минтақаҳо ҳанӯз ба таври пурра моҳият ва аҳамияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (аз 5 августи соли 2009, таҳти № 549 қабул карда шудааст) -ро дарк накардаанд. Дар бораи ваколатҳо, захираҳо ва таъминоти молиявии объектҳои аҳамияти иҷтимоидоштаи ҳудуди ҷамоатҳо ҳатто ягон тасаввурот надоранд.

Нишондодҳои зерин оид ба манфиатдории аҳолӣ нисбат ба фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ андешаҳои муқобилро нишон медиҳад. Натиҷаи пурсиш ошкор намуд, ки 45% пурсидашудагон мунтазам оид ба фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ манфиатдор мебошанд, аммо қариб 40% пурсидашудагон ба фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, бовар доранд, ки онҳо ягон масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ доштаро ҳал карда наметавонад ва назар ба ниёзҳои мардум онҳо бештар оид ба ниёзҳои худ фикр мекунанд.

Натиҷаи тадқиқоои сотсиологӣ (шумораи умумии пурсидашудагон 200 нафар) нишон доданд, ки 52,1% пурсидашудагон бо фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳамкорӣ доранд, 41% пурсидашудагон баъзан вақт ҳамкорӣ мекунанд ва 5,1% пурсидашудагон умуман бо он ҳамкорӣ накардаанд. Аз байни пурсидагоне, ки бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мунтазам ҳамкорӣ менамоянд, бештар нақши ҳалкунандаро ба мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ медиҳанд [7].

Тадқиқоти мазмуни муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нишон медиҳад, ки 20% - и пурсидашудагон оид ба шикоят, 11,2% барои кумак оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, 11% барои пешниҳод ва 10% бевосита барои ҳамкорӣ ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои маҳаллӣ муроҷиат намудаанд [7].

Натиҷаи пурсишҳои сотсиологӣ муайян намуд, ки дараҷаи баланди омодагии шаҳрвандон барои иштирок дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ҷой дорад. Аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон хостори иштирок дар корҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бевосита ва ё ҳамкорӣ бо онро доранд, бо шарте ки агар имкониятҳои васеъ барои иштирок дар ин корҳо ба онҳо фароҳам оварда шаванд. Дар як вақт аксарияти шаҳрвандон бар он назар мебошанд, ки дар шароити имрӯз имконияти фаъолона таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷой надорад. Масалан, 70% пурсидашудагон нишон доданд, ки имконияи таъсир

расонидан ба фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳотро надоранд. Зиёда аз 30% қайд намуданд, ки аҳолӣ метавонад дар ин ё он шакл ба ҳокимияти маҳаллӣ ва қарорҳои аз тарафи онҳо қабулшаванда таъсир расонанд. Ба қатори воситаҳои самараноктари таъсиррасонӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ аз нуқтаи назари пурсидашудагон инҳо баромад мекунанд: вохӯрӣ бо раисони ин мақомот (22%); намоиш (20%); вохӯрӣ бо шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (15%) ва корпартоӣ (7%) [7].

Натиҷаи ислоҳоти мақомоти худидоракунии маҳаллиро вобаста бо тарҳи нав таҳти № 549 қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аҳолӣ дар умум шубҳанок баҳогузорӣ менамоянд. Ба савол оид ба сифати тағйирот дар фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар панҷ соли охир аксарияти пурсидашудагон (52%) ҷавоб доданд, ки самаранокии корҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тағйир наёфтааст.

Дар шароити муосир одамон бояд ахборот дошта бошанд, ки дар кадом шакл ва дар кадом сатҳ имконияти иштирок намудан дар худидоракунии маҳаллиро доро мебошанд. Пурсиш нишон дод, ки танҳо 30% - и пурсидашудагон оид ба шаклҳои гуногуни иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ маълумот доранд, аммо 49% умуман дар бораи ин ё он шаклҳои ба амалбарории худидоракунии маҳаллӣ ахбор надоранд.

Самтҳои асосии рушди маҳал

1. Мақсади Консепсияи мазкур аз ташаккули самтҳои асосӣ ва заминаи сиёсию ташкилӣ ва ҳуқуқии идоракунии рушди маҳал, вазифаҳо барои такмили идоракунии рушди маҳал, инчунин муайян кардани механизмҳо ва марҳилаҳои асосии татбиқи Консепсия иборат мебошад. Консепсия хуччати дарозмухлат буда, мукаррароти он хангоми тахияи барномаю накшахои стратегии давлатии рушди махал ва минтакахо ба инобат гирифта мешаванд.

2.Консепсия асоси ташкилию сиёсӣ ва методологиро барои пешбурди азнавсозӣ дар сатхи махал фарохам оварда, ба татбики хуччатхои стратегии каблан кабулнамудаи Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тахияи санадхои меъёрии хукуки дар сохаи танзими функсияхо, ташкил ва сохтори идоракунии махал мусоидат хохад кард.

3.Нихоят, Консепсия асосхои маҷмӯии ташкилӣ, методологӣ ва хукукию молиявиро чихати тахияи Стратегияи дарозмухлати ислохоти идоракунии махал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул медихад.

4.Самтхои асосии такмили идоракунии рушди махал аз инхо иборат мебошанд:

– мушаххассози ва мутаносибгардонии функсия ва ваколатхо байни сатххои идоракунии маркази ва махаллии давлати, инчунин худидоракунии махалли бо азнавтаксимкунии захирахои моддӣ ва молиявӣ;

– дар сатхи худуди ӣва махаллии идоракунӣ ташаккул додани низоми макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ, ки ба принсипхои бунёдии идоракунии самараноки давлатӣ мувофик буда, барои рушди устувори ичтимоию иктисодии кишвар шароити зарурӣ фарохам меорад;

– ҷорӣ намудани механизмхое, ки хамбастагии нисбатан зичи стратегияи дарозмухлатро бо раванди банакшагири ва ичрои бучети давлатӣ, инчунин накша ва стратегияхои харсолаи рушди сохахо ва барномахои сармоягузорӣ дар сатхи махаллӣ таъмин менамояд;

– ноил гардидан ба таксими нисбатан дакики функсияхо, вазифахо ва ваколатхо оид ба пешкаш намудани хизматрасонӣ ба ахолӣ, бехтар намудани сифат ва дастрасии он;

– ҷорӣ намудани механизмхои самараноки назорат ва хисоботдихии макомоти идоракунии махаллӣ ва рохбарони онҳо.

5.Татбиқи самтҳои асосӣ ва вазифахои пешбинишудаи рушди махал имкон медихад захирахои давлатӣ нисбатан мутаносиб харҷ шаванд, ки дар мачмуъ боиси баланд гардидани

эътимоди ахоли ба хокимияти давлатӣ хам дар сатхи марказӣ ва хам дар сатхи махаллӣ хохад шуд.

6.Татбики бомуваффакияти хамин Консепсия аз ташаккули таъминоти дахлдори ташкилию иттилооти, кадрию захиравии тадбирхои тавсияшаванда, такмили механизмхои пахн намудани тачрибаи самарабахши идоракунии махалли ва хамохангсозии хамаи чорабинихо алокамандӣ дорад.

Хулоса, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳамчун мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳамчун мақомоти мустақил шинохта нашудааст ва дар умум ваколатҳо ва вазифаҳои ҳокимияти давлатиро дар сатҳи маҳал иҷро мекунад. Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот асосан ба аҳолӣ хизматрасониҳои маъмурӣ, коммуналӣ ва иҷтимоиро мерасонад. Дар самти хизматрасонии маъмурӣ Ҷамоатҳо асосан барои додани маълумотномаҳо оид ба ҳолати шаҳрвандон, бақайдгирии вазъи оилавӣ ва амволӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷойи истиқомат, ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ маъсул мебошанд. Расонидани хизматрасониҳои коммуналӣ (масалан, таъминоти об, қувваи барқ, идоракунии корҳои хоҷагӣ-манзилӣ ва ғайраҳо) ва таъмини тартиботи ҷамъиятиро бар дӯш доранд.

Гарчанде ки унсурҳои институти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷиҳати асосҳои қонунгузорӣ ва сохтори ташкилӣ қисман коркард шудаанд, аммо дар умум маҷмӯи низоми арзишҳо, анъана, шуури худидоракунӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, базаи иқтисодӣ-молиявӣ, сохтори ташкилӣ ва омодагии кадрҳо, доираи салоҳиятҳо ва ваколатҳо, мутобиқ будан ба шароити маҳал, мавқеи ҷуғрофӣ ва ғайраҳо ҳамчун институти мукаммали иҷтимоӣ ҳанӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ташаккул наёфтаанд ва ниёз ба азнавсозӣ доранд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», аз 5 августи соли 2009, таҳти №549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод. 503.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», аз 5 январи соли 2008, таҳти №347 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 12.
3. Аминджанов Б.С. Местное самоуправление в Республики Таджикистан/ Б.С. Аминджанов. -Худжанд: Андеша, 2010. - С. 48.
4. Ведомости Верховный Совет Республики Таджикистан. 1994г., №23-24. – С. 450.
5. История таджикского народа. Том V. (Новейшая история 1917-1941), / Под ред. Академик Р. Масов. -Душанбе, 2004. – 752с.
6. Массон В.М. Первые цивилизации/ В.М.Массон. - Ленинград: Наука, 1989. - С. 156.
7. Тадқиқотро муаллиф соли 2012 дар ҳудуди 22 ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар миқёси ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Худидоракунии маҳаллӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта» гузаронид (N - 200 саволнома).
8. Телегина О.В. Активизация участия населения в местном самоуправлении: социально-управленческие механизмы. Автореф. …дис. …канд. соц. наук / Телегина Оксана Владимировна. - Орел, 2013. – 25с.
9. Фаньян Д.К. истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929гг.) / Д.К. Фаньян. Сборник документов.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1941. - С. 69.

## РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО

**Қодирзода Ш.А. – докторант (PhD), Қодиров С.А.[1], Кулобиев П.С.[1],Ҷумаев Ҷ.[1] – магистрон,**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат[1]**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Истилоҳи "инноватсия" ҳамчун як категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ заминаи як қатор ғояҳои асосиро ифода мекунад, ки мундариҷаи онҳо ҷанбаҳои мухталифи муносибатҳои марбут ба рушд ва татбиқи навовариҳои пешрафта, ҳавасмандкунии ин навъи фаъолият ва имкониятҳои онро тавсиф ва татбиқ мекунанд. Асоси ин мафҳумҳо мафҳумҳои “равандҳои инноватсионӣ” ва “фаъолияти инноватсионӣ” мебошанд.

Раванди инноватсионӣ маҷмӯи амалҳое мебошад, ки барои таҳия ва истифодаи амалии қарорҳои нави техникӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра заруранд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи раванди табдил додани ғоя ба навоварӣ меравад. Муҳлати татбиқи раванди инноватсияро метавон ҳамчун давраи сикли инноватсионӣ тавсиф кард.

Таҷриба нишон медиҳад, ки вақте ҷомеа ба сатҳи торафт баландтари рушди иқтисодӣ мерасад, тамоюли коҳиш ёфтани давраи вақт байни пайдоиши ин ё он навоварии асосӣ ва тақсими оммавии он ба назар мерасад. Равиши машҳуре, ки дар адабиёти илмӣ барои таҳлили ҷараёни инноватсионӣ истифода мешавад, модели хаттӣ ном дорад, ки лаҳзаи таъсисёбӣ то лаҳзаи татбиқи амалии он дар иқтисоди миллӣ аз марҳилаҳои пайдарпай мегузарад.

Ин модели раванди инноватсиониро дар шакли умумӣ бо формулаи зерин муаррифӣ кардан мумкин аст:

$$FI - PI - OCD - PP – P \qquad (1),$$

дар он ҷо FI таҳқиқоти фундаменталӣ мебошад,
PI - тадқиқоти амалӣ,
OCD - корҳои таҳия,
PP - маҳсулоти саноатии маҳсулоти нав,
P - татбиқи маҳсулоти нав.

Афзалияти бешубҳа модели хаттӣ содагии нисбии он мебошад, ки ба шумо имкон медиҳад раванди инноватсиониро омӯхта, тамаркуз ба алоқаи мустақим байни марҳилаҳои пайдарпай намоед, ки дорои хусусиятҳои муҳим мебошанд. Дар айни замон, раванди инноватсионӣ ҳеҷ гоҳ татбиқи ин марҳилаҳоро дар назар надорад. Ҳамин тавр, масалан, ҳангоми амалисозии ғояҳои нав, гузаштан ба таҳқиқоти нав як чизи махсус ба назар мерасад, зеро бисёре аз онҳо метавонанд аз ҳисоби донишҳои қаблан гирифташуда амалӣ шаванд.

Баръакс, шумораи навовариҳое, ки модели мазкур метавонанд бидуни қайду шартҳо татбиқ карда шаванд, нисбатан кам мебошанд. Танҳо навовариҳо бо барномаҳои нисбатан дақиқ таҳияшудаи баъзе маҳсулот ё технологияҳо, масалан, барномаҳои рушди парвозҳои кайҳон, роҳи оҳанҳои ултрастӣ, синтези атомӣ ҳамчун асоси барномаҳои энергетикӣ, сохтмони ҳавопаймо метавонанд мансуб бошанд.

Адабиёти иқтисодӣ инчунин модели раванди инноватсияро пешниҳод мекунад, ки аз панҷ марҳилаи зерин иборат аст:

1) муайян кардани имконият ва имкониятҳо дар бозор;

2) тарроҳии маҳсулоти нав;

3) озмоиши маҳсулоти нав;

4) ба бозор ворид намудани маҳсулоти нав;

5) идоракунии маҳсулот.

Агар илм дар доираи модели хаттӣ ҳамчун унсури ҳалкунанда ҳисобида шавад, пас дар доираи ин модел фаъолияти маркетингӣ низ чунин амал мекунад.

Марҳилаи муайян кардани имкониятҳо бояд бозори беҳтарини маҳсулоти навро муайян карда, инчунин ғояеро таҳия кунад, ки асоси таҳияи маҳсулоти нав бошад. Агар имкониятҳои ҷолиб дар бозор пайдо шаванд, пас мо метавонем ба марҳилаи навбатӣ гузарем, яъне, тарҳрезии маҳсулоти нав. Агар чунин имкониятҳо наёбанд, пас шумо бояд ба ҷустуҷӯи ғояҳо ва бозорҳои мувофиқ шурӯъ кунед. Раванди тарроҳии маҳсулоти нав татбиқи табииро тавассути амалиётҳои тарроҳӣ ва технологӣ ва омодагӣ ба шуъбаи маркетинг дар бар мегирад. Дар марҳилаи навбатӣ, лоиҳа бояд озмоиш карда шавад, ки он одатан бо санҷиши бозор хотима меёбад. Агар маҳсулот аз озмоиши охирин гузарад, пас онро метавон ба бозор муаррифӣ кард. Агар воридоти маҳсулоти нав ба бозор бо муваффақияти худ ба анҷом расад, он гоҳ он маҳсулоти дар бозор эътирофшуда мегардад ва пас раванди идоракунии маҳсулот ё, ба ибораи дигар, раванди идоракунии фоида оғоз меёбад.

Модели интерактивии рушди инноватсияҳои Н.Розенберг бармеояд, ки имкониятҳои эҷоди инноватсияҳо метавонанд аз таҳаввулоти сохтори талабот, маҳсулот ё навовариҳои илмию техникӣ пайдо шаванд. Дар модели интерактивӣ нақши муҳимро истеъмолкунандагон, таъминкунандагон, корхонаҳои рақобаткунанда ва давлат мебозанд. Раванди таъсиси инноватсияҳо аз он вобаста аст, ки корхонаҳо мавҷудияти имкониятҳоро барои эҷоди инноватсия ва стратегияҳои истеҳсолӣ эътироф мекунанд, ки субъектҳои соҳибкорӣ ба ин ҷавоб медиҳанд. Аз ин рӯ, навовариҳо дар модели интерактивӣ, аз як тараф, имкониятҳо мебошанд, ки аз ҷониби бозор пешниҳод мешаванд ва аз тарафи дигар, ҳамчун пойгоҳи дониш ва воситаҳои технологии барои корхона пешниҳодшуда [6].

Фаъолияти инноватсионӣ фаъолиятест, ки пеш аз ҳама ба таҳия ва (ё) татбиқи инноватсияҳои пешрафта нигаронида шудааст. Мазмуни он танҳо бо татбиқи инноватсия маҳдуд намешавад, бо тадқиқоти илмӣ зич алоқаманд аст ва аз ҷумла рушди навовариҳои оянда, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва коркарди пурраи илмӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникиро дар робита бо маҳсулоти нав ё такмилёфтаи фурӯхта дар бозор. Ғайр аз ин, фаъолияти инноватсионӣ ба эҷоди як раванди нав ё такмилёфтаи технологие, ки дар фаъолияти амалӣ истифода мешаванд, инчунин ҳалли нав ё такмилёфта дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин таҳқиқоти иловагӣ ва коркарди марбут ба он нигаронида шудааст.

Аз ин ҷиҳат, бо фикри М.В. норозӣ будан мумкин нест. Воллинкина ва Ю.А. Варфоломеева, ки хусусияти пешбари фаъолияти инноватсионӣ дар он аст, ки ин фаъолият то андозае бо эҷод ва (ё) татбиқи донишҳои нав, новобаста аз доираи татбиқи он, алоқаманд аст [7; 8].

Дар адабиёти илмӣ ва дар амалияи қонунгузорӣ тафсири гуногуни мафҳуми "фаъолияти инноватсионӣ" мавҷуд аст. Ва сабабҳои объективии ин вуҷуд доранд. Аз ҷумла, вобаста аз объект ва мавзӯи таҳқиқот, фаъолияти зикршударо метавон ҳамчун раванд, ҳамчун система, ҳамчун тағйирот баррасӣ кард. Бархе аз коршиносон ба ҷузъи эҷодии фаъолияти инноватсионӣ ва дигарон ба ҷузъи истеҳсолии он диққат медиҳанд, дар ҳоле ки дигарон таваҷҷӯҳи худро ба завқ ва афзалиятҳои истеъмолкунандагон таъкид мекунанд.

Бо назардошти гуногунрангии равишҳои олимон дар фаҳмидани моҳияти фаъолияти инноватсионӣ, С.Назаров мегӯяд, ки ҳар истилоҳ нисбӣ ва маҳдуди амал аст ва танҳо бо пайравӣ

ба роҳи синтези донишҳои гуманитарӣ, илмҳои табиӣ ва техникӣ мо воқеияти асри 21-ро дарк карда метавонем.

Манбаи асосӣ, қувваи пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ фаъолияти эҷодӣ, зеҳни одамон мебошад. Дар ин замина, муҳокимаи Б. Санто, ки дар саросари ҷаҳон фаъолияти инноватсионӣ бо фаъолияти зеҳнӣ алоқаманд аст [10; 11].

Аммо, албатта, бояд дар назар дошт, ки мазмуни семантикии мафҳуми «фаъолияти зеҳнӣ» нисбат ба мундариҷаи дахлдори мафҳуми «фаъолияти инноватсионӣ» хеле васеътар аст. Фаъолияти зеҳнӣ ҳама гуна зуҳуроти фаъолияти рӯҳии инсонро дар бар мегирад, аз ҷумла фаъолиятҳое, ки барои иҷрои амалиёти маъмулии муқаррарӣ равона карда шудаанд.

М.В. Мясникович навовариро бо раванди инноватсия алоқаманд мекунад ва даъво дорад, ки он аз чор марҳилаи асосӣ иборат аст [12]:

1) таҳқиқот ва таҳия;

2) рушд;

3) маҳсулоти сериявӣ ё оммавӣ;

4) истеъмол.

Шубҳае нест, ки ҳамаи марҳилаҳои дар боло зикршударо ҳамчун зуҳуроти гуногуни фаъолияти инноватсионӣ тавсиф кардан мумкин аст. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун фаъолият на танҳо ба эҷод, балки ба татбиқи инноватсияҳои пешрафта на шакл ё соҳа, балки табиати фаъолият аст.

**Ҷадвали 1.**

Вариантҳои таърифи мафҳуми "фаъолияти инноватсионӣ" дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриҳои ИДМ

| **Номи санади меъёрии ҳуқуқӣ** | **Вариант барои муайян кардани истилоҳи "инноватсия"** |
|---|---|
| Қонуни Украина "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" | Фаъолиятҳо оид ба истифода ва тиҷорати тиҷоратии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибавӣ, ки боиси ба бозор баровардани молу хизматрасониҳои нави рақобатпазир мебошанд |
| Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» | Чораҳое, ки ба ҷорӣ намудани ғояҳои нав, донишҳои илмӣ, технологияҳо ва намудҳои маҳсулот дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва соҳаи идоракунии ҷомеа нигаронида шудаанд, ки натиҷаҳои он барои рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ истифода мешаванд |
| Қонуни Ҷумҳурии Молдова "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия ва интиқоли технологияҳо" | Раванде, ки ба табдили натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомшуда, коркардҳои амалӣ ва (ё) дигар дастовардҳои илмию техникӣ (инчунин таҳқиқоти илмӣ ва коркарди марбута) нигаронида шудааст, ки дар маҳсулот, хизматрасонӣ ва равандҳои нав ё такмилёфта, равандҳои бевоситаи эҳтиёҷоти амалӣ татбиқ карда шудаанд ва талаботи бозор ва таҳти интиқол ва татбиқи технология қарор доранд |
| Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» | Фаъолиятҳое, ки ба ташкили истеҳсоли "калидҳои" молҳои (хизматрасониҳои) нав ё бедаракшуда дар бозор нигаронида шудаанд |

Соҳаи инноватсия ҳамчун соҳаи дақиқи муайяншуда вуҷуд надорад, зеро ҳама гуна фаъолият дар ҳама соҳа метавонад навоварона бошад, агар ба он чизҳои нав ворид карда шаванд (дониш, технология, усул, усулҳо) танҳо барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоят муҳим (иҷтимоӣ-иҷтимоӣ, бозор, мудофиа ва ғайра).

Ин ба хулосаи мантиқӣ меорад, ки фаъолияти инноватсионӣ метавонад на танҳо дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки дар соҳаи ғайримоддӣ (дар соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг), дар соҳаи мудофиа ва амният, дар соҳаи идоракунии давлатӣ низ сурат гирад.

Дар ҷадвал. 1 дар муносибат ба муайян кардани мундариҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки дар қонунҳои миллии Украина, Қазоқистон, Молдова ва Қирғизистон дарҷ ёфтааст, пешниҳод шудааст.

Таҳлили бархӯрдҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки қонунгузор мазмуни фаъолияти инноватсиониро дар Қазоқистон бештар тавзеҳ медиҳад. Он дар чизҳои зерин зоҳир мешавад:

1) Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун фаъолият ҳисобида мешавад, ки натиҷаҳои он дар самтҳои мухталифи истеҳсолот ва соҳаи идоракунии ширкатҳо амалӣ карда мешавад (бе маҳдудият дар ин соҳаҳо ва минтақаҳо);

2) фаъолияти инноватсионӣ он фаъолиятест, ки ба татбиқи на танҳо донишҳои илмӣ, технологияҳо ва намудҳои маҳсулот нигаронида шудааст, балки инчунин ҳама гуна ғояҳои нав, агар онҳо ба пешрафти иқтисодӣ ва рақобат мусоидат кунанд.

Ҳамзамон, таърифи фаъолияти инноватсионӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» дода шудааст, пурра ба амалияи навовариҳои пешрафта нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, он равандҳои эҷоди инноватсионии имконпазирро фаро намегирад. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки аз нуқтаи назари қонунгузори Қазоқистон, татбиқи масалан тадқиқоти илмӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти фаъолияти инноватсионӣ ҳисоб карда намешавад.

Таҳлили фразеологизмҳои дахлдор ("фаъолиятҳо оид ба истифода ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва рушд", "раванде, ки тағйир додани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомшуда, рушди амалӣ ва (ё) дигар дастовардҳои илмию техникӣ"), ки қонунгузорони Украина ва Молдова истифода мебаранд, ба хулосае меоем, ки мафҳумҳои «фаъолияти инноватсионӣ» дар Қонуни Украина «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ва дар Қонуни Ҷумҳурии Молдавия оварда шудаанд. Ба ибораи дигар, қонунгузорони Украина ва Молдова низ фаъолияти инноватсиониро танҳо навоварона меҳисобанд.

Ғайр аз он, дар муқоиса бо Қазоқистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Украина, Молдова ва Қирғизистон рӯйхати натиҷаҳои фаъолияти инноватсиониро бо маҳсулот ё хизматрасониҳои нав, ки хусусияти талаботи бозорро доранд, маҳдуд мекунанд.

Равишҳои муайян кардани мафҳуми "фаъолияти инноватсионӣ" (дар ҷадвали 2 овардашуда), ки дар қонунгузории минтақавии субъектҳои Федератсияи Россия истифода мешаванд, хеле гуногунанд.

**Ҷадвали 2.**

Вариантҳои муайянкунии мафҳуми "фаъолияти инноватсионӣ" дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии субъектҳои Федератсияи Россия

| Номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вариант барои муайян кардани истилоҳи "инноватсия" |
|---|---|
| Қонуни қаламрави Олтой "Дар бораи дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақаи Олтой" | Раванде, ки ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаҳои анҷомёфта ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти нав ё такмилёфта дар бозор фурӯхта мешавад, ба раванди нав ё такмилёфтаи технологие, ки дар амал истифода мешаванд, инчунин тадқиқот ва коркарди иловагии марбут |
| Қонуни вилояти Владимир "Дар бораи сиёсати илмию техникӣ ва тадбирҳои | Раванде, ки ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва коркарди анҷомшуда дар маҳсулот ё |

| | |
|---|---|
| дастгирии давлатии фаъолияти илмӣ ва инноватсия дар минтақаи Владимир" | равандҳои нав ё такмилшуда, инчунин таҳқиқот ва коркарди иловагии мувофиқ |
| Қонуни вилояти Волгоград "Дар бораи навоварӣ дар вилояти Волгоград | Чораҳо барои ба даст овардани маҳсулот ва равандҳои технологии нав ва ба таври куллӣ такмилёфтаи тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ, кашфиёт ва дастовардҳои бо номи дахлдори муҳофизат пешбинишуда |
| Қонуни вилояти Воронеж "Дар бораи сиёсати инноватсионӣ дар қаламрави вилояти Воронеж" | Як намуди фаъолият вобаста ба табдил додани ғояҳо (одатан, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва дигар дастовардҳои илмию техникӣ) ба молҳо ё хизматрасониҳои аз ҷиҳати технологӣ нав ё мукаммалгардида дар бозор ба равандҳои нав ё такмилёфтаи технологӣ ё усулҳои истеҳсол (интиқол) -и хизматрасонӣ, ки дар амалия истифода мешавад. |
| Қонуни шаҳри Москва "Дар бораи инноватсия дар шаҳри Москва" | Фаъолиятҳое, ки ба татбиқи дастовардҳои илмӣ, техникӣ ё илмию техникӣ дар равандҳои технологӣ, молу хидматрасониҳои нав ё беҳтаршуда дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ фурӯхта мешаванд. |
| Қонуни вилояти Иркутск "Дар бораи дастгирии давлатии минтақавии фаъолияти инноватсионӣ" | Раванде, ки ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаҳои анҷомёфта ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти нав ё такмилёфта дар бозор фурӯхта мешавад, ба раванди нав ё такмилёфтаи технологие, ки дар амал истифода мешаванд, инчунин тадқиқот ва коркарди иловагии марбут |
| Қонуни Ҷумҳурии Кабардино-Балкарӣ "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Кабардино-Балкарӣ" | Раванди таҳия, азхудкунӣ ва (ё) татбиқи амалии маҳсулоти нав ё такмилёфта, раванди технологии нав ё мукаммал |
| Қонуни вилояти Калининград "Дар бораи сиёсати илмӣ ва инноватсионӣ дар вилояти Калининград" | Раванде, ки ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаҳои мукаммал ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти нав ё такмилёфта дар бозор фурӯхта мешавад, ба раванди нав ё такмилёфтаи технологие, ки дар амал истифода мешаванд, инчунин тадқиқот ва коркарди иловагии онҳо |
| Қонуни вилояти Мурманск "Дар бораи навоварӣ ва инноватсия дар вилояти Мурманск" | Ташкил, татбиқ, тақсими маҳсулоти нав ё мукаммал, равандҳои нав ё такмилёфтаи технологӣ ё дигар равандҳое, ки дар гардиши иқтисод истифода мешаванд, бо истифодаи корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва дигар дастовардҳои илмию техникӣ |

| | |
|---|---|
| Қонуни вилояти Нижний Новгород "Дар бораи дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар вилояти Нижний Новгород" | Раванде, ки ба таъмини таҷдиди босуръат ва васеи натиҷаҳои зеҳнӣ ва ҷалби онҳо ба гардиши ҳуқуқии иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ барои таҳия ва татбиқи маҳсулоти нав ё такмилёфта (технологияҳо, молҳо, хизматрасонӣ), аз ҷумла тайёр кардани (бозомӯзии) мутахассисони махсус вобаста ба ин раванд нигаронида шудааст; бо роҳи таъмин намудани захираҳои зарурии моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, иттилоотӣ ва ғайра |
| Қонуни вилояти Оренбург "Дар бораи инноватсия дар минтақаи Оренбург" | Раванде, ки ба табдили натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дастовардҳо ё дигар дастовардҳои илмию техникии инсон ба маҳсулоти нав ё ба маҳсулоти сифатан нав, ки дар бозор татбиқ шудааст, ба раванди нав ё такмилёфтаи технологии дар амал истифодашаванда нигаронида шудааст. |
| Қонуни вилояти Орел "Дар бораи инноватсия ва сиёсати давлатии инноватсионӣ дар минтақаи Орел" | Фаъолиятҳое, ки ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дастовардҳо ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти нав ё такмилёфта дар бозор фурӯхта мешаванд, ба раванди нав ё такмилёфтаи технологие, ки дар амал истифода мешаванд. |
| Қонуни Ҷумҳурии Осетияи Шимолӣ "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Осетияи Шимолӣ-Алания" | Иҷрои корҳо ва (ё) хизматрасониҳо барои офаридан, рушд дар истеҳсолот ва (ё) татбиқи амалии маҳсулоти нав ё мукаммал, ҷараёни технологии нав ё такмилёфта |
| Қонуни вилояти Саратов "Дар бораи инноватсия ва инноватсия" | Фаъолиятҳое, ки ҳадафи асосии онҳо татбиқи таҷрибаҳои инноватсионӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти илмӣ (таҳқиқотӣ) ва илмию техникӣ ба даст омадаанд, тавассути рушди амалии онҳо, аз ҷумла ҳар ду намуди фаъолият оид ба рушди инноватсия ва пешбурди ин фаъолиятҳо ба даст оварда шудаанд. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолате навоварона ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҳолат объекти моликияти зеҳнӣ бо ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ истифода мешавад. |
| Қонуни қаламрави Ставропол "Дар бораи навоварӣ дар қаламрави Ставропол" | Иҷрои корҳо ва (ё) хизматрасониҳо барои офаридан, рушд дар истеҳсолот ва (ё) татбиқи амалии маҳсулоти нав ё мукаммал, ҷараёни технологии нав ё такмилёфта |

| | |
|---|---|
| Қонуни вилояти Тамбов "Дар бораи сиёсати илмию техникӣ, фаъолияти илмию инноватсионӣ дар вилояти Тамбов" | Маҷмӯи чорабиниҳои илмию технологӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба донишҳои нав, ки барои ба даст овардани маҳсулот ё равандҳои аз ҷиҳати технологӣ нав ё такмилёфта нигаронида шудаанд |
| Қонуни вилояти Твер "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ва инноватсионӣ дар вилояти Твер" | Чораҳое, ки ба рушд ва рушди инноватсияҳо ва ташаккули бозори маҳсулоти рақобатпазири баландтехнологӣ, воридоти маҳсулоти нав ва истеҳсолкунандагон ба бозор барои татбиқи он, мутамарказсозии захираҳо барои ҳалли мушкилоти инноватсионӣ нигаронида шудаанд. |
Масалан, соли 2019 суръати афзоиши маҳсулоти дохилӣ 7,5 фоизро ташкил намуд ва ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,4%, кишоварзӣ 7,1%, гардиши савдо 8% ва хизматрасониҳои пулакӣ 1,6% таъмин карда шуд. Дар 7 соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7% таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 млрд. сомонӣ ва 78 млрд. афзоиш ёфт. Ҳаҷми умумии даромати буҷет қариб 2 баробар афзуда, аз 12 млрд. сомонӣ (2013) ба 23 млрд. Сомонӣ (2020) баробар шуд [6. С.3]. Ин яке аз натиҷаҳои татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди истеҳсолот ва идоракунӣ дар замони муосир мебошад.

Яке аз мақсадҳои асосӣ аз муайян кардани роҳҳо ва усулҳои самараноки иртиботи илм ва истеҳсолот дар саноат идоракунии давлатӣ дар асосии сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, инчунин тадриҷан зиёд кардани андозаи маошу нафақаи аҳолии кишвар ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат мебошад. Музди миёнаи як коргар дар кишвар соли 2011 нисбат ба соли 1997-ум 89 баробар зиёд гардида, солҳои 2006-2012 6 баробар

зиёд гардид, ҳоло беш аз 440 сомониро ташкил медиҳад ва андозаи миёнаи нафақа 118 баробар афзудааст, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат 30 фоиз паст шуда, вазъи иқтисодиву иҷтимоии зиёда аз ду миллион нафар сокини мамлакат беҳтар гардид. Аз 1.09.2018 музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендияҳо 15 %, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10% зиёд карда мешавад. Дар 13 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 109 млн. сомонӣ соли 1997, соли 2011 ба 8,3 млрд. сомонӣ расид, ки ин рақам нисбат ба зикршуда 76 баробар зиёд аст. Ҳаҷми буҷети с.2018 ба маблағи 21, 3 млрд сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3% зиёд муайян гардидаст. Ҳаҷми буҷетҳои маҳаллӣ дар с. 2017 ба 5,3 млрд сомонӣ расида, дар он ҳиссаи дастгирӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 16,7 % - ро ташкил намуд. Дар ин давра ҳукумат як силсила барномаҳои сармоягузории давлатиро таҳия ва қабул кард, ки дар онҳо ба соҳаҳои энергетика, нақлиёт, коммуникатсия, маориф, тандурустӣ ва кишоварзӣ афзалият дода шудааст.

Яке аз самтҳои асосии татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди истеҳсолот ва идоракунии давлатӣ таъмини рушди соҳаи истеҳсолӣ, саноат буда, ҳоло истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 1997 2,5 баробар афзоиш ёфта, пешрафти назарраси бахшҳои саноати сабук, металлургия, хӯрокворӣ, истеҳсоли таҷҳизот, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба даст омадааст. Агар дар соли 1991 миқдори корхонаҳои хусусиву ғайридавлатӣ ҳамагӣ 2400 адад бошад, пас дар натиҷаи (ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ) амалишавии сиёсати дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ шумораи корхонаҳои хусусиву муштарак дар соли 2011 ба 18 680 адад расидааст, яъне қариб 8 баробар зиёд гардидааст. Танҳо дар 10 соли охир шумораи онҳо аз 10 600 то ба 18 680 зиёд гардидааст, беш аз 90 ҳазор ҷои корӣ таъсис гардида, имрӯз зиёда аз 40 фоизи маҳсулот дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешавад. Дар давоми 7 соли охир(2006-2013) 1600 корхонаҳои истиҳсолӣ (50 ҳазор ҷойи корӣ) сохта шудааст. Дар соли 2017 150 корхонаҳои саноатӣ бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи кор бунёд ва ба истифода супорида шуд. Соли 2020 ин нишондод 2 баробар афзуда барномаи номзад ба Президенти кишвар барои 7 сол (2013-2020) барзиёд иҷро гардиданд.

Дар натиҷаи ислоҳоти системаи идоракунӣ ва ҳалли масъалаҳои рушди сектори истеҳсолӣ дар кишвар барои бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқии обӣ таваҷҷуҳи бештар додем. Солҳои охир дар мамлакат зиёда аз 290 нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқии обӣ, инчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида, шабакаи ягонаи энергетикии мамлакат ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло корҳои сохтмону таҷдид дар иншооти азиму стратегии кишвар – нерӯгоҳҳои обии «Роғун», «Сангтӯда-2», инчунин нерӯгоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла нерӯгоҳи «Норак» босуръат идома доранд. Бо мақсади таъмини рафтуомади доимии мардуми қисматҳои гуногуни кишварамон мо дар даврони истиқлолият як қатор шоҳроҳҳо (2200 км), 5 нақбҳо (31 км), 45 км роҳҳои оҳан ва пулҳо (200), 270 нерӯгоҳҳои барқии хурду миёна ва шабакаи ягонаи энергетикӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сохта, мавриди истифодаи умум қарор додем. Рушди инфраструктураи нақлиёт ташкил карда шуд. Барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ мунтазам саъю талош варзида 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем ва ба зиёда аз 2 млн. оилаҳо замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуд [7, с.2]

Президенти кишварамон дар яке аз суханрониҳои худ қайд намуда буданд, ки «*Дар шароити ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти босуръати солҳои охир такмилу тақвият бахшидан ба фаъолияти тамоми сохтору мақомати давлатӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа ҳадафи асосии мо мебошад. Вазифаи*

*муҳимтарини мо ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф, тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад. Бинобар ин, мо раванди таълиму тарбияро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор дода, ҳамаи тадбирҳои заруриро дар ин самт амалӣ гардонида истодаем».*

Барои иҷрои пурраи супоришҳои Пешвои муаззами миллат ёфтани роҳҳо ва усулҳои самараноки иртиботи илм ва истеҳсолот дар соҳаҳои хоҷагии халқ, бисёртар соҳаи саноати истеҳсолӣ ва хӯрока, ҳалли муаммоҳои илмӣ дар технологияи коркарди ашё, татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди истеҳсолот ва идоракунӣ, ҳалли муаммоҳои рушди сектори истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дошта, ба ҳалли ин масъалаҳо эътибори махсус доданро замони имрӯза талаб менамояд.

Хулоса, ташкил ва ташаккули низоми идоракунии давлатӣ, ислоҳоти он, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд, ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин масъалаҳои муҳим дар асоси анъанаҳои таърихӣ дар даврони муосир амалӣ гардида, натиҷаҳои он барои рушди иқтисодиёт, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ёрии калон мерасонад. Зарур аст, ки бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷалби бештари сармоя ба ин соҳа ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис, ки ҳоло 80 млн. сомониро ташкил медиҳад, 50 млн. сомонӣ муқаррар карда шавад. Дар ду соли охир ба иқтисоди миллӣ аз ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ беш аз 22 млрд. сомонӣ равона ва аз худ карда шудааст, ки 6 млрд. сомонии онро маблағи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ташкил медиҳад. Дар ин раванд Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ назорати ҷиддиро дар самти татбиқи босифату шаффоф ва саривақтии лоиҳаҳо ба роҳ мондааст. Барои фароҳам овардани фазои мусоид ва ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар маҳалҳо эътибори аввалиндараҷа дода истодааст. Дар ташаккули муаммоҳои иқтисодии идоракунии давлатӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба бунёд намудани корхонаҳо эътибори махсус медиҳем. Ба ёфтани роҳҳо ва усулҳои самараноки иртиботи илм ва истеҳсолот дар соҳаҳои хоҷагии халқ, бисёртар соҳаи саноати истеҳсолӣ ва хӯрока дар барномаи давлатӣ ба таври алоҳида таъкид карда шудааст.

**Адабиёт:**


1. Ваҳдат – ормони олии миллат. - Хуҷанд, 2016.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. -Душанбе,1996.
3. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа XX век. -Худжанд, 2001.
4. Согдийская правда. 10.09.2011.Народная газета. 26.02.2014. 29.08.2018.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. -Душанбе, 2016. - 40с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2019. -Душанбе, 2020. - 48с.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият ифтихору номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20-солагии Истиқлолият. 8 сентябри с.2011. - Ҳақиқати Суғд., 10.09.2011.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. - Душанбе, 2016.- 40с. Народная газета. 29. 08. 2018.

## ОМӮЗИШИ ОМОРИИ РАВАНДИ МОНЕТИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Раҳмонов А. Р., Ибрагимова М.К.**

**Коллеҷи технологии ш. Душанбе**

Мутобиқи методикаи ҳисоби коэффитсиенти монетизатсия ду нишондиҳандаи калидӣ - ММД-и номиналӣ ва унсури пулӣ истифода мегардад.

Сохтор ва миқдори нишондиҳандаҳои ҳаҷми пул дар мамлакатҳо гуногунанд ва аз сатҳи ташкили низоми молиявӣ-қарзӣ, ҳамзамон, рушди бозори пулии мамлакат вобаста аст. Масалан, дар Англия панҷ унсури пулӣ, Фаронса бошад даҳ, Олмон се, дар ҷумҳурии мо бошад, ба монанди Англия панҷ агрегати пулӣ истифода мегардад. Бояд қайд намоем, ки мутобиқи ақидаи иқтисодчӣ, оморшиноси рус Лаврушин О.И ҳаҷми (массаи) пул ҳамчун воситаи муомилот ва ҳаракати он тибқи таснифоти оморӣ дар самтҳои ҷудогона сурат мегирад [4, 49].

Барои андозагирии сатҳи монетизатсия унсурҳои пулӣ ҳамчун миқдори пул дар муомилот истифода мегарданд. Қобили қайд аст, ки унсурҳои зикргардида нишондиҳандаи ҳаҷми умумӣ ва сохтори нишондиҳандаи ҳаҷми пул, ки аз якдигар бо дараҷаи ҷалби дороиҳои молиявӣ ва сатҳи бозоргирии онҳо ҷудогона тафовутпазиранд, мебошанд. Худи унсури пулӣ ҳамчун нишондиҳандаи оморӣ – ин ҳамаи дороиҳои молиявӣ мебошад, ки дар иқтисодиёти кишвар ба сифати пул истифода мегардад. Вобаста ба ин гуфтаҳо динамикаи унсурҳои пулии мамлакатро дар ҳафт соли охир дида мебароем:

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи унсурҳои пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2018.**

| Унсурҳои пулӣ | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $M_0$ | 3406 | 4144 | 4054 | 4591 | 7588 | 10950 | 11810 | 15 332 |
| Суръати афзоиш | - | 1,21 | 0,97 | 1,13 | 1,65 | 1,44 | 1,07 | 1,29 |
| $M_1$ | 4093 | 4789 | 4885 | 5403 | 8728 | 12258 | 13081 | 16 697 |
| Суръати афзоиш | - | 1,17 | 1,02 | 1,10 | 1,61 | 1,40 | 1,06 | 1,27 |
| $M_2$ | 4743 | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 |
| Суръати афзоиш | - | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 |
| $M_3$ | 4743 | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 |
| Суръати афзоиш | - | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 |
| $M_4$ | 7093 | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22 155 |
| Суръати афзоиш | - | 1,19 | 1,07 | 1,18 | 1,37 | 1,21 | 1,03 | 1,18 |

Сарчашмаи маълумот: бюллетени омори бонкии № 12, солҳои 2015 ва 2019.

Зимнан қобили қабул аст, ки нишондиҳандаҳои зерин мутобиқ ба меъёрҳои назарияв,ӣ аз он ҷумла «қоидаи пул»-и М. Фридмен бояд аз 10 % боло бошанд, ки ин меъёрро низ ба ғайр аз соли 2014 мушоҳида кардан мумкин аст [1, 236].

Унсури пулии М4, ки таҳлили динамикаи он дар ҷадвал оварда шудааст, дар мамлакати мо унсури асосӣ барои муайян кардани сатҳи монетизатсия истифода мегардад, ки мумкин аст ноустувории унсури пулии мазкурро мушоҳида намоем.

Қобили қабул аст, ки пастшавии суръати афзоиши ҳаҷми пули номиналӣ бо афзоиши ММД болоравии эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ ва ҳамзамон ба афзоиши сатҳи монетизатсия оварда мерасонад. Тибқи ақидаҳо ва дурнамои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пастшавии наишондиҳанда ҳангоми чорабиниҳои гузаронидашуда барои сатҳи таваррум сабаб гардидааст. Аз тарафи дигар, шаҳодати таъсири афзоиши як қатор омилҳо дар иқтисодиёт ва омилҳои низоми бонкӣ будан аст.

Сатҳи монетизатсия инъикоскунандаи қобилияти низоми молиявии тағйирдиҳии сармоя барои иштирок дар раванди истеҳсолот мебошад.Сатҳи баланди монетизатсия ба фароҳамоварии шароит ва устувории рушди иқтисодиёт, инчунин, баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар солҳои охир устувории тамоили афзоиши сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад, хусусан, дар соли 2019 коэффитсиенти мазкур ба 28,6% баробар гаштааст.

Динамикаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ва як қатор нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи раванди монетизатсияро барои асоснок намудани гуфтаҳо бо рақамҳои омори расмӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Диаграммаи 1.**

**Динамикаи унсури пулӣ (М4) (нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул).**




Бо ақидаи мо, накши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи динамикаи ҷараёни монетизатсия бузург арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар доираи музокираи илмии алоқаманд бо натиҷаи сатҳи монетизатсия, афзоиши сусти он, дар як сатҳ қарор доштани сатҳи таваррум ва суръати рушди иқтисодиёт боиси пайдоиши мубоҳиса барои ҳалли масъалаи мазкур гаштааст.

Инчунин, дар се соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти паст кардани сатҳи таваррум то андозаи 3% пайдо гашт. Бо назардошти тамоили манфӣ қайд кардан бамаврид аст, ки пастшавии суръати афзоиши ММД ба назар мерасад.

Динамикаи сатҳи таваррум, коэффитсиенти монетизатсия ва суръати бозафзоиши ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019**.**

**Ҷадвали 2. (млн., сомонӣ)**

**Нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулӣ (пулҳои васеъ) (М4) | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22 155 |
| ММД | 40524.5 | 45605.2 | 48401.6 | 54471.1 | 61 093.6 | 68844 | 77 354 |
| Сатҳи монетизатсия бо % | 20,9 | 19,9 | 22,2 | 27,1 | 29,1 | 27,2 | 28,6 |
| Намояи нархҳои истеъмолӣ бо % | 3,7 | 7,4 | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 3,8 | 0,3 |
| Суръати рушди иқтисодиёт бо % | 7,5 | 7,4 | 6,4 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 |

Сарчашма: Омори солонаи ҶТ соли 2019 ва бюллетени омори бонкӣ , 2019 саҳ.82

Монетизатсияи иқтисоди Тоҷикистон дар ҳаҷми 3-5 маротиба пасттар назар ба давлатҳои рушдкарда, ҳамзамон, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба назар мерасад. Суръати зиёдшавии монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор ёфта, ба андозаи 2% дар як сол афзоиш ба назар мерасад, ки ин низ бо назардошти таваррум ба назар гирифта мешавад.

**Диаграммаи 2.**




Бо ин васила зарурати афзоиши суръати монетизатсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15-20 сол ба миён меояд, ки ин нишондиҳанда бояд ба андозаи 80% таъмин карда шавад. Сатҳи баланди коэффитсиенти монетизатсия дар давлатҳои Чин, Ҷопон, Фаронса, Британияи Кабир, хулоса, дар ҳамон давлатҳое, ки дар сарҳадоти онҳо марказҳои молиявии байналмилалӣ фаъолият доранд, ба назар мерасад. Дар сохтори ҳаҷми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2018 ҳиссаи воситаҳои нақдӣ бояд аз ҳисоби рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва пулҳои электронӣ кам гарданд. Муаммои қайдгашта аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки оид ба он Ризоқулов Т.Р. қайд менамояд: «Воқеан дар дигар давраҳо дар рушди иқтисодиёт ин муаммо вуҷуд дошт ва ин муаммои бартарафнашаванда дар сохтори низоми сиёсати пулӣ то ҳол боқӣ мондааст, яъне ҳиссаи пулҳои нақд дар сохтори ҳаҷми пул ҳамзамон нисбатан баланд аст» [8, 74].

Вазни қиёсии ҳаҷми пули нақд дар соли 2000 ба 81,2% рост меомад, ки то ҳол ҳарчанд камтар шуда бошад ҳам, ин ҳоло баланд аст, чунки дар муқоиса бо Британияи Кабир вазни қиёсии ҳаҷми пули нақд дар муомилот ҳамагӣ 3%-ро ташкил медиҳад, ки аз рушди босуботи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ин мамлакат ва таъминоти беҳамтои захираҳои молиявии корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3.**

**Суръати муомилоти пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. млн. сомонӣ**

| **Суръати муомилоти пул** | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| М0 | 10.62 | 9.78 | 11.25 | 10.54 | 7.18 | 5.58 | 5,70 | 5,15 |
| М1 | 8.83 | 8.46 | 9.34 | 8.96 | 6.24 | 4.98 | 5,07 | 4,76 |
| М2 | 7.62 | 7.20 | 7.83 | 7.41 | 5.32 | 4.37 | 4,50 | 4,24 |
| М3 | 7.62 | 7.20 | 7.83 | 7.41 | 5.32 | 4.37 | 4,50 | 4,24 |
| М4 | 5.10 | 4.77 | 5.02 | 4.49 | 3.68 | 3.39 | 3,53 | 3,60 |
| М0 бо ҳамаи ҳаҷми амонатҳо | 2.55 | 2.79 | 2.29 | 2.36 | 2.86 | 3.61 | 3,82 | 4,62 |
| Амонатҳо дар ҳаҷми (масса) пул | 0.28 | 0.26 | 0.30 | 0.30 | 0.26 | 0.22 | 0,26 | 0,19 |

Сарчашмаи маълумот: бюллетени омори бонкӣ. 7 (276) солҳои 2015-17-19.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2019 пастшавии суръати муомилоти ҳаҷми пул бевосита тибқи рақамҳои омори расмӣ ба назар мерасад. Дар ин давра ҳаҷми пул ба андозаи 1,37 % паст гашта, дар ҳамин маврид, нишондиҳандаи муомилоти пулӣ номураттаб ба назар мерасад. Аз ҷадвали боло бармеояд, ки соли 2012 ва 2019 суръати муомилоти пулӣ, аз он ҷумла унсури пулии $M_0$ дар аввали давра ба 10,62 % баробар буда, соли 2019 бошад, 5,15 % ташкил додааст, ки пастшавии суръати унсури мазкур мушоҳида мегардад. Мутобиқи назария ҳиссаи пулҳои накд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар сатҳи бозори сиёҳ, ҳамзамон таваррум ва номуайянӣ дар динамикаи вай нисбатан баланд аст. Дар ин бора дар мақолаи олими ватанӣ Ризоқулов қайд гаштааст: «Нуқсони ҷиддитарин дар ин ҷо ҳиссаи пулҳои накд дар муомилот мебошад» [9, 239-240].

**Диаграммаи 3.**

**Таъсири тағйирёбии ҳаҷми пул (М4) дар динамикаи ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ ва сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Дар асоси натиҷаи ҷадвали суръати афзоиши ҳаҷми пул ва ММД алоқамандии мустақим вуҷуд дорад. Қайд менамоем, ки зиёдшавии массаи пул набояд боиси зиёдшавии сатҳи таваррум гардад.

Бояд қайд намоем, ки ба ақидаи қисме аз иқтисодчиён дар иқтисодиёти кишвар назар ба сиёсати монетарӣ сиёсати ғайримонетарӣ, яъне фискалӣ хубтар ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки тибқи назария алоқамандӣ ва вобастагии ин ду сиёсат

аз эътибор дур набояд бошад. Вобаста ба ин ибрози ақида назар ба динамикаи таъминоти нисбии пул дар иқтисодиёт ва даромади буҷет менамоем:

**Ҷадвали 4.**

**Динамикаи таъминоти пулӣ дар иқтисодиёт ва даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД дар солҳои 2012-2019**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД (номиналӣ) | 40 524.5 | 45 605.2 | 48 401.6 | 54 471.1 | 61 093.6 | 68844 | 77 354 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 12276,6 | 14427,4 | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 | 20568,6 |
| Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД | 30,3 | 31,6 | 34,3 | 33,9 | 38,1 | 26,8 | 26,6 |
| Унсури пулии (пулҳои васеъ) (М4) | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18 945 | 22 155 |
| Сатҳи монетизатсия М4 нисбати ММД бо % | 20,9 | 19,9 | 22,2 | 27,1 | 29,1 | 27.52 | 28,64 |

Сарчашма: омори солонаи ҶТ соли 2019, саҳ. 14. Бюллетени омори бонкӣ 7 (276) 2019, саҳ. 18 (2018-7 моҳ аз ин сол).

Мутобиқ ба назария дар ягон ҳолат даромади буҷет ва нишондиҳандаи бо пул таъмин будани иқтисодиёт баробар буда наметавонанд, аммо дар доираи меъёри муайян сатҳи монетизатсия аз даромади буҷет ба миқдори на кам аз 10% мумкин аст, зиёд бошад. Ҳарчанд дар рақамҳои ҷадвал зиёдшавии сатҳи монетизатсия ба назар мерасад, аммо танҳо дар соли 2017 ба миқдори 9% тафовут байни ин ду нишондиҳанда ҷой доранд. Дар бештари маврид ин муамморо бо танзими муомилоти пулӣ ва сатҳи таваррум арзёбӣ менамоянд, ҳол он ки дар ин маврид рушди иқтисодиёт на бо ҷамъоварии пул, балки тақсимоти пул бояд ҳалли худро ёбад. Нишондиҳандаҳои нисбии ҷадвалро дар диаграмма тасвир менамоем.

**Диаграммаи 4.**

**Динамикаи сатҳи монетизатсия дар иқтисодиёт ва даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ММД**




Ҳарчанд нишондиҳандаҳо ҷиҳатҳои манфиро дар даҳсолаи охир пайгирӣ менамояд, бояд қайд намуд, ки дар дар ин давра лағжиши мусбат низ ба назар мерасад, ба монанди дар як сатҳ қарор ёфтани таваррум, таъмини интенсивии бозафзоиши ҳаҷми пул бо суръати афзоиши басанда ва ғ. Қобили қабул аст, ки бар замми

таъсиррасонии омилҳои ғайримонетарӣ сатҳи бо пул таъмин гаштани иқтисодиёт баробар ба 27,5 % буда, ин нишондиҳанда нисбати давлатҳои тараққикарда ҳоло ҳам кам аст.

Хулоса, алоқаманд бо ин гуфтаҳо ба як қатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои худро мутамарказ менамоем, ки аз он ҷумла ба муаммоҳои методологии динамикаи баҳодиҳии сатҳи монетизатсия дохил мешавад:

1. Зарурати интихоби нишондиҳандаи мувофиқи миқдори (унсур) пули дар муомилотбуда ва танзими унсурҳо вобаста ба раванд;

2. Зарурати интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаи ҳаҷми иқтисодиёт вобаста ба вақт;

3. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии сатҳи монетизатсия, истифода аз таҳлилҳо, зарурати танзими унсурҳои пулӣ вобаста ба ҳолати бозор ва бозоргирӣ дар давраи муайян;

4. Банақшагирӣ вобаста ба танзими унсурҳои пулӣ ва тавассути он метавонанд, самти рушди ояндаи сатҳи монетизатсия ва устувории иқтисодиёти миллиро муайян намоянд;

5. Таҳияи ташаббусҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд баҳри ҳосил намудани боварӣ ба хизматрасонии бонкӣ;

6. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳо дар муҳити дохилӣ ва берунӣ.

**Адабиёт:**


1. Илларионов А.Н. Реальный валютный курс и экономический рост. Вопросы экономики. №2, 2002.
2. Бюллетени омори бонки 12 (270) 2017. с.18
3. Бюллетени омори бонки 7 (276) 2019. с.18.
4. Лаврушин О.И. Основы денежно кредитный политика: проблемы и решения // Банковские услуги. 2002, № 3.
5. Омори солонаи ҶТ соли 2019, саҳ. 14.
6. Тураева М.О. Сиёсати пулию-қарзӣ. Стратегия и развития Таджикистан. саҳ. 89.
7. Финансы. Денежное обрашение. Кредит: Учебник /по редакции профессора Г.Б. Полияка, 2003. - С. 31-45.
8. Ризокулов Т.Р. Проблемы инфляции в экономике Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2006.
9. Ризокулов Т.Р О некоторых монетарных факторах макроэкономической нестабильности в условиях становления рыночной экономики. Стратегия и развития Таджикистан. саҳ. 93, соли 2008.


## РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ КУНУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳимова М.П., Ибрагимова М.К.**
**Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе**

Фаъолияти соҳибкор яке аз омилҳои рушди иқтисодиёт дар замони ҳозира мебошад. Дар давлатҳои иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ хеле маъмул буда, қисми зиёди фаъолияти иқтисодиро таркиб медиҳад. Пас аз хусусигардонии моликият миқдори ками корхонаву ташкилотҳо давлатӣ буда, боқимондааш хусусӣ гардонида шудаанд. Намудҳои асосии фаъолияти соҳибкориро бизнеси хурд ва миёна ташкил медиҳад.

Соҳибкории хурд ва миёна ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисодиёт дар таъмини муътадилии рушди иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад. Мавҷудияти соҳаи рушдёфтаи соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёт боиси афзудани ҷойҳои нави корӣ, кам намудани шумораи бекорон мегардад, умуман, ҳалли мусбати масъалаи шуғли аҳолӣ мегардад. Дар натиҷаи баланд гардидани фаъолии соҳибкории аҳолӣ ба таври оммавӣ гурӯҳи миёнаҳоли соҳибмулкон ташаккул меёбад, ки он асоси таъмини устуворӣ дар ҷомеа буда, ба афзоиши ҷойҳои нави корӣ ва зиёд шудани воридоти андозҳо ба буҷет мусоидат менамояд. [12]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ дарбаргирандаи тамоми хусусиятҳо ва афзалиятҳои муносибатҳои бозорӣ буда, омили муҳимми тезонидани суръати рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкорӣ ҳамчун воситаи амалигардонии манфиатҳои иқтисодӣ баромад мекунад. Инчунин барои ғанӣ гардонидани бозор кумак карда, хизматрасониҳоро фароҳам меорад ва инчунин талаботи дигари бозорро низ қонеъ мегардонад. Дар ин сатҳ нақши асосиро барои беҳбуд бахшидани иқтисоди бозорӣ соҳибкории истеҳсолӣ иҷро мекунад. Метавон қайд кард, ки саҳми корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисод ва ташкили ММД дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон аз 50% то 70%-ро ташкил медиҳад. Чуноне ки таҳқиқот нишон дод, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда хеле дар сатҳи паст қарор дорад. Дар кишвари мо бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар солҳои 2018-2019 барои санҷишҳои мақомоти гуногун мораторий эълон гардида, илова бар ин, як қатор имтиёзҳои андозӣ ҷорӣ карда шудааст. 16 январи соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармонро «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба имзо расониданд. Мувофиқи ин фармон ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба истиснои санҷишҳои нақшавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, БМТ, Прокуратураи генералии ҶТ, Палатаи ҳисоби ҶТ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ба муҳлати ду сол мораторий эълон карда мешавад. Мақсади эълон намудани мораторий дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ буда, он барои таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои шаффоф ва мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Ҳукумати мамлакат вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорон ҳамасолаислоҳоти муҳимро дар самтҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла содагардонии расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорону сармоягузорон, такмили низоми андозбандӣ, содагардонии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ амалӣ менамояд.

Баҳри беҳтар гардонидани шароити пешбурди тиҷорат расмиёт, бақайдгирии соҳибкорӣ, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ тибқи низоми "Равзанаи ягона" ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷа, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 рӯз то 5 рӯз кам карда шуд. Ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва кам кардани шумораи иҷозатҳо ба рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт такони ҷиддӣ бахшида, дар кишвар феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҷорӣ карда шуд. Аммо таъкид месозам, ки имкониятҳои Тоҷикистон дар самти содироти маҳсулоти ниҳоӣ зиёданд ва соҳибкорону сармоягузоронро зарур аст,

[12] Фаррух Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2009. -112 саҳ.

ки малакаву имкониятҳои худро барои истеҳсол ва содироти маҳсулоти дорои қобилияти рақобат дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ ва ба даст овардани арзиши баланди иловагӣ равона намоянд.

Дастгирии молиявӣ-қарзӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ оид ба мусоидат намудан ба рушди соҳибкории хурду миёна ба шумор меравад, зеро он ба субъектҳои мазкур воситаҳои асосии ташкил ва маблағгузории фаъолияти соҳибкориро пешниҳод менамояд. Давлат ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ маҳз ба воситаи чорабиниҳои молиявӣ, мисол, бо роҳи ҷудо намудани қарз метавонанд ба кушода шудани корхонаҳои нав, таҷҳизонидан ва нав кардани воситаҳои асосии онҳо, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайра мусоидат намоянд.

Дар суханронии хеш Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 22.12.2017 дар Маҷлиси Олии ҶТ қайд намуданд, ки "Рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ ва ба анҷом расонида шудаанд, ки соли 2017 ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ 7,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки 51 фоизи онро сармояи мустақим ташкил медиҳад. Барои дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна ҳамасола аз буҷети давлат маблағҳои мақсаднок ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла танҳо дар соли ҷорӣ тавассути грантҳои Президенти Тоҷикистон барои рушди соҳибкории занон 8 миллион сомонӣ ҷиҳати оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он 15 миллион сомонӣ, Фонди давлатии дастгирии соҳибкорӣ 370 миллион сомонӣ ва Фонди дастгирии омӯзгорони ҷавон 8 миллион сомонӣ равона мегардад. Инчунин тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ то имрӯз дар 50 шаҳру ноҳияи кишвар барои 168 лоиҳаи тиҷоратӣ 243 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.

Вале бояд гуфт, ки дар самти фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорӣ ва дастгирии сохибкорӣ ҳоло ҳам баъзе монеаҳо ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, аз тадқиқоти илмӣ маълум гашт,ки ҳоло ҳам дар фаъолияти соҳибкорӣ, ки он яке аз самтҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад, муаммоҳо вуҷуд дорад. Аз ин хотир, барои таъмини рушди босуръати соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталифи бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ андешидани чорабиниҳо дар самтҳои зерин зарур мебошад:

- Ташкил намудани марказҳои иттилоотӣ ва таъмини соҳибкорон бо иттилоот дар навовариҳои илмӣ-техникӣ, таҷрибаи пешқадам ва вазъи бозори дохилию хориҷӣ;
- Боз ҳам содатар намудани раванди барасмиятдарории фаъолияти соҳибкорӣ ва такмил додани он дар асоси истифодабарии тарзи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои иҷозаддиҳӣ;
- Баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, ҳуқуқию иқтисодии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи ҳавсмандкунӣ, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзии касбӣ, гузаронидани семинарҳо ва суҳбатҳо аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ;
- Боз ҳам пурзӯр намудани дастгирӣ ва ҳимояи давлатии соҳибкори бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба имтиёзҳои андозию гумрукӣ, қарздиҳӣ, субсидия ва амалӣ намудани барномаҳои махсуси рушди соҳибкории хурду миёна.

**Адабиёт:**


1. Фаррух Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2009. -112 саҳ.
2. Нақши "Равзанаи ягона" дар пешбурди соҳибкорӣ. -Душабе, 2015.

3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 22 декабри соли 2017.

4. Форуми байналмилалии соҳибкорӣ - 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ».15.10.2018, шаҳри Душанбе.

5. Сомонаҳои интернетӣ.

## ОСНОВНЫЕ ФОНДЫ ПРЕДПРИЯТИЯ И ИХ ПОКАЗАТЕЛИ ОЦЕНКИ ДВИЖЕНИЯ

**Саидов А.А. - магистрант**
**Технологического Университета Таджикистана**

Современные условия хозяйствования и уровень конкуренции требует от предприятий повышения эффективности их деятельности, определяют способность предприятий к финансовому выживанию. Эффективность деятельности любого предприятия во многом характеризуется эффективностью использования его основного капитала. Максимальной отдачи можно достичь при условии рационального использования всех видов ресурсов, недопущения их перерасхода, потерь на всех стадиях кругооборота.

Исследованию анализа эффективности использования основного капитала посвящено множество работ отечественных и зарубежных ученых, таких как Н.В. Войтоловский, М.В. Мельник, А.Д. Шеремет, В.И. Стражев [5]. Экономические показатели, отражающие эффективность применения имущественных активов, помогают оценить, какую прибыль получило предприятие в соотношении с затраченными основными средствами. Вычисление таких показателей помогает выявить следующее:

1) степень рациональности использования имеющихся у предприятия основных фондов;
2) возможные недостатки и проблемы, связанные с использованием основных средств;
3) потенциал роста эффективности использования основных средств предприятия [3].

Существует две группы показателей, по которым оценивается эффективность использования основных средств - обобщающие и частные показатели. Обобщающие показатели оценивают эффективность использования основных средств как на макроэкономическом, так и на микроэкономическом уровне. Частные показатели помогают выявить рентабельность применения основных фондов непосредственно на конкретно взятом предприятии. Они отражают уровни влияния того или иного показателя на результаты функционирования основных средств. В данной статье рассмотрим обобщающие показатели эффективности использования основных фондов, так как они являются наиболее информативными.

К главным обобщающим показателям эффективности функционирования основных средств относятся следующие:

1) фондоотдача;
2) фондоемкость;
3) фондовооруженность труда;
4) рентабельность основных фондов производства [4].

Фондоотдача показывает уровень эффективности использования основных производственных фондов предприятия. На микроуровне фондоотдача показывает, как соотносится объем выпуска продукции за конкретно взятый период времени к средней стоимости основных фондов за тот же временной промежуток. Другими словами, фондоотдача показывает, сколько продукции получит предприятие с каждого рубля имеющихся у него основных фондов.

Отраслевой уровень в качестве объема выпуска будет использовать валовую добавленную стоимость, а общеэкономический — валовой национальный продукт. Фондоотдача рассчитывается по следующей формуле: , (1) где Фотд — фондоотдача; ВП — объем валовой продукции, выпущенной за конкретный период, в рублях; ОФ — средняя стоимость основных фондов за этот же промежуток времени.

Рациональное использование основных производственных фондов необходимо для увеличения производства общественного продукта и национального дохода. Повышение уровня использования основных фондов позволяет увеличить размеры выпуска продукции без дополнительных капитальных вложений и в более короткие сроки. Экономическим эффектом повышения уровня использования основных фондов является рост общественной производительности труда [7]. При неизменности объема валовой продукции фондоотдача может увеличиваться за счет следующих факторов: 1) повышение производительности оборудования; 2) увеличение коэффициента сменности работы оборудования; 3) улучшение использования мощности предприятия и времени его работы.

Фондоемкость — это показатель, обратный фондоотдаче, который показывает величину стоимости основных фондов, приходящуюся на единицу продукции, выпущенную предприятием. Другими словами, фондоемкость показывает, сколько рублей основных фондов было потрачено для производства 1 рубля продукции. С помощью фондоемкости можно спрогнозировать, какую сумму основных фондов нужно потратить, чтобы получать запланированный объем продукции. Фондоемкость рассчитывается по следующей формуле: (2), где Фемк - фондоемкость. При эффективном использовании основных средств фондоемкость снижается, что говорит об экономном использовании труда. Рост фондоемкости продукции может быть экономическим оправдан только в том случае, если он направлен на экономию сырья, материалов, топливно-энергетических и трудовых ресурсов, которые позволяют возместить потери от снижения фондоотдачи.

При расчете фондоотдачи из состава основных фондов выделяются рабочие машины и оборудование (активная часть основных фондов). Сопоставление темпов роста и процентов выполнения плана по фондоотдаче в расчете на 1 рубль стоимости основных промышленно-производственных фондов и на 1 рубль стоимости рабочих машин и оборудования показывает влияние изменения структуры основных фондов на эффективность их использования. Второй показатель в этих условиях должен опережать первый (если возрастает удельный вес активной части основных фондов).

Фондовооруженность труда показывает, какой объем основных средств приходится на каждого сотрудника, занятого в производстве. Фондовооруженность рассчитывается по следующей формуле: (3), где Фвоор - фондовооруженность труда; Чср - среднесписочная численность работников за анализируемый промежуток времени.

Увеличение фондовооруженности свидетельствует об увеличении эффективности использования основных производственных фондов предприятия, связанном с повышением производительности труда рабочего персонала [2]. Фондовооруженность и фондоотдача связаны между собой через показатель производительности труда: (4), где Пр - производительность труда. Отсюда фондоотдачу можно определить следующим образом: (5). Для повышения эффективности производства важно, чтобы был обеспечен опережающий рост производства продукции по сравнению с ростом основных производственных фондов. Рентабельность основных фондов производства показывает, какую прибыль предприятие получает результате использования каждого рубля основных фондов. Для расчета данного показателя применяется следующая формула: (6), где РОФ - рентабельность основных фондов; ЧП - чистая прибыль

предприятия за анализируемый период. Формула рентабельности основных средств отражает отдачу от инвестиций в данный актив.

При этом, чем больше рентабельность основных фондов, тем более эффективно их использование. Если показатель имеет тенденцию к уменьшению, то следует говорить о необходимости отказа от неэффективно функционирующих объектов основных средств.

Отслеживание показателя рентабельности в динамике дает возможность выявления убыточного производства и нерентабельных активов, помогает определить проблемные зоны производственных процессов, нуждающихся в оптимизации.

Если по результатам проведенных расчетов выявлено, что основные фонды используются рационально с повышающейся эффективностью, это оказывает положительное влияние на экономику в целом: 1) внутренний валовой продукт производится в большом количестве; 2) возрастает национальный доход; 3) увеличивается прибыль без привлечения дополнительных инвестиций; 4) сокращается длительность производственного цикла; 5) снижаются издержки производства [6]. Таким образом, основные фонды являются важной частью производственного потенциала предприятия.

От эффективности использования основных фондов зависят результаты работы всего предприятия. Поэтому мониторинг эффективности работы основных средств имеет важное значение для принятия управленческих решений.

**Литература:**


1. Гармаш К.Н. Анализ эффективности использования основных фондов // Economics, 2017. - № 3 (24). - с. 60–64.
2. Гунина И.А. Особенности системы планирования на промышленном предприятии / И.А. Гунина // Организатор производства, 2011. - № 4 (51). - с. 33–37.
3. Гунина И.А. Планирование деятельности и развитие экономического потенциала предприятия. Монография / И.А. Гунина. ГОУ ВПО «Воронежский гос. технический ун-т». Воронеж, 2009. - 213 с.
4. Гунина И.А. Экономический потенциал промышленного предприятия. Монография / И.А. Гунина. Воронеж, 2005. - 159 с.
5. Лукманова Г.К. Эффективность использования основного капитала предприятия // Аллея науки, 2018. - Т. 6. - № 10 (26). - с. 605-609.
6. Морозова А.М., Таиров Б.В. Аналитическая оценка эффективности использования основного капитала предприятия // Духовная ситуация времени. Россия XXI век, 2015. - № 2 (5). - с. 52–55.
7. Соломыкина К.С. К вопросу об эффективном управлении основным капиталом в коммерческих организациях // Экономика и бизнес: теория и практика, - 2017. - № 4-1. - с. 165-168.

# ОСНОВНЫЕ СРЕДСТВА, ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ И СТОИМОСТНАЯ ОЦЕНКА ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ФОНДОВ

**Саидов А.А. - магистрант**
**Технологического Университета Таджикистана**

В настоящее время главной составляющей процесса хозяйственной деятельности предприятия являются основные фонды. От их состояния зависит эффективность деятельности предприятия, качество производимой им продукции, оказываемых услуг и работ [1].

Существует множество определений понятия «основные фонды предприятия». Каждый автор, занимающийся исследованиями в сфере хозяйственной деятельности, старается высказать свою точку зрения, акцентируя внимание на наиболее значимых, по его мнению, моментах. Примечательно то, что «основные фонды» и «основные средства» рядом ученых отождествляется, и в равной степени применяются оба термина.

Проанализировав ряд источников [2-7], можно представить собственное определение изучаемого понятия. Таким образом, основные фонды предприятия - часть имущества, представляющая собой средства труда, которая служит более одного года и переносит свою стоимость на произведенную продукцию частями.

Одним из главных условий успешного функционирования предприятия служит состояние и эффективность использования основных средств.

В составе основных средств учитываются также: капитальные вложения на коренное улучшение земель (осушительные, оросительные и другие мелиоративные работы); капитальные вложения в арендованные объекты основных средств; земельные участки, объекты природопользования (вода, недра и другие природные ресурсы) [1].

В настоящее время используют систему учета основных средств производства, которая состоит из натуральных и стоимостных показателей (Рисунок).

Для определения объема и структуры капитальных вложений, учета, анализа и планирования необходима стоимостная (денежная) оценка основных средств.

Оценка основных средств - это денежное выражение, которое определяет их стоимость.

Необходимость стоимостной (денежной) оценки основных фондов проявляется в определении их общей величины, состава и структуры, динамики, суммы амортизационных отчислений, а также оценки экономической эффективности их использования.

Стоимостная оценка основных средств производится несколькими методами:

1. *По первоначальной стоимости.*

Первоначальная стоимость - это сумма текущих затрат предприятия на приобретение, доставку и доведения до рабочего состояния основных средств. По первоначальной стоимости основные средства учитываются и оцениваются в ценах тех лет, когда они были созданы.

2. *По восстановительной стоимости.*

Восстановительная стоимость - это стоимость воспроизводства основных средств в современных конкретных эксплуатационных условиях. Восстановительная стоимость показывает, сколько денежных средств пришлось бы затратить предприятию в данный момент времени для замены имеющихся изношенных в той или иной степени основных средств такими же, но новыми.




**Рис. 1 Система показателей основных средств производства.**

3. *По остаточной стоимости.*

Остаточная стоимость - это стоимость, еще не перенесенная на готовую продукцию.

Основные средства учитываются на предприятии по первоначальной стоимости, а после переоценки по восстановительной стоимости. В балансе предприятия основные средства отражаются по остаточной стоимости.

В ходе процесса работы основные средства подлежат износу, на которые оказывают влияние материальные и нематериальные факторы.

Износ - это процесс старения и потери первоначальной стоимости основных средств.

Существуют такие виды износа:

1. *Физический износ* - это утрата стоимости в следствии изменения физических, механических и других свойств основных средств.

2. *Моральный износ* делится на:

- моральный износ I-го рода - это утрата стоимости вследствие возникновения более доступных идентичных средств труда, которые связаны с научно-техническим прогрессом.

- моральный износ II-го рода - это потеря стоимости из-за образования сверх производительных и технически совершенных средств труда.

3. *Социальный износ* - это утрата стоимости в следствии того, что новые основные средства обеспечивают наивысший уровень социальных требований (комфортность, безопасность, эргономичность).

4. *Экологический износ* - это потеря стоимости в следствии усиления стандартов в области охраны окружающей среды.

5. *Частичный износ* - он наступает из-за неравномерного износа отдельных элементов основных средств и компенсируется путем ремонта.

6. *Полный износ* -это полное обесцениванию основных средств, когда их дальнейшее использование убыточно или невозможно. В подобной ситуации основные средства ликвидируются и заменяются новыми.

Амортизация - это процесс переноса стоимости основных средств на готовую продукцию и возмещение этой стоимости в процессе реализации продукции.

Амортизационные начисления - это величина стоимости, включаемая посредством амортизации в издержки производства.

Существуют следующие методы начисления амортизационных отчислений:

1. Прямолинейный метод.
2. Метод уменьшения остаточной стоимости.

3. Метод ускоренного уменьшения остаточной стоимости.
4. Кумулятивный метод (метод суммы лет).
5. Производственный метод.

Можно сделать вывод о том, любая деятельность предприятия невозможна без использования основных средств. К главному предназначению учета основных средств является повышение эффективности их использования, а также контроль использования и обеспечение их сохранности. Любое имущество имеет такое свойство как изнашиваться, приходить в негодность, а в бухгалтерском учете учитывается своевременное определение целостности расходов на их ремонт, списание и амортизацию. Основные фонды оказывают огромное влияние на работу субъекта хозяйствования, без них и их модернизации предприятие не сможет выпускать рентабельную и конкурентоспособную продукцию, а также сохранять свою позицию на рынке.

**Литература:**

1. Васильева Д. О., Блажевич О. Г. Необходимость анализа эффективности использования основных средств для оценки экономической безопасности предприятия // Финансово-экономическая безопасность регионов России: сборник материалов I международной научно-практической конференции (г. Симферополь — г. Феодосия, п. г. т. Коктебель, 7 октября 2016 года). Симферополь: Крымский федеральный университет им. В. И. Вернадского, 2016. С. 152-154.

2. Баскакова О. В., Сейко Л. Ф. Экономика предприятия (организации): учебник. М.: Дашков и К°, 2013. 372 с.

3. Матиевич А. С. Исследование сущности и способов воспроизводства основных фондов // Вестник науки Сибири. 2012. №3 (4). С. 188-192.

4. Кулагина А. А. Понятие и сущность основных производственных фондов // Экономика и бизнес: теория и практика. 2016. №2. С. 75-77.

5. Шеховцов В. В., Абакумов Р. Г. Генезис теоретических представлений сущности и экономического содержания основных средств // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. 2013. №1 (45). С. 124-129.

6. Шальнова П. В. Экономическое определение основных средств в современном учете // Наука XXI века: актуальные направления развития. 2016. №1-1. С. 609-612.

7. Антонова О. В. Оценка основного и оборотного капитала предприятия на основе финансовой отчетности // Фундаментальные и прикладные исследования кооперативного сектора экономики. 2014. №4. С. 53-62.

## ПРОБЛЕМА ОЦЕНКИ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПРОЕКТА В УСЛОВИЯХ НЕОПРЕДЕЛЕННОСТИ И РИСКА

**Саидов А.З. - магистрант**
**Технологического Университета Таджикистана**

Инвестиционный проект разрабатывается на базе вполне определенных предположений относительно капитальных и текущих затрат, объемов реализации произведенной продукции, цен на товары, временных рамок проекта. Необходимо отметить, что вне зависимости от качества и обоснованности этих предположений будущее развитие событий, связанных с реализацией проекта, всегда неоднозначно. Это основная аксиома любой

предпринимательской деятельности. Поэтому практика инвестиционного проектирования рассматривает, в числе прочих, аспекты неопределенности и риска.

Неопределенность - неполнота и неточность информации об условиях реализации проекта; риск - возможность возникновения таких условий, которые приведут к негативным последствиям для всех или отдельных участников проекта. Показатели эффективности проекта, исчисленные с учетом факторов риска и неопределенности, именуются ожидаемыми.

Неопределенность - это объективное явление, которое, с одной стороны, представляет условие любой предпринимательской деятельности, в другой - причину постоянной «головной боли» любого предпринимателя.

Полное исключение неопределенности, т.е. создание однозначных условий протекания бизнеса - сколь желаемое для каждого предпринимателя явление, столь и невозможное. В то же время неопределенность нельзя трактовать только как негативное явление. В «мутной воде» рыночной экономики неопределенность может сулить дополнительные возможности, которые не были видны в самом начале инвестиционного проекта. В целом же фактор неопределенности оценивается со знаком «минус» в предпринимательской деятельности.

Дар радифи ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабҳаҳои таъмини иҷтимоиёти аҳолӣ, танзими ҳуқуқи соҳибкории муосир, рушди муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, муҳими давлатӣ мустаҳкам карда шудааст. Аз моҳияти ҳуқуқии ба миён омадани субъектони фаъолияти соҳибкорӣ бармеояд, ки онҳо бо мақсади қонеъ намудани талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра таъсис дода мешаванд. Чунончӣ, мувофиқи мазмуни моддаи 118-уми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) [3] **кооперативи тиҷоратӣ – иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии бо тартиби муқарраргардида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, …таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад.** Ҳамчунин, фонди ҷамъиятӣ ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятнадоштае эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё шахси ҳуқуқӣ дар асоси пардохтҳои ихтиёрии молу мулки таъсисгардида, мақсадҳои хайрия, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё мақсадҳои дигари умумии муфидро пеш гирифтааст (моддаи 130-уми КГ ҶТ). Ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад (моддаи 132-уми КГ ҶТ).

Ҳамин тавр, ҳар кадом субъектони ҳуқуқи соҳибкорӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятӣ баҳри таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шуда фаъолият менамоянд. Дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ қонунгузории ҷорӣ талаботи мушаххасро муқаррар намудааст. Баҳри таъмини манфиатҳои иҷтимоии халқ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои давлатӣ қабул карда мешаванд. Яке аз онҳо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[4] мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар гардидааст, ки масъалаҳои таъмини идоракунии демократӣ дар мамлакат, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва вусъатдиҳии имкониятҳои инсон аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд дошт. Тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат, беҳсозии обтаъминкунӣ, ҳолати санитарӣ ва таркиби ғизохӯрӣ, коҳишдиҳии сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар тамоми шаклҳои он, аз ҷумла масоили устувории экологӣ ҳамчун самтҳои муҳимми фаъолияти ниҳодҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ хоҳанд шуд [9, с. 6-7].

Дар ин санад пешбинӣ гардидааст, ки биниши ояндаи дарозмуҳлати кишварамон - нигаҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум бетағйир боқӣ мемонад.

Ислоҳот дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳои иҷтимоӣ дар такя ба натиҷаҳои назарраси бадастомада оид ба истифодаи равишҳои нави идоракунии рушди сармояи инсонӣ равона мегардад. Ҳалли асосӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ташаккулёбии табақаи миёна алоқаманд хоҳад буд.

Боиси қайд аст, ки низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои рушди сармояи инсонӣ шароит фароҳам меоварад. Мушкилоту афзалиятҳо дар ин самт пешбинӣ гардидаанд. Мушкилоти асосӣ аз инҳо иборат буда чунин самтҳоро дарбар гирифтааст: афзоиши сарбории иҷтимоии буҷет ва эҷоди хавф барои суботи фискалӣ дар оянда; имкониятҳои

маҳдуди таъмини ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат, аз ҷумла бо кӯдакон; таҳия нашудани стандартҳои минималии иҷтимоӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ; рушд наёфтани заминаи институтсионалии низоми суғуртаи нафақа ва ғайра.

Афзалиятҳои асосӣ дар самти рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз инҳо иборатанд: таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ; таъмини устувории дарозмуҳлати низоми нафақа; таъмини таҳкими ҷанбаҳои муҳофизат ва ҳавасмандгардонии имкониятҳо дар самтгирии ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ.

Бахри ноил гардидан ба мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар таъмини манфиатҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари илмӣ зарур ҳисобида мешаванд:

1) ташаккул ва рушди механизмҳои таҳкими кумаки унвонӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат;

2) ташкили махзани ягонаи электронии маълумот оид ба қабулкунандагони кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ;

3) бунёд ва ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» дар раванди бақайдгирӣ ва бурдани шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои оптималии маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

4) таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии иҷтимоӣ, аз ҷумла бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ;

5) рушди механизмҳои ҳавасмандгардонии самтгирии низоми трансфертҳои пулӣ ба сармоягузорӣ дар неруи инсонӣ;

6) таҳияи низоми ҷалби дороиҳои ғайридавлатӣ (ҳам ташкилотӣ ва ҳам молиявӣ) дар раванди ҳифзи иҷтимоӣ;

7) ташкил ва ҷорӣ намудани низоми устувори машваратҳои психологӣ, тиббӣ ва педагогӣ.

Самтҳои пешбинигардидаи ҳадафҳои давлат нисбати таъмини иҷтимоиёт дар татбиқи худ андешидани чораҳои дақикро тақозо дорад. Ҳарчанд меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, санадҳои муҳимми давлатӣ асосҳоро пешбинӣ намуда бошанд ҳам, таъмини иҷтимоиёт аҳолӣ аз амал, фаъолияти мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо вобастагии калон дорад.

Масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин мувофиқи «Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028»[5], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013 № 288 тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ, таъмини мақоми сазовори инсон дар ҷомеа, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, муайян кардани дурнамоҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, омӯзиши раванди иҷтимоикунонии шахсият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, ки ба рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол равона гардидаанд, дар навбати худ ба устувор намудани принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯмак мекунанд. Баҳри дар амал татбиқ намудани мақсадҳои консепсияи мазкур омилҳои зарурӣ таъсир мерасонанд.

Аз ин ҷост, тибқи муқаррароти банди 24-уми Консепсияи мазкур дар асоси дигаргуниҳои мусоид дар Тоҷикистон омилҳои зарурии иҷтимоӣ ташаккул ёфта, сатҳи таъмини моддии шаҳрвандон баланд мегардад ва нобаробарии иҷтимоӣ хеле коҳиш меёбад. Дар сохтори иҷтимоии ҷомеа синфи миёна ташаккул меёбад, ки намояндагии он дар

институтҳои давлатӣ таҳияи механизмҳои роҳбарии демократиро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, чунин заминаи зарурии раванди демократикунонӣ, ҳамчун сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, ки ба дарк ва арзёбии равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона шудааст, аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Ҳамин тавр, раванди иҷтимоисозӣ ин ҷараёни ташаккулёбии шаҳрванд бо роҳи азхуд кардани мафҳумҳо, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин малакаҳои амалисозии онҳо дар шароити мушаххаси таърихӣ ва давлатию миллӣ мебошад. Раванди мазкур бояд ба вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва азнавсозии сиёсии ҷомеа комилан мувофиқ бошад.

Мақсади асосии таҳқиқоти рушди инсон, қабл аз ҳама, аз он иборат аст, ки он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бояд ҳамчун заминаи ҳар чӣ бештари илмии пешравии ақлонӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии инсон, ташаккули фарҳангу маърифат ва болоравии сатҳи таъминоти молиявӣ, ташаккули дарки масъулиятшиносӣ хизмат намояд. Мақсади Консепсия - таҳлили илмии заминаҳои ба даст овардани мизони муносиби рушди самтҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва сиёсии Тоҷикистон ҳамчун заминаи рушди устувори ҷамъият, инсон, давлат, болоравии сатҳи зиндагӣ, таъмини принсипҳои демократия мебошад.

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, пурзӯр гардидани рақобатнокии субъектони соҳибкорӣ бевосита аз меъёрҳои Конститутсия сарчашма мегиранд. Дар ин самт нақш ва мавқеи ҳукумати кишвар бениҳоят калон мебошад. Аз мазмуни моддаи 73-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ нақши калон ва ҳалкунандаро мебозад. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистони муосир зарурати замони имрӯза мебошад. Соҳибкорӣ моҳиятан шакли пешбарандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, баҳри баланд бардоштани иқтидори моддӣ, иҷтимоӣ, маънавии ҷамъият мусоидат менамояд, заминаи асосии амалигардонидани маҳорат ва лаёқати ҳар шахсро ташаккул дода, баҳри муттаҳидсозии миллат, нигаҳдошти рӯҳия ва шарафи миллӣ ҳидоят менамояд. Аз моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ, самаранокии рушди он фаровонии бозори истеъмолӣ, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, иҷроиши корҳои муҳим ва хизматрасонӣ, ки баҳри таъмини ҳаёт ва саломатии инсон равона мегарданд, таъмин карда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Паёми Сомониён, 2017.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26.12.2019. // www.president.tj (санаи муроҷиат 21.01.2020с.)
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни расмӣ). Қ.1, 2, 3. – Душанбе: Қонуният, 2018.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // www.mehnat.tj/mehnat/wp-content/uploads/files/Strategiya_tojik-.pdf (санаи муроҷиат 10.02.2020с.)

5. Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 // www.president.tj (санаи муроҷиат 22.03.2020с.)
6. Исмоилов Ш. М., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 600 с.
7. Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ, қ.1. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 286с.
8. Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, қ. 1. –Хуҷанд: Ношир, 2018. – 520с.
9. Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 560с.
10. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳр. проф. М. А. Маҳмудов. -Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 612 с.

## ДАСТГИРИИ РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафоев Ҳ.С., Қурбонов С.Ф.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба принсипҳои шарикии давлат ва тиҷорат дар дохили кишвар ва дастгирии давлатии сармояи миллӣ дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ асосёфта нигаронида шудааст, таъсир мерасонанд.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ кишварро барои ҳамгиройӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин таҷрибаи зарурӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дастгирӣ менамояд. Бояд қайд кард, ки ин шарикӣ истифодаи усулҳои дипломатияи иқтисодиро барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад, яъне давлат дар якҷоягӣ бо корпоратсияҳои фаромиллӣ дар заминаи глобалӣ кор мекунад, ки ин нигоҳдорӣ ва афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки рушди даврии иқтисодиёт ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таври баробар таъсир намекунад, зеро иқтисоди бозаргонӣ ноустувор аст. Масалан, пас аз давраи рушди бомуваффақияти саноат, инчунин шукуфоии умумии иқтисодӣ, ҳамеша давраи таназзул ба назар мерасад.

Афзоиши соҳибкории тиҷорӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири мусбат мерасонад ва баръакс, зуҳуроти бuҳронӣ, чун қоида, ба мавқуфгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва барномаҳои мақсаднок оварда мерасонад. Дар ин давраҳо, лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҳавасманд кардани талабот ҳамчун як имконияти иловагӣ барои ба эътидол овардани иқтисодиёт, тақсимот ва ба ин васила коҳиш додани хавфҳое, ки дар давраи буҳрон барои шарикон меафзоянд, имконият дода, ҷалби маблағҳои дарозмуддатро дар лоиҳа таъмин мекунанд.

Шароити мусоиди ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъмин будани ҷумҳурӣ бо захираҳои табиӣ ва вазъи мусоиди иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ мебошад.

Қайд кардан муҳим аст, ки иқтидори бузурги табиӣ-захиравии ҷумҳурӣ доираи истифодаи имконпазири шарикии давлат ва бахши хусусиро ба самти истифодаи мувофиқи захираҳои мавҷуда афзоиш медиҳад, зеро механизмҳои ин шарикӣ, ки тиҷорати бомуваффақияти тадқиқоти илмиро таъмин мекунанд, метавонанд воситаи таҳия ва татбиқи технологияҳои нав бошанд.

Ғайр аз он, шартҳои субъективӣ ҳама шартҳои иҷозатдодашударо, ки хусусияти иштирокчиёни шарикро муайян мекунанд, дар бар мегиранд. Бояд қайд кард, ки мақомоти

давлатӣ ташаббусро барои таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ҷалби соҳибкорӣ ба татбиқи муштараки лоиҳаҳо оид ба хизматрасонӣ ба резидентҳо ба зиммаи худ мегиранд. Таҳлили фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи инфрасохтор нишон медиҳад, ки онҳо вазифадоранд ташаббус нишон диҳанд, масъулияти иҷтимоии тиҷоратро дар назди ҷомеа муайян кунанд ва инчунин дорои захира ва потенсиали зарурӣ бошанд.

Илова бар ин, мувофиқи принсипи равиши институтсионалӣ ҷудо кардани шароити расмӣ ва ғайрирасмӣ дуруст мебошад, ки дар онҳо шартҳои расмӣ барои ташаккули шарики давлат ва тиҷорати хусусӣ аҳамияти назаррас доранд: меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳо, заминаи меъёрию ҳуқуқии коркардшуда, пешгӯишаванда ва боэътимоде, ки манфиатҳои бизнес ва гирандагони хизматрасониҳоро ҳимоя мекунад, инчунин эҳтимолияти иштироки сохторҳои хусусиро дар расмиёти ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя мекунад ва дастрасии онҳоро ба раванди қабули қарорҳо таъмин менамояд.

Инчунин бояд қайд кард, ки барои рушди шарикӣ дар ҷумҳурӣ мавҷудияти ҳуҷҷатҳои барномавӣ, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро муайян мекунанд, инчунин самтҳои афзалиятноки оғоз ва дастгирии ин шарикиро муайян мекунанд, тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 326 516 адад субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба соли 2018-ум 10 630 адад ва ё 3,4 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, соҳибкорони инфиродӣ 295 586 адад дар миқёси ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба соли 2018-ум 10 873 адад ва ё 3,8 фоиз зиёд гардидааст.

Аз ҷумла:

- соҳибкорӣ бо патент, 105 371 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018-ум 4 004 адад ва ё 3,9 фоиз зиёд гардидааст;

- соҳибкорӣ бо шаҳодатнома, 34 606 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018-ум 1 034 адад ва ё 3,1 фоиз зиёд гардидааст;

- хоҷагиҳои деҳқонӣ, 155 608 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018-ум 5 834 адад ва ё 3,9 фоиз зиёд гардидааст.

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, шахсони ҳуқуқӣ дар соли 2019 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 30 930 адад ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба соли 2018-ум -243 адад ва ё -0,8 фоиз кам шудааст.

**Диаграммаи 1.**

Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ то 1 декабри соли 2019 ва 2018




*Сарчашма:* МД “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар давоми соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 25 748 адад субъекти соҳибкорӣ барҳам хӯрдааст. Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкории барҳамхӯрда 1402 ададро шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 126 адад ва ё 9,9 фоиз зиёд мебошад.

**Ҷадвали 1.**

Маълумот оид ба шумораи субъектҳои хоҷагидории бақайдгирифташуда, азнавбақайдгирифташуда, барҳамхӯрда дар мақомоти андози ҷумҳурӣ дар солҳои 2019 ва 2018

| Намуди бақайдгирӣ | шахсони ҳуқуқӣ соли 2019 | шахсони ҳуқуқӣ соли 2018 | Шумора | % | соҳ. инфиродӣ соли 2019 | соҳ. инфиродӣ соли 2018 | Шумора | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъсисёбӣ | 1154 | 1213 | -59 | 4,8 | 35219 | 40891 | -5672 | 13,9 |
| Азнавбақайдгирӣ | 4 | 29 | -25 | -86,2 | 0 | 3 | -3 | -100 |
| Барҳамхурда | 1402 | 1276 | 126 | 9,9% | 24347 | 26274 | -1927 | -7,3 |

*Сарчашма:* Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019.

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкории барҳамхӯрда 24 347 ададро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2018-ум 1927 адад ва ё 7,3 фоиз кам шудааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз сабабҳои асосии барҳамхурии субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан шахсони ҳуқуқӣ ин сарбории андозӣ, санҷишҳои барзиёди мақомоти санҷишӣ, ба рақобати шадид тоб наовардани субъектҳои соҳибкорӣ, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ ва дастрасии маҳдуд ба сарчашмаҳои молиявӣ ба шумор меравад. Дар ин давра 36 373 адад субъектҳои соҳибкорӣ таъсис ёфтааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 5731 адад ва ё 13,6 фоиз кам мебошад.

Дар натиҷа дар миқёси мамлакат миқдори субъектҳои соҳибкории навтаъсис дар соли 2019-ум 10 630 ададро ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 3956 адад ва ё 27,1 фоиз кам аст. Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, ба ташкилотҳои қарзӣ баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарзҳо ба муштариёни боэътимод, аз ҷумла додани қарзҳои хурди дорои фоизи паст ба соҳибкорон аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда мусоидат намоянд. Бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тавассути воҳидҳои сохтори худ ба аҳолӣ хизматрасониҳои бонкиро дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ пешниҳод менамоянд. Дар қаламрави ҷумҳурӣ 17 бонк ва 59 ташкилоти маблағгузории хурд (22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 31 фонди қарзии хурд) фаъолият менамоянд. Ба ҳолати 31 ноябри соли 2019 миқдори марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ 1495 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 159 адад зиёд мебошад. Ин имкон медиҳад, ки дастрасии аҳолӣ, аз ҷумла соҳибкорон ба хизматрасониҳои бонкӣ, барои гирифтани қарз бештар гардад.

Шароити рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ инчунин метавонад иқтисодӣ ва ғайри иқтисодӣ бошанд. Ба гурӯҳи иқтисодӣ шароити дахлдоре мансуб мешаванд, ки аз сифати онҳо самаранокии такрористеҳсоли иҷтимоӣ, яъне ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтор, тиҷорати хурд, илм ва маориф, ташаккули институтҳои молиявӣ ва пулӣ, устувории иқтисодиёт, сатҳи таълим ва омодагии шарикон вобаста аст. Ин шартҳо ба хусусияти муҳити зист, ки дар он сохторҳои соҳибкории хусусӣ фаъолият мекунанд, таъсир мерасонад. Шароити ғайрииқтисодии ташаккули шарики давлат ва бахши хусусӣ шароити сиёсиву иҷтимоии ҷумҳуриро инъикос мекунад.

Аз ин рӯ, ҷалби захираҳои молиявӣ дар доираи лоиҳаҳои муштараки давлат ва соҳибкорӣ аз сатҳи хавфҳои сиёсӣ дар кишвар вобаста аст.

Ҳамзамон, шароити иҷтимоӣ барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавассути созмонҳои иҷтимоии ҷомеа инкишоф меёбанд ва бо самаранокии фаъолияти системаи институтҳои иҷтимоӣ, хусусияти ҳаракати иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ ва манфиатҳо муайян карда мешаванд.

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-ноябри соли 2019 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба маблағи 8,2 млрд. сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (6,7 млрд. сомонӣ) ба андозаи 1,5 млрд. сомонӣ ва ё 22,8 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ додашуда маблағи 5,8 млрд. сомонии он ба соҳаи соҳибкорӣ рост омад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 619,3 млн. сомонӣ ва ё 11,9 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳибкорони истеҳсолӣ дар моҳҳои январ-ноябри соли 2019-ум 3,2 млрд. сомониро ташкил дода, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 15,9 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда, ба соҳаҳои саноат 12,7 фоиз, кишоварзӣ 14,5 фоиз, сохтмон 9,1 фоиз, хизматрасонӣ 14,5 фоиз, савдои хориҷӣ 16,2 фоиз нақлиёт 0,8 фоиз, истеъмолӣ 28,5 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 0,4 фоиз, миёнаравии молиявӣ 0,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,4 фоиз рост меояд. Соҳибкории хурду миёна дар кишвар яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба вусъатёбии бахши воқеии иқтисодиёт, таҳкими иқтидори содиротии кишвар, паст намудани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Қарзҳои хурди додашуда дар моҳҳои январ-ноябри соли ҷорӣ 5,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,0 фоиз зиёд мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки бо мақсади беҳтарсозии муҳити соҳибкорие, ки ба рушди иқтисод ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад, аз ҷониби муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз оғози фаъолият то имрӯз ба 185 субъекти соҳибкории ҷумҳурӣ ба маблағи 264 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки давлатӣ дода шудааст, ки беш аз 1500 нафар ба ҷойҳои нави корӣ фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла дар давраи ҳисоботӣ барои амалишавии 21 лоиҳаҳои соҳибкорон ба маблағи 44,3 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар самти интихоби лоиҳаҳои тиҷоратӣ ба минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ афзалият дода шуда, лоиҳаҳои асоснокшуда дар доираи воридоти технологияи нав дастгирӣ карда мешаванд.

Ҷиҳати дастгирии соҳибкорзанон ва баланд бардоштани нақши занон дар рушди соҳибкорӣ санаи 30 апрели соли 2019 дар муассисаи давлатии “Китобхонаи миллии Тоҷикистон” Форуми занони соҳибкор дар сатҳи Осиёи Миёна бо унвони “Вақти муваффақияти комил” бо иштироки сиёсатмадорон, намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибкорону намояндагони ширкатҳои гуногун аз давлатҳои Осиёи Миёна низ иштирок

намуданд, ки масъалаҳои ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар дида баромада, дар оянда ҳамкориро бо корхонаю ташкилотҳои тоҷикистонӣ ба роҳ хоҳанд монд.

Санаи 28 - 29 майи соли 2019 дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо мақсади иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018, №624 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзиислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо намояндагони мақомоти марбутаи давлатӣ ва намояндагии Агентии Япония оид ба ҳамкории байналхалқӣ (JICA) мизи мудаввар дар мавзӯи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ ва технологияҳои информатсионӣ» баргузор гардид. Дар маҷмӯъ, дар доираи форум 9 санади ҳамкорӣ, аз ҷумла «Созишномаи қолабӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи байналмилалии исломӣ оид ба маблағгузории тиҷорат (ITFC)» (150 млн. долл. ИМА), «Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати дорои масъулияти маҳдуди «Каши Синюй Дади Майнинг» оид ба коркарди захираҳои маъдани нуқраи кони «Якҷилва»-и ноҳияи Мурғоби ВМКБ (39 млн. долл. ИМА), Ёддошти тафоҳум оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ бо ширкати «Тибет-Эверест», «Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ва ҶДММ «Ориён-Рустам» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ» (17 млн. долл. ИМА), Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва вилояти Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Утоқи тиҷорат ва саноати вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Шартномаи ҳамкории сетарафа миёни Палатаи савдо ва саноати вилояти Хатлон, Палатаи савдо ва саноати вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва Ассотсиатсияи Агробизнеси Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Бонки сармоягузории муттаҳид» Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ  байни КВД «Маркази дастгирии кишоварзии вилояти Хатлон» ва ООО «Хороший дискоунтер»-и шаҳри Красноярски Федератсияи Россия ба имзо расонида шуданд.

Инчунин 6-7 августи соли 2019 дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Форуми байналмилалии сармоягузории Помиринвест - 2019 баргузор шуд.

Дар Форуми мазкур беш аз 150 нафар иштирокчӣ, аз ҷумла роҳбарону масъулони мақомоти давлатӣ, сармоягузорон аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Олмон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, доираҳои соҳибкории шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон иштирок намуданд.

Ҳамзамон дар доираи чорабинӣ намоишгоҳи молу маҳсулот баргузор карда шуда, навори видеоии имкониятҳои сармоягузории Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба намоиш гузошта шуд.

Сипас чорабинӣ дар се панели алоҳида дар мавзӯъҳои "Роҳҳо ва усулҳои такмили сиёсати давлатӣ дар самти сармоягузориву соҳибкорӣ дар ВМКБ", "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили суръатбахши саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Имкониятҳои рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ" кори худро идома намуд.

Дар доираи мулоқоти соҳибкорон бо соҳибкорон (B2B) имкониятҳои ба роҳ мондани ҳамкорӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Дар доираи баргузории Форуми байналмилалии сармоягузории Помиринвест – 2019 рӯзҳои 7–8 август як қатор чорабиниҳои дигар, аз ҷумла шиносоӣ бо имкониятҳои сайёҳии вилоят, боздид аз корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар чорабиниҳои марбут ба муаррифии имкониятҳои сармоягузорию соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон баргузор карда шуд. Дар доираи Форум байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Фонд барои зиндагии беҳтар дар Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум оид ба таъсиси корхонаи истеҳсоли либосворӣ дар шаҳри Хоруғ ба имзо расонида шуд, ки истеҳсоли то 50 ҳазор дона либосро дар 1 сол дар бар мегирад. Татбиқи лоиҳа дар се марҳила амалӣ карда мешавад. Инчунин аз ҷониби сармоягузорон 8 лоиҳаи хурди тиҷоратӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои “Бунёди коргоҳи дузандагӣ дар шаҳри Хоруғ” (15000 доллари ИМА), занбӯрпарварӣ дар ноҳияи Шуғнон (48000 доллар), мурғпарварӣ дар ноҳияи Шуғнон (25000 доллар), коргоҳи истеҳсоли мебел дар шаҳри Хоруғ (80000 доллар), коргоҳи истеҳсоли сангҳои сунъӣ барои сохтмон дар шаҳри Хоруғ (80000 сомонӣ), коргоҳи коркарди меваю сабзавот дар ноҳияи Шуғнон (11000 доллар), нигоҳдории меваю сабзавот дар ноҳияи Ванҷ (95000 доллар) ва қутоспарварӣ дар ноҳияи Роштқалъа (19000 доллар) интихоб карда шуданд, ки пас аз самаранок арзёбӣ гардидани онҳо маблағгузорӣ карда мешаванд.

Бо мақсади иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 1 июли соли 2019 дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо иштироки муовини якуми Сарвазири мамлакат, Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ҷаноби Сума Чакраборти роҳбарияти вазорату идораҳо, намояндагони бахши хусусӣ, соҳибкорон ва воситаҳои ахбори омма вобаста ба масъалаҳои рушди бахши хусусӣ ва ҳамгироии минтақавӣ воҳӯрӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ меҳмонон, намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва бахши хусусию соҳибкорон ширкат намуданд. Дар рафти воҳӯрӣ мубодилаи афкор байни иштирокчиён баргузор гардид. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид феҳрист ва харитаи лоиҳаҳои эҳтимолии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (шаҳодатномаи 104 лоиҳа) бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҳар чӣ бештари сармоягузорон таҳия ва дар сомонаи муассиса ҷойгир карда шуд. Мониторинги татбиқи 4 лоиҳаи амалишавандаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ гузаронида шуда, аз натиҷаи он ба муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ (аз 29 майи соли 2019, №1-4Г/427) гузориши муфассал пешниҳод карда шуд. Вобаста ба муаррифӣ ва вусъат бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар нимаи дуюми соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Данғара, Истаравшан, Хуҷанд, Хоруғ ва Рашт семинарҳои омӯзишӣ дар мавзӯи “Шарикии давлат ва бахши хусусӣ – воситаҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии маҳал” гузаронида шуданд.

Бо мақсади рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-18 декабри соли 2019 мизи мудаввар дар мавзӯи “Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати пешбурди ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шуд, ки дар кори он зиёда аз 130 нафар кормандони вазорату идораҳо, шарикони рушд ва соҳибкорон иштирок намуданд.

Айни замон 5 лоиҳаи эҳтимолии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар баррасии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор доранд, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба ҷаласаи навбатии Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Адабиёт:**

1. Варнавский В. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски / В. Варнавский; Ин-т мировой экономики и международный отношение. - М.: Наука, 2005. – 305 с.

2. Дададжанова Н.М., Каландаров И.Э., Сафоев Х.С. Роль государтсвенно-частного партнерства в механизме государственного регулирования инвестиционным процессом // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: СИНО, 2020. - № 4. Қисми 2. саҳ.178-186. (0,5 ҷ.ч.). (дар ҳаммуаллифӣ, муаллиф – 0,20 ҷ.ч.).

3. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» от 15 марта 2016 г., №1299

4. Зоҳири Тоҷиддин. Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ). Диссертатсия. - Душанбе: ДДМИ, 2020. 193с.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ш. Душанбе, аз 3 июни соли 2013, № 250.

## ОСОБЕННОСТИ СИСТЕМЫ СТРАХОВОГО РИСК-МЕНЕДЖМЕНТА В МАЛЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Содиков Р.Х.**
**Технологического университета Таджикистана**

Малые предприятия являются основным передаточным механизмом развития частной инициативы экономического роста и одним из главных источников рабочих мест. Развитие малого бизнеса является необходимым условием решения комплекса социально-экономических задач, а именно: переход к инновационному типу экономического развития, насыщение рынка товарами и услугами, повышение уровня занятости и благосостояния населения, пополнение бюджетов разных уровней за счет налоговых поступлений, развитие конкуренции, повышение гибкости и адаптации экономики. Малые предприятия служат основой развития крупного бизнеса. Инновационность малых предприятий является уникальным ресурсом [9].

Как свидетельствует мировой и отечественный опыт, малые предприятия являются довольно неустойчивым и хрупким образованием. В Республике Таджикистан, несмотря на огромное внимание к проблеме малых предприятий, показатели их развития по-прежнему значительно ниже, чем в развитых странах.

Предпринимательская деятельность всегда предполагает наличие определенного риска. Риск является неотъемлемым спутником предпринимательской деятельности. Оценка и управление рисками с момента создания предприятия напрямую влияет на его конкурентоспособность. Внедрение системы управления рисками на малых предприятиях способствует более глубокому пониманию воздействия методов управления рисками на бизнес; снижению потенциального ущерба имуществу; улучшению отношений с клиентами, сотрудниками, поставщиками и подрядчиками; снижению риска, связанного с ответственностью перед третьими лицами; достижению поставленных целей и задач малого бизнеса; повышению прозрачности в области управления финансами; обеспечению безопасных условий труда сотрудников; минимизации потерь; улучшению обучения на рабочем месте; улучшению

контроля на предприятии; обеспечению соответствия релевантным законодательным требованиям и регламентам, а также международным нормам и т.д.

Организация грамотного риск-менеджмента на малом предприятии является сложным процессом, требующим значительных затрат материальных и человеческих ресурсов. Из-за отсутствия ресурсов и знаний, владельцы малых предприятий нуждаются в поддержке для внедрения системы управления рисками. Поэтому для обеспечения стабильной и долгосрочной деятельности малого предприятия необходимо создание системы управления рисками, которая была бы интегрирована в стратегии развития предприятия.

**Таблица 1.**

**Стратегические механизмы риск-менеджмента и их реализация на малых предприятиях**

| Стратегический механизм риск-менеджмента | Краткая характеристика | Возможность реализации на малых предприятиях |
|---|---|---|
| Избежание риска | Исключение контактов с собственностью, видом деятельности или лицами, несущими предполагаемый риск | Маловероятно |
| Принятие риска на себя | Принимаются либо по причине получения дохода, либо по причине неизбежности | Реализация возможна, зависит от размера риска |
| Сокращение потерь | Реализуется в виде развития точности предсказания потерь или особыми методами ведения бизнеса - сегрегация (разделение) и комбинация (объединение) активов | Возможен в первой части - развитие точности предсказаний риска и потерь |
| Трансфер | Осуществляется на основании купли - продажи риска (хеджирование и через организационную форму бизнеса) | Ограниченное использование |
| Страхование | Осуществляется через специализированные организации - страховые компании, брокеров, общества взаимного страхования | Активное использование |

Управление рисками жизненно важно для успешного функционирования малого предприятия в условиях риска и неопределенности и может существенно укрепить устойчивость предприятий малого бизнеса. Продолжение деятельности, стабильность и устойчивость предприятия напрямую зависит от реализации мер по управлению риском. Владельцы малых предприятий, применяющие методы риск-менеджмента с момента создания предприятия, имеют больше шансов на выживание [4]. Необходимость внедрения системы комплексного управления рисками на малых предприятиях обусловлена потенциальным ущербом от различных происшествий в результате износа инфраструктуры, влиянием человеческого фактора, стихийных бедствий, который может привести к банкротству предприятия и т.д.

Риск-менеджмент на предприятии можно рассматривать как естественную эволюцию процесса управления рисками. В деловой сфере США, например, применяется следующее определение: риск-менеджмент на предприятии - процесс, который является частью

стратегического управления организации и охватывает все предприятие. Он проводится с целью идентификации потенциальных событий, которые могут коснуться предприятия, и позволяет управлять и контролировать возможные риски в разумных пределах, чтобы гарантировать достижение поставленных предприятием целей [9].

На основе изучения различных источников [2, 5, 9], нами выявлено, что из пяти основных направлений управления рисками для малых предприятий доступно в большей степени и используется страхование (табл. 1).

На наш взгляд, сущность страхового риск-менеджмента малых предприятий, заключается в управлении рисками и экономическими отношениями в процессе организации страховой защиты в условиях системных ограничений малых предприятий по организации собственной системы управления рисками. Объектом управления в системе страхового риск-менеджмента выступает риск малых предприятий, который может быть принят страховщиком, и экономические отношения между малыми предприятиями и деловой инфраструктурой страхового риск-менеджмента.

**Таблица 2.**

**Основные страхуемые риски малых предприятий**

| Риски | Риски, подлежащие страхованию | Тип страхования |
|---|---|---|
| Риски, связанные с персоналом | Риск заболевания или нетрудоспособности владельца предприятия | Страхование от несчастных случаев и болезней |
| | Риск смерти владельца предприятия | Страхование жизни |
| | Риск смерти основного партнера предприятия | Страхование жизни |
| | Риск потери ключевого сотрудника | Страхование жизни |
| | Текучесть кадров | Пенсионное страхование |
| Имущественные риски | Физический ущерб имуществу | Страхование имущества |
| | Выход из строя оборудования | Страхование производственного оборудования |
| Финансовые риски | Риск убытков от перерыва в коммерческой/производственной деятельности | Страхование убытков от перерыва в производственной деятельности |
| | Риск неисполнения обязательств контрагентами | Страхование дебиторской задолженности, страхование обязательств по контракту |
| | Риск ликвидности | Страхование денежных средств |
| Риски, связанные с ответственностью | Риск причинения вреда третьим лицам | Страхование ответственности за причинение вреда третьим лицам |
| | Риск загрязнения окружающей среды | Страхование ответственности за причинение вреда окружающей среде |
| | Риск, связанный с ответственностью за качество продукции и услуг | Страхование ответственности за качество продукции |

Субъектом управления в системе страхового риск-менеджмента выступают физические и юридические лица, которые посредством использования различных приемов и методов осуществляют целенаправленное функционирование объекта управления. Субъект управления в системе страхового риск менеджмента имеет особенности, связанные с тем, что малые

предприятия не имеют в своем штате необходимых специалистов по управлению рисками, поэтому управление страхуемыми рисками должно осуществляться внешними экономическими агентами, прежде всего - страховыми компаниями, на условиях оказания возмездных услуг [2].

Основные риски малых предприятий, подлежащие страхованию, могут быть собраны в несколько групп. К ним можно отнести: риски, связанные с причинением вреда имуществу; риски, связанные с ответственностью; финансовые риски; риски, связанные с персоналом. Риски малых предприятий, которые можно передать на страхование, представлены в таблице 2.

Страховые компании предоставляют малым предприятиям следующие услуги:

- юридическую защиту (без дополнительной платы);
- восстановление сотрудников после травмы. Обучение сотрудников;
- инспекционные услуги, осмотр;
- консультационные услуги (превентивные услуги). Предлагают провести те или иные мероприятия, чтобы снизить риск. Проводят осмотр, идентифицируют риски, дают рекомендации решения проблем;
- услуги по урегулированию убытков и т.д.

В зависимости от вида страхования предлагаются различные услуги. При страховании ответственности владельцев автотранспортных средств страховая компания может предоставить клиенту транспортное средство на время ремонта автомобиля. В случае серьезного повреждения здания, страховая компания может не только выплатить компенсацию, но и разработать меры для восстановления здания, направить в строительную компанию, заслуживающую доверия [4].

Страховщики предлагают малому предприятию страховые и нестраховые стратегии управления рисками в соответствии с потребностями предприятия. Например, компетентный страховой агент, брокер или консультант может объяснить малому предприятию различные варианты страхования, дать рекомендации, чтобы помочь предприятию избежать убытков, помочь разработать план по управлению рисками. Для того, чтобы помочь владельцу малого предприятия избежать убытков, страховые компании могут разрабатывать руководства и пособия по страхованию и управлению рисками. Страховые консультанты, брокеры, агенты помогают владельцу предприятия идентифицировать широкий диапазон рисков, с которыми предприятие сталкивается каждый день. Для идентификации рисков страховщики:

- проводят осмотр имущества;
- используют анкеты, чеклисты;
- проводят аудит деятельности предприятия [6].

Многими страховыми компаниями разрабатываются анкеты, чеклисты. В анкетах содержится список возможных рисков. Большинство анкетных опросов направлены на идентификацию рисков, связанных с ущербом имущества, рисков, связанных с ответственностью, рисков возникновения убытков в результате перерыва деятельности, рисков потери квалифицированных служащих. Страховыми компаниями может проводиться аудит деятельности предприятия (самостоятельно или используя услуги аудиторских фирм). На основании аудиторского заключения анализируются основные риски предприятия. Для идентификации рисков страховщики обычно запрашивают необходимую информацию о предыдущих потерях, платежную ведомость и т.д. В первую очередь, страховые компании оценивают риски по безопасности и охране труда [4].

После идентификации рисков даются рекомендации о том, как их снизить или избежать, разрабатываются превентивные мероприятия. Проведение таких мероприятий учитывается в страховом тарифе, снижая его. Страховые компании предлагают широкий перечень превентивных мероприятий.

Организационная схема процесса страхового риск-менеджмента малого предприятия показана на рисунке 1.

На основе изучения различных источников нами выделены четыре схемы по организации страхового риск-менеджмента малого предприятия (табл. 3).




**Рис. 1. Организационная схема процесса страхового риск-менеджмента малого предприятия .**

**Таблица 3.**

**Основные схемы организации страхового риск-менеджмента малого предприятия**

| Схема | Характер взаимодействия | Основные недостатки |
|---|---|---|
| Схема 1 | Малое предприятие - Страховщик | Прямое взаимодействие со страховщиком.<br>Отсутствие индивидуального подхода.<br>Невозможность профессионально сформировать потребность в страховых услугах. |
| Схема 2 | Малое предприятие - организация по риск-менеджменту<br>Малое предприятие - Страховщик | Прямое взаимодействие со страховщиком.<br>Отсутствие индивидуального подхода.<br>Высокая стоимость за счет дополнительных услуг по риск-менеджменту. |
| Схема 3 | Малое предприятие - Общество взаимного страхования | Высокая стоимость страхового риск-менеджмента.<br>Кумуляция рисков.<br>Невозможность страхования ряда страхуемых в страховых компаниях рисков. |
| Схема 4 | Малое предприятие - Страховой брокер - Страховщик | Увеличение стоимости страхового риск-менеджмента за счет комиссионного вознаграждения страхового брокера |

Практика показывает, что малые предприятия в Республике Таджикистан обладают ограниченными возможностями по самостоятельному управлению рисками, и для эффективного управления рисками малые предприятия часто в силу отсутствия навыков, знаний, ресурсов и т.д. нуждаются в существенной поддержке. На наш взгляд, страховые компании являются главным партнером малого предприятия в управлении рисками.

Формирование системы страхового риск-менеджмента малыми предприятиями имеет ряд преимуществ и для страховой компании (снижение убытков, повышение уровня контроля на малых предприятиях). Для формирования системы страхового риск-менеджмента малых предприятий страховщики могут предпринять следующие меры: помощь в идентификации

рисков, разработку превентивных мероприятий и учет выполнения таких мероприятий в страховом тарифе, разработку брошюр с рекомендациями по предотвращению рисков, разработку руководств по страхованию и управлению рисками; помощь в разработке плана по управлению рисками [3].

Важным моментом страхования рисками малых предприятий является разработка страховыми компаниями превентивных мероприятий для малых предприятий и учет выполнения таких мероприятий в страховом тарифе, а также предоставление скидок при наличии дополнительных средств защиты. Страховые выплаты могут быть существенно снижены при обнаружении страховой компанией нарушений или отказе от выполнения превентивных мероприятий.

На наш взгляд, для внедрения превентивного подхода на малых предприятиях в Республике Таджикистан необходима разработка программ малых предприятий в части оценки и предотвращения рисков. Для внедрения превентивного подхода на малых предприятиях Республики Таджикистан необходимы следующие меры:

- разработка инструментов риск-менеджмента для малых предприятий, чтобы помочь им самостоятельно оценивать и предотвращать риски;
- разработка простых и недорогих учебных программ, пособий, мультимедийных курсов для управления рисками;
- разработка учебных программ по обучению владельцев и сотрудников малого бизнеса;
- организация мероприятий обмена опытом (форумов, семинаров) в вопросах управления рисками между крупными и малыми предприятиями;
- обучение и повышение квалификации специалистов, оказывающих услуги малым предприятиям.

**Литература:**

1. Буданова М. Услуги страховых брокеров в системе риск-менеджмента компании, Магистерская диссертация. - Экономический факультет МГУ, 2018. - 25 с.
2. Брызгалов Д.В. Формирование системы страхового риск-менеджмента малого бизнеса. Автореферат дисс. канд. экон. наук. - М., 2015. - 26 с.
3. Основы риск-менеджмента. М. Круи, Д. Галай, Р. Марк. Под ред. В.Б. Минасян. Учебник для магистров и бакалавров. - М.: Юрайт, 2015. - 410 с.
4. Риски хозяйствующих субъектов. В.И. Авдийский, В.М. Безденежных. Учебное пособие. - М.: ИНФРА-М, 2016. - 342 с.
5. Страхование и управление рисками. Учебник. Под ред. Г.В. Черновой. - М.: Юрайт, 2018. - 357 с.
6. Теория риска в страховании. А.Ю.Иваницкий. - М.: МЦНМО, 2017. - 425 с
7. Управление рисками предприятия. В.Н. Уродовских. Учебное пособие. - М.: ИНФРА-М, 2016. - 286 с.
8. Управление рисками в условиях финансовой нестабильности. Д.В. Домащенко, Ю.Ю. Финогенова. М.: Магистр: ИНФРА-М, 2017. - 289 с.
9. Экажева Т.Д. Управление рисками на предприятиях малого бизнеса. Автореферат дисс. канд. экон. наук. - М., 2018. - 26 с.

# САРМОЯГУЗОРҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Султонов А.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза пешрафти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаммоҳои сармоягузорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо, амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар ҳамин замина афзунгардонии пешрафти босуръати иқтисодиёт аз масъалаҳои муҳим дониста мешавад. Имрӯзҳо дар мамлакат бо пешниҳоди Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ҳадафи чоруми мамлакат саноаткунонии босуръати иқтисодиёт сар шудааст, ки барои расидан ба ин мақсади гузошташуда бе ҳалли муваффақонаи мушкилотҳои сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии кишвар ҳамчун сарчашмаи тайёркунии мутахассисони баландихтисос аз бисёр ҷиҳат, ба ақидаи мо, ғайриимкон мебошад. Сармоягузорӣ барои соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии мамлакат, махсусан барои рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ташкили пешрафти навсозӣ, ислоҳот ва рушди он ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи ақидаи иқтисоддонҳо сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ на танҳо хароҷот барои соҳаи иҷтимоӣ, балки барои ташаккул ва рушди зеҳнияти инсонӣ ҳамчун соҳаи иқтисодӣ ва истеҳсолу такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Соҳаи таҳсилоти олии касбӣ муҳимтарин қисмати соҳаи маориф дониста шуда, суръати рушд ва пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷомеа аз он вобастагии калон доранд. Бинобар ин ҷалби сарчашмаҳои гуногуни сармоягузории хориҷӣ ба ин соҳаи ҳаётан муҳим дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим дар мамлакат дониста мешавад.

Асосан лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат дар ягон ҳисоботи омории расмӣ нишон дода нашудааст. Аммо лоиҳаҳои гуногуни фаъол дар ин самт фаъолият карда истодаанд. Сабаби асосии нишон надодани ҳисоботи сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳисоботи расмии оморӣ ин лоиҳаҳои асосӣ набуда, балки дар лоиҳаҳое, ки дар хориҷи кишвар таҳия шудаанд, ҳамроҳ карда шудаанд. Яъне, ин лоиҳаҳо аз ҷониби муассисаҳои олии кишварҳои хориҷ амалӣ гардонида шуда, муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ҳамчун шарик қабул шудаанд. Дар соли 2015 шумораи ин барномаҳо аз ҳисоби барномаи TEMPUS ва ERASMUS 7-ро ташкил дода, дар саросари ҷумҳурӣ ба маблағи 3294,8 млн. сомонӣ (асосан ин барномаҳо ба ҳисоби доллари амрикоӣ маблағгузорӣ шуда мо бо қурбии расмии Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба солҳо ба сомонӣ гардонидем) барои беҳтаргардонидании сатҳи идоракунии маъмурии муассисаҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, мубодилаи академии донишҷӯён, алоқаи магистрон, навсозии таҳсилоти олӣ дар соҳаи сифат ва амнияти ғизоӣ дар Тоҷикистон ва ғайра равона карда шудаанд.

Ҳаҷми лоиҳаҳои сармоягузориро аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ дар соли 2015 дида мебароем.

Дар соли 2016 аз 7 лоиҳаи сармоягузории барномаи TEMPUS ва ERASMUS бо мақсадҳои дар боло зикршуда ба маблағи 4420,7 млн. сомонӣ сармоягузорӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2015, 1,3 маротиба 25,5% зиёд мебошад. Дар соли 2017 ҳаҷми ин сармоягузориҳо 4892,1 млн. сомонӣ 1,1 маротиба 9,7% зиёд мебошад. Нисбат ба соли 2015 бошад, 1,5 маротиба ё 32,6% зиёд мебошад. Асосан ин зиёдшавиҳо аз ҳисоби болоравии қурби доллари амрикоӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

Лоиҳаҳои сармоягузории муассисаҳои олии касбӣ аз ҳисоби барномаҳои байналмилалии TEMPUS ва ERASMUS дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳазор сомонӣ

| № | Номи лоиҳа | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 |
| 1. | Озмоишгоҳҳои инноватсионӣ дар Осиёи Марказӣ барои катализияи устувори инноватсия дар секунҷаи дониш | 352646,1 | 473078,1 | 523644,2 |
| 2. | Рушд ва такмили маъмурияти донишгоҳ дар муносибатҳои байналмилалӣ | 212302,1 | 284805,3 | 315248,6 |
| 3. | Таҳкими марказҳои кареравӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Осиёи Марказӣ барои васеъ кардани хатмкардагон барои муваффақ шудан ва эҷод кардани ҷойҳои кории босифат | 397100,9 | 532714,6 | 589657,4 |
| 4. | Шабакаи маркази донишгоҳӣ оид ба омӯхтани забонҳо барои имкониятҳои нав дар касб ва рушди шахсӣ | 695741,6 | 933343,9 | 1033110,6 |
| 5. | Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои мақсадҳои касбӣ | 811695 | 1088896,5 | 1205290,5 |
| 6. | Алоқаи касбии магистрон | 375270,2 | 503428,5 | 557240,9 |
| 7. | Навсозии таҳсилоти олӣ дар соҳаи сифат ва амнияти ғизоӣ дар Тоҷикистон | 450054,8 | 603752,8 | 668288,9 |
| Ҳамагӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ | | 3294811 | 4420019,7 | 4892481,1 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар вобастагӣ аз маълумоти "Ҳисоботи омории барномаҳои TEMPUS ва ERASMUS " сохта шудааст.

**Диаграммаи 1.**

**Ҳамагӣ сармоягузориҳо TEMPUS ва ERASMUS ба соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат дар давоми солҳои 2015-2019**




Ягона барномае, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли бадастории соҳибистиқлолӣ барои рушди таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ шудааст, ин лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" мебошад, ки фаъолияти худро аз соли 2016 шурӯъ намудааст. Арзиши ин лоиҳа 15 млн. доллари амрикоӣ буда ё баробар

ба 118,05 млн. сомонӣ бо қурби 01.01.2017 аз ин 6,75 млн. доллараш ё 49,2, млн. сомонӣ (45%) маблағҳои грантӣ ва 8,25 млн. доллараш ё 64,9 млн сомонӣ (55%) маблағҳои қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

Новобаста аз имкониятҳои мавҷудаи ташкил ва истифодабарии грантҳои гуногун дар соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат дар масъалаи ҷалб ва истифодабарии сарчашмаҳои лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи паст қарор доранд. Яъне нисбат ба дигар давлатҳои ҳамсоя дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон хело қафо мондааст, масалан, барномаи TEMPUS, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад, агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2002 фаъолияти худро шурӯъ карда бошад, пас дар Ҷумҳурии Қирғизистон ин барномаи маблағгузории соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 1997 фаъолияти худро шурӯъ кардааст. Яъне, мисоли ин барнома зиёд имкониятҳои истифоданашуда мавҷуд мебошанд, ки ба сатҳи молиякунонии лоиҳаҳои гуногуни сармоягузории соҳаи таҳсилоти олии мамлакат таъсири манфӣ расонидаанд.

Бояд қайд карда гузарем, ки фазои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат хеле норавшан мебошад. Дар 29 соли соҳибистиқлолии мамлакат лоиҳаҳои бевоситаи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ 1 лоиҳа таҳия карда шудааст. Ба ақидаи мо, муҳимтарин муаммоҳои ин раванд инҳо шуда метавонанд:

- соҳаи таҳсилоти олии мамлакат ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар ҷолибнокии сармоягузориҳои хориҷӣ дониста намешавад;
- дар ягон муассисаи олии касбӣ ҳамчун сохтори махсус оид ба ҷолибнокии сармоягузориҳои хориҷӣ мавҷуд намебошад;
- умуман вуҷуд надоштани раванди тарғиботи муассисаҳои олии касбӣ ҳамчун объекти сармоягузориҳои хориҷӣ дар мамлакат.

Барои бартараф намудани камбудиҳо ва мушкилоти зикргардида метавон чунин вазифаҳоро иҷро намуд:

- тарғиби фаъолонаи соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат барои ҷолибнокии сармоягузориҳои хориҷӣ;
- ташкили сохторҳои махсус оид ба таҳияи лоиҳаҳо барои ҷолибнокии сармоягузории хориҷӣ дар муассисаҳои олии касбии мамлакат;
- таҳия ва коркади усулҳои муоссири ҷолибнокии сармоягузорҳои хориҷӣ барои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат;
- дарёфти роҳҳои муосири истифодаи натиҷаи корҳои илмӣ-методии олимон ҳамчун асоси ҷалби сармояи хориҷӣ барои муассисаҳои олии касбӣ.

Хулоса, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат муҳимтарин масъалаи навсозӣ ва пешрафти ин соҳа дониста шуда, ҳукумати мамлакат барои ҳалли муаммоҳҳои дар ин самт мавҷуда чораҳои гуногун андешидааст.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф". - Душанбе, 2013. -180 саҳ.
2. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – С.60-65.
3. Глухов В.В., Коробко СБ., Маринина Т.В. Экономика знаний. Оценка интеллектуальной собственности. Оптимизационные модели. Стратегия планирования.//ПИТЕР, 2003. – 527 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2018.
5. www.worldbank.org.
6. www.demoscope.ru

# СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Султонов А.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Фаъолият бо талаботи иқтисоди бозорӣ ва рушди механизмҳои он дар мамлакат ба таври назаррас фаъолияти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи маорифро, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, тағйир додааст. Дар шароити имрӯза фаъолияти ҳама муассисаҳои тобеъ ба ин соҳа мутобиқ ба тартиботи низоми иқтисодиёти бозорӣ, пеш аз ҳама, ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот ва бозори меҳнат асоснок карда шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми таъминкунандаи рақобатпазирии баланди мамлакат дар шароити имрӯза таъмини устувори тарзу усулҳои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ барои соҳаҳои гуногуни кишвар мебошад.

Пешрафти рӯзафзуни мамлакат аз натиҷаи фаъолияти тайёрнамоии мутахассион дар қарни XXI вобастагӣ дорад. Дар шароити фаъолият бо принсипҳои иқтисоди бозорӣ нақш ва аҳамияти соҳаи таҳсилоти олӣ хеле афзун гардидааст. Мутахассиси рақобатпазир метавонад бо истифода аз малакаи худ имкониятҳои зиёдро дар масъалаи расидан ба мақсадҳои гузошта фароҳам орад.

Таъмини манфиатҳои миллӣ, болоравии беҳдошти зиндагии мардум, болоравии сатҳи саводнокӣ ва донишазхудкунӣ, омӯзиши техника, инсон, ҷомеа, таъмини амнияти мамлакат дар шароити имрӯза аз масъалаҳое мебошанд, ки дар назди илму маориф муҳимтарин дониста мешаванд.

Барои боз ҳам хубтар таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва дар ҳамин ҷода баланд бардоштани сифати хуби сармояи инсонӣ, Ҳукумати Тоҷикистон имкониятҳои зиёдро ба бор овардааст. Яке аз ин имкониятҳоро дар ташкили субъектони гуногун дар расонидани хизматрасониҳои таълимии соҳаи таҳсилоти касбӣ метавон дид.

Ҷадвали 1.

Муассисаҳои олии касбӣ

| Номгӯ | Воҳид ченак | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991-1992 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 |
| Шумораи муассисаҳо | Воҳид | 13 | 37 | 38 | 39 | 39 | 39 |
| Шумораи донишҷӯён | ҳаз. Нафар | 69,3 | 165,3 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 |
| Қабули донишҷӯён | ҳаз. Нафар | 13,4 | 31,4 | 38,5 | 42,7 | 46,6 | 51,4 |
| Хатми мутахассисон | ҳаз. Нафар | 10,0 | 30,2 | 29,5 | 33,2 | 38,5 | 44,6 |

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.1 чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар субъектони фаъолияткунанда муасиссаҳои олии касбӣ низ зиёд шудаанд. Агар шумораи муассисаҳои олии касбӣ дар соли таҳсили 1991-1992, 13 воҳидро ташкил дода бошад, пас шумораи онҳо дар соли таҳсили 2018-2019 ба 39 адад расидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 3 маротиба ё худ 26 адад зиёд мебошад. Шумораи донишҷӯён бошанд, дар соли таҳсили 2018-2019 ҳамагӣ 209,8 ҳаз. нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 3 маротиба ва нисбат ба соли таҳсили 2017-2018 тақрибан 1,1 маротиба зиёд аст.

Шумораи қабули муҳассилон ба муассисаҳои олии касбӣ дар соли таҳсили 2018-2019, 51,4 ҳаз. нафарро ташкил додааст.

Нақши соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар рушди имрӯзаи ҳама соҳаҳои давлат назаррас мебошад. Тасдиқи ин гуфтаҳоро дар натиҷаҳои тадқиқоти Бонки умумиҷаҳонӣ дидан мумкин аст, ки мувофиқи он асоси ташкили боигарии миллии дилхоҳ давлатро захираҳои инсонӣ ва сифатнокии онҳо ташкил менамоянд [1]. Бинобар ин дар давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдкарда (Олмон, Ҷопон, ИМА…) нақши сармояи инсонӣ дар таркиби боигарии миллӣ то 80% мебошад.

Дар декларатсияи СММ аз соли 1998 оид ба масъалаи маориф, илм ва фарҳанг гуфта шудааст, ки дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши асосиро таълимоти олии касбӣ мебозад [4].

Инро бояд қайд кард, ки дар шароити муосир соҳаи маориф дар ҷойи аввал миёни омилҳои рушди инсоният меистад. Нақши илм ва дониш дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон зиёд шуда, пешгузаранда аз воситаҳои истеҳсолот ва захираҳои табиӣ мебошад. Барои ин бояд қайд кард, ки дар мамлакатҳои пешрафта нақши сармояи инсонӣ қисмати зиёди боигарии миллиро ташкил менамояд.

Фаъолияти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин вазифаҳои илму маорифро чунин мешуморад: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ намудани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои илму маориф ба шумор меравад» [5, саҳ.25]. Аз ин ҷост, ки соҳаи маориф, махсусан соҳаи таҳсилоти олии касбиро яке аз соҳаҳои афзалиятнок эълон намуда, муҳимтарин сохтори сиёсати иҷтимоии давлат дониста мешавад.

Дар зинаи таҳсилоти олӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияву барномаҳои амалиеро қабул кардааст, ки ба ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ ва баланд бардоштани сифати он ҳамчун соҳаи афзалиятдор нигаронида шудаанд. Дар марҳалаи ҷории татбиқи Стратегияи миллии рушд дар роҳи баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ, таъмин бо китобҳои дарсиву васоити таълим, компютерҳо ва дигар василаҳои муосир пешрафти назаррасе ба амал омадааст.

Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлолияти миллӣ ба рушди соҳаи илму маориф ҳамчун омили асосии пешрафти иқтисодиёт ва неруҳои ақлонии мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллоии миллат номида, дар ҳама кору пайкор ва пешравиҳои мамлакат фикру ақоиди онҳоро истифода мебарад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…» [6, саҳ. 20].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони бадастории иистиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи махсус ба рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дода, заминаҳои гуногуни ҳуқуқиро барои боз ҳам равшан гардидани фаъолияти муассисаҳои ба ин соҳа тобеъ, ба монанди қабули қонунҳои ба ин соҳа мувофиқ, таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушд фароҳам овардааст.

Новобаста аз мавҷудияти шароити хуб ҳоло ҳам дар рушд ва навсозии соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат камбудиҳои гуногун дида мешаванд, ки бе ҳалли онҳо, аз рӯйи ақидаи мо, наметавон соҳаи таҳсилоти олиро мутобиқ ба талаботи ҷаҳонӣ намуд. Аз рӯйи ақидаи мо, муҳимтарин масъалаи дар ин самт мавҷуда инҳо шуда метавонанд: ба ҳама талаботи низоми имрӯзаи таълим ҷавобгӯ набудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, норасогии маблағгузориҳои давлатӣ дар рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ, ба инобат нагирифтани талаботи бозори миллӣ ва ҷаҳонии меҳнат дар рафти тайёркунии мутахассисон, дар сатҳи паст қарор доштани алоқамандии истеҳсолот бо илм, норасогии мутахассисони дорои малакаи баланди таълимӣ ва ғайра.

Барои бартараф намудани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда метавон ҳалли вазифаҳои зеринро пеш гирифт:

- мувофиқсозии пурраи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи низоми таҳсилоти кредитӣ;
- ба инобат гирифтани талаботи корфармо;
- сохтани усулҳои муосири якҷоякунии истеҳсолот бо илм ва дар ҳамин замина ба истеҳсолот бурдани аксари натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;
- кушодани сохтори нав дар ҳама муассисаҳои олии касбӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои нави инноватсионии таълимӣ ва дар ҳамин замина ҷалби бештари сармояи хориҷӣ;
- мутобиқсозии барнома ва усулҳои таълим ба стандартҳои байналмилалии таълимӣ.

Хулоса, соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар рушди иқтисодиёт нақши калидӣ дошта, пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ аз пешрафти ин соҳа вобастагии калон дорад.

**Адабиёт:**

1. Where is the Wealth of nations? Measuring capital for the 21st Century. -Washington: World Bank, 2006.
2. WIKIA com. В электронном режиме: http://psychology.wikia.com от 12 марта 2013].
3. Доклад о положении в области образования за 1993 г. ЮНЕСКО. - Париж,1993.
4. Декларация Организации Объединенных наций по вопросам образования, науки и культуры "Высшее образование в XXI веке: подходы и практические меры" (Париж, 9 октября 1998 года)
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 26.12.2018. – С. 25.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010.

# ПРОГНОЗИРОВАНИЕ НАЛОГОВ В СИСТЕМЕ ФАКТОРОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ БЮДЖЕТНЫХ ДОХОДОВ

**Султанов Ф.А. - магистрант**
**Технологического университета Таджикистана**

Формирование сбалансированного бюджета, необходимое и достаточное поступление налогов в бюджет страны является одной из первостепенных задач экономически сильного и динамически развивающегося государства. Важное значение при этом имеют вопросы прогнозирования поступления налогов. Поэтому необходимо выработать современную государственную стратегию по оптимальному прогнозированию доходов бюджета, которая должна уравновешивать экономические интересы государства и налогоплательщиков, способствовать укреплению темпов роста валового внутреннего продукта (ВВП), развитию экономики страны. Основу бюджета должны составить не только существующие налоги, но также и рентные платежи, как взаимодополняющие источники устойчивого поступления бюджетных доходов, что требует разработки механизма расчета и изъятия рентных платежей.

Налоговое прогнозирование не менее важно, чем контроль за соблюдением налогоплательщиками действующего законодательства, так как оно определяет экономически возможные поступления налогов в бюджетную систему в определенном периоде для последующей оценки возможностей расходной части, исходя из запланированных объемов доходов, а также обосновывает соответствие налогового потенциала и фактических поступлений налогов [4].

В зависимости от поставленных целей налоговое прогнозирование можно проводить различными методами. Однако в любом случае расчёты должны учитывать следующие составляющие: фоновый уровень поступлений, их сезонные колебания; событийную составляющую (например, варианты развития политической ситуации, изменений в налоговом законодательстве); остаточную составляющую, включающую возможные неучтенные факторы.

Наиболее распространенным методом прогнозирования является метод тренда, т.е. экстраполяции, продолжения в будущем тех тенденций, которые сложились в прошлом и настоящем. В качестве базы для применения этого метода служит информация о поступлении конкретных налогов за определенные периоды об объемах выпадающих доходов, состоянии задолженности по налоговым платежам, анализ тенденций в развитии налогооблагаемой базы, структуре налогоплательщиков и т.д. Более сложным является экспертный метод разработки прогнозных оценок, при котором проводятся экспертные расчеты возможного поступления конкретных налогов.

Исходной составляющей налогового прогнозирования является определение налоговой базы для каждого вида налога. Расчет налоговой базы проводится как на республиканском уровне (с учетом рассмотренных выше показателей), так и в местном разрезе с учетом отраслевой структуры [2].

Необходимо учитывать и другие факторы, влияющие на увеличение поступлений налога (перерасчеты за предыдущий год, погашение недоимки, погашение задолженности и т.д.). В основу налогового прогнозирования должен быть заложен принцип минимизации потерь и выпадающих доходов бюджетной системы. Анализ таких показателей как налоговая база, использование налогового потенциала, доля поступлений от крупнейших и основных налогоплательщиков, уровень собираемости налогов, налоговая нагрузка, а также мониторинг основных финансовых потоков и их соответствие товарно-материальным потокам, постоянная

инвентаризация налоговых льгот, отсрочек и рассрочек по налоговым платежам, должны стать неотъемлемой частью налогового прогнозирования.

Поле прогнозирования налогообложения не следует ограничивать республиканским и местным уровням. Эту работу целесообразно осуществлять и в рамках хозяйствующих субъектов, имея в виду повышение конкурентоспособности и достижение более высоких конечных результатов. Она должна осуществляться в тесной увязке с маркетинговой деятельностью, подтверждая правильность избранной линии поведения, либо понуждая к её корректировке [2].

Прогнозирование налогообложения на уровне хозяйствующих субъектов должно иметь существенные отличия, как по масштабам, так и по содержанию, но в возможной степени оно должно быть приближено к перспективным и текущим бизнес-планам.

Важное место в налоговом прогнозировании занимает сводный финансовый баланс (СФБ) или иначе баланс финансовых ресурсов и затрат, который выявляет финансовые результаты процесса воспроизводства. Основой прогнозного сводного финансового баланса является отчетный сводный финансовый баланс за предыдущий год.

Расходная часть баланса построена на комбинировании функциональной и экономической бюджетной классификации, а показатели отчета об исполнении бюджета формируются на основе кассового метода [6].

Мы считаем, что в Республике Таджикистан разница между начисленными и поступившими на счета доходами имеет принципиальное значение, так как значительная часть приобретаемых товаров и услуг оплачивается с задержкой или с использованием не денежных форм расчетов. Поэтому при использовании СФБ во избежание принятия ошибочных решений нельзя игнорировать те особенности экономики Республики Таджикистан, которые резко сужают аналитические и информационные возможности, а во многих случаях (в частности, при оценке финансового потенциала регионов) дают искаженную и неточную информацию, на основе которой могут быть приняты неадекватные ситуации решения.

В мировой практике межотраслевые балансы производства и распределения товаров и услуг являются общепризнанным и в качестве одного из наиболее информативных документов. Они отражают сложившиеся в экономике систему межотраслевых производственных связей, особенности формирования добавленной стоимости, промежуточного (производственного) потребления и конечного спроса на уровне отраслевых группировок товаров и услуг, характеризуют структуру расходов на конечное потребление домашних хозяйств, государственных учреждений и некоммерческих организаций, изменения запасов материальных оборотных средств, уровень экспорта и импорта. Они также содержат детальные описания структуры валовой добавленной стоимости, включая оплату труда наемных работников, валовые прибыль и смешанный доход, налоги и субсидии на производство [3]. Косвенно измеряемые услуги финансового посредничества и выпуск продукции по конкретным отраслям и секторам экономики детализируют счета производства, образования, распределения и использования доходов, операций с капиталом и сложившуюся систему межотраслевых производственных связей, особенности формирования добавленной стоимости и конечного спроса на уровне детализированных группировок товаров и услуг [5].

Основное балансовое уравнение межотраслевых балансов производства и распределения товаров и услуг, которое предполагает соответствие валового выпуска продукции по отраслям промежуточного и конечного спроса на данную продукцию, выглядит следующим образом:

$$X=AX+У, \qquad (1)$$

где: X - вектор валового выпуска продукции отраслями экономики, элементами которого являются Xj - валовой выпуск продукции отрасли i;

А - структурная матрица коэффициентов прямых затрат на производство единицы продукции, элементами которой являются $a_{ij}$;

$a_{ij}$=Xij/Xj - коэффициент прямых затрат производства (материальных и финансовых) продукта i в отрасли j. Одновременно он представляет собой объем выпуска отрасли i, который используется отраслью j при производстве единицы ее валового выпуска j;

$x_{ij}$ ij - количество продукции отрасли i, используемой в качестве затрат отраслью j;

У - вектор конечного спроса на продукцию отрасли i;

АХ – вектор промежуточного спроса на продукцию отрасли i.

Соответственно, $$X = (E-A)^{-1}У, \qquad (2)$$

где: Е - единичная матрица;

$(E - A)^{-1}$ - матрица коэффициентов полных затрат (материальных, финансовых), элементы которой показывают на сколько увеличится выпуск продукции $x_j$ отраслью i при увеличении конечного спроса на единицу продукции отрасли j.

Мы считаем, что при использовании этой методики в виде матричной модели особый интерес для анализа и прогноза налоговых поступлений представляет именно матрица коэффициентов прямых и полных финансовых затрат в сомони на каждую 1000 сомони продукции.

В макроэкономические показатели включены и параметры не формальной (теневой) экономики. Нерегистрируемая экономическая деятельность при этом включается в состав валового внутреннего продукта и по существу количественно характеризует не использованные возможности увеличения налогового потенциала страны. Она не входит в налогооблагаемую базу, рассчитываемую традиционными методами. Основное преимущество межотраслевого баланса производства и распределения товаров и услуг перед другими инструментами заключается в том, что это мощная и надежная база данных, охватывающая практически все сферы экономической деятельности в целом по стране. Это единая система взаимоувязанных макропоказателей функционирования экономики, проверенная временем межотраслевая методология построения функциональных отраслевых и межотраслевых зависимостей с применением коэффициентов затрат [1].

Содержащаяся в анализе информация позволяет определить глубокие, скрытые от прямого наблюдения количественные взаимосвязи между элементами добавленной стоимости и спроса, которые являются одними из основных в выборе входной информации для налогового планирования.

Наибольший интерес для налогового прогнозирования при сравнении вариантов представляет именно финансовая оценка (зарплатоемкость, доля прибыли и т.д.), проводимая на основе коэффициентов полных затрат элементов валовой добавленной стоимости. Они показывают, какое количество, и какие виды первичных финансовых ресурсов необходимо затратить для производства единицы конечного продукта или его отдельных частей. Ценность методики коэффициентов полных затрат заключается в том, что они учитывают не только прямые затраты на выпуск продукции, но и косвенные, обусловленные системой межотраслевых связей [4].

В налоговом прогнозировании целесообразно активизировать известные, но почти неприменяемые направления финансового анализа:

- использование коэффициентов полных затрат элементов валовой добавленной стоимости, которые условно можно обозначить как коэффициенты полных затрат получения первичных финансовых ресурсов;

- использование общеэкономической оценки (с точки зрения полных затрат) и доли объема отдельных отраслей, секторов и комплексов в конечном экономическом результате.

В этом случае при прогнозных расчетах можно оценить экономические последствия намечаемых сдвигов в структуре конечного продукта с точки зрения обеспеченности финансовыми ресурсами, включая налоги на продукты, налоги на производство и т.д.

В настоящее время в Республике Таджикистан существуют два подхода при прогнозировании макроэкономических показателей развития экономики. Первый основан на том, что заранее административно определяются необходимые объемы ВВП и поступления налогов в бюджеты разных уровней, после чего определяется уровень налоговой нагрузки. При втором подходе, наоборот, по заданной налоговой нагрузке или с учетом её динамики определяются ожидаемые объемы ВВП и поступление налогов в государственный бюджет Республики Таджикистан.

Мы считаем, что для прогнозирования объемов ВВП и поступления налогов в консолидированный бюджет целесообразно использовать макроэкономическую кривую Куликова-Павлова (рис. 1).




Рис. 1. График зависимости объемов ВВП (V) и поступления налогов (T) от налоговой нагрузки [5]

Теневая составляющая экономики представлена на этом рисунке в заштрихованном виде. Эту кривую можно получить разными способами: тригонометрическим способом, методом сложения векторов; применяя Лемнискату Бернулли или «восьмерку Кассини».

Зависимость объемов ВВП и поступления налогов в бюджет можно представить и в параметрической форме. На рисунке 2 изображена кривая, характеризующая поступление налогов в бюджет в зависимости от увеличения налоговой нагрузки.

На наш взгляд, в современных условиях в Республике Таджикистан особое внимание необходимо уделять анализу рентных доходов государства и, в частности, ренты за вложенный капитал. В условиях высокой инфляции, приватизация оказалась изолированной от проводимой экономической политики, когда инвестирование в реальное производство является высокорискованным делом.




Рис. 2. График зависимости поступлений налогов от налоговой нагрузки, где x(p) - модернизированная кривая Лаффера, y(p) - кривая Лаффера [3]

Особенно отрицательную роль сыграло искусственное занижение цен приватизируемых предприятий. На момент начала приватизации не было методики ее проведения, не был начат даже процесс оценки государственного, общенародного имущества (собственности). В результате приватизации государственная собственность была продана в несколько раз дешевле своей рыночной стоимости. Деление собственности началось еще до того, как ее оценили. Используемая схема приватизации способствовала спаду производства, ставила предприятия на грань банкротства со всеми вытекающими из этого последствиями.

Мы также считаем необходимым реанимировать государственную регламентацию обязательного сосредоточения амортизационных отчислений на специальных счетах и использование их исключительно для модернизации и расширения производства.

**Литература:**

1. Брызгалин А.В., Берник В.Р., Головкин А.Н., Брызгалин В.В. Методы налоговой оптимизации. - М.: Аналитика-Пресс, 2018. - 321 с.

2. Волкова, Г.А. Налоги и налогообложение для студентов ВУЗов / Волкова Г.А., Поляк Г.Б. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2016. - 541 с.

3. Воронина Н.В. Налоговое планирование в системе финансового менеджмента // Финансовый менеджмент. - 2014. - №27. С. 58-64.

4. Глухов В.В., Дольде И.В. Налоги: теория и практика. Учебное пособие. - СПб. Питер, 2016. - 258 с.

5. Грищенко В.Н., Демидова Л.Г., Петров А.Н. Теоретические основы планирования и прогнозирования. Ч.1. - СПб.: СПбУЭФ, 2018. - 347 с.

6. Дуканич Л.В. Налоги и налогообложение: Учебное пособие для студентов экон. спец. вузов. - Ростов н/Д.: Феникс, 2017. - 456 с.

## МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ СУҒУРТАКУНОНИИ ХАВФИ БОНКӢ

**Хайруллоев Ф.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар пешравии иқтисоди мамлакат низоми бонкӣ нақши муҳимро мебозад ва бинобар ин, сиёсати бонкҳо, пеш аз ҳама, бе густариши ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории қобилияти

харидории асъори миллӣ, пешгирӣ намудани таваррум ва дастгирии корхонаҳо равона карда шудааст.

Дар мақолаи мазкур муаллифон чунин қайд намуданд, ки такмили фаъолияти бонкҳо ва муайян намудани самтҳои асосии инкишофи онҳо яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи иқтисодӣ мебошад. Аз тарз, муҳлат ва ҳаҷми маблағҳои ҷалбшуда, ҳамчунин аз захираҳои худии бонк ва сохтори онҳо натиҷаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла имконияти зиёд намудани маблағгузорӣ ба иқтисоди кишвар ва васеъ кардани доираи хизматрасониҳо, ки ба муштариёни бонк расонида мешаванд, вобастагии калон дорад.

Суғуртакунӣ – элементи ҳатмии такрористеҳсоли ҷамъиятист. Суғуртакунӣ вазифаҳои муҳимми ҷамъиятӣ – судмандро иҷро менамояд. Ҳиссаи асосии фондҳои суғуртавӣ баҳри рӯйпӯшнамоии элементҳои талафшудаи маҳсулоти ҷамъиятӣ равона гардида, баҳри азнавбарқаорнамоии ҷараёни такрористеҳсол заминаро ташаккул медиҳад. Дигар вазифаи муҳимми он андӯхти сармояи пулӣ мебошад, ки қисми зиёди онро пасандозҳои пули аҳолӣ ташкил медиҳанд.

Ҳоло мо дар мақолаи мазкур самти тараққиёти суғуртаро дида мебароем. Дар давлати мо суғуртанамоӣ на он қадар тараққӣ кардааст. Монеаҳои асосӣ дар роҳи тараққӣ ёфтани кори суғуртавӣ - ин вуҷуд надоштани қонунгузории боандеша оид ба суғуртакунӣ ва ахбори кушодаи омории маълумот, ки зери мафҳуми «сирри бонкӣ» маълум гаштаанд.

Ҳоло ҳатто элементҳои суғуртакунии қарзҳо, монеаҳои дарроҳбуда ва ғайраҳо вуҷуд надоранд [1].

Нисбати амонатҳои бонкӣ бошад, ҳоло дар мамлакат усулҳои суғуртанамоии амонатҳо (депозитҳо) –и бонкӣ аз назар гузаронида шуда истодаанд [4].

Суғуртанамоии депозитҳо ба низоми бонкӣ ҳимоя аз «ҳуҷуми» амонатгузорон ба бонкҳо бештар медиҳад, ба амонатгузорон бештар ҳимоя пешниҳод менамояд, бо роҳи иваз намудани хоҳиш ба тартибу қоида – ҷараёни фаврӣ ва доимии маъмурӣ.

Аз тарафи дигар, суғуртанамоии депозитҳо хатари ба вуҷуд омадани ҷаллобӣ аз тарафи амонатгузоронро афзун мегардонад ва дар ин асос ба ҷараёни бодлесии фаъолияти бозорӣ ва баланд гардонидани сатҳи хавфе, ки бонк қабул менамояд, саҳм мегузорад [3].

Дар мақола саволи дурусте ба миён меояд, ки чӣ тавр низоми суғуртанамоии амонатҳоро дар иқтисоди ватанӣ бояд ҷорӣ намуд ва хатоҳои ҷиддиро аз садди ин роҳ бартараф кард? Яке аз чунин роҳҳо муроҷиат намудан ба таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ мебошад.

Аз ҳама камаш 27 давлат дорои низоми федералии суғуртанамоии депозитҳо мебошанд. Таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, дар таърих якумин кӯшиши ҷорӣ намудани низоми давлатии суғуртанамоии депозитҳо мебошад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки ҷорӣ намудани низоми суғуртанамоии амонатҳои бонкӣ аз тарафи олимони хориҷӣ ҳамчун усули зудтарини нигоҳдории осудагӣ дар ҷамъият ва дастрас гардидан ба мувофиқати иҷтимоӣ дар вазъиятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мураккаб, аз назар гузаронида мешавад [1].

Вориднамоии суғуртакунии ҳатмии амонатҳои шахсони хусусӣ дар муассисаҳои бонкӣ имкон медиҳад ба таносуби иҷтимоӣ дар ҷамъият асос гузорад ва ба ҷорӣ намудани суғуртакунии ҳатмии ба тараққиёти дарозмуддат ва мукаммалгардони нигаронидашуда собиқа диҳад. Ба низоми бонкии давлат шавқи нави тараққиёти устувор ва беҳудуди имконпазир дода мешавад.

Суғуртакунӣ дар муносибатҳои қарзии бонк бо мизоҷон аҳамияти калон дорад. Ҳангоми суғуртакунии қарзҳо дар бонкҳо хавфи қарздиҳӣ ва баргашти он паст мегардад [6].

Тибқи сармояи бонкӣ, сармояи суғуртакунанда ба сармояи худӣ, ки аз ҳиссагузориҳои саҳмдорон ташаккул меёбад ва ҷалбкардашуда тақсим мешавад.

Дар мақола қайд намудаем, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар баробари суғуртанамоии депозитҳои амонатгузорон, амалиёти қарзӣ ва дигар амалиётро суғурта менамоянд, зеро яке аз усулҳои асосии ҳимоя аз хавфи дар рафти фаъолияти бонкӣ бавуҷудомада ин суғуртакунӣ аст. Бо ёрии суғурта ду категорияи асосии хавфҳо рӯйпӯш карда мешаванд: хавфҳои иқтисодӣ (тиҷоратӣ) ва хавфҳои сиёсӣ. Хавфҳои иқтисодӣ аз муваффақият дар фаъолияти қарзгирандагони мушаххас вобастаанд, хавфҳои сиёсӣ бошанд, аз вазъи сиёсии мамлакат вобастагӣ доранд.

Дар мақола бояд зикр намуд, ки аксарияти корхонаҳо то ҳол азнавсозии молиявӣ ва истеҳсолиро ба таври пурра анҷом надоданд, қарзҳои аз тариқи Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ ба онҳо додашуда натиҷаҳои дилхоҳ набахшиданд. Дар асл қарзҳо на барои азнавсозии корхонаҳо, балки барои пӯшонидани зиёне, ки дар натиҷаи ноуҳдабарогии роҳбарони онҳо ба миён омаданд, равона карда мешуданд [10].

Бо вуҷуди он ки аз тарафи Бонки миллии Точикистон барои фаъолият шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда буд, бонкҳо то ҳол ба як қатор камбудиҳо роҳ медиҳанд, ки ин боиси бавучудоии хавфҳои бонкӣ мегардад, ҳоло оид ба ин фаъолият дар мақолаи мазкур мисолҳои зеринро мушаххас нишон медиҳем:

- паст будани ҳадди ақали сармояи умумии бонкҳо;
- иҷро накардани меъёрҳои ҳатмии иқтисодӣ;
- пурра ташаккул надодани фонди пӯшонидани хавфи имконпазири қарзҳо;
- ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо;
- зиёд будани шумораи бахшҳои фаъолияташон суст ва зиёновар;
- назорати суст аз тарафи кормандони роҳбарикунанда нисбат ба фаъолияти бахшҳои худ;
- назоратҳои сусти мақомоти идоракунӣ, махсусан шӯрои бонк аз болои фаъолияти бонк.

Бояд дар мақола қайд намуд, ки идома додани таҷдиди сохтори бонкҳо баҳри бартараф сохтани душвориҳои асосӣ, аз ҷумла ба оварда нарасонидани хавфҳо дар фаъолияти бонкӣ дар оянда аз чунин нишондиҳандаҳо вобаста аст:

- таъмини суботи шабакаи бонкӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти ватанӣ ва баланд бардоштани нақши он дар рушду равнақи иқтисодиёти кишвар;
- пайдо кардани боварӣ ба шабакаи бонкӣ ва дар иртибот бо мақсади таъмини сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ҷалб намудани маблағҳои озоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- равнақ додан ва самаранок истифода бурдани ҳисоббаробаркунии электронии байнибонкӣ;
- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ самаранок иҷро гардидани нақши миёнаравии молиявӣ;
- фароҳам овардани шароит барои таъмини фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи меъёрҳо ва таҷрибаи бонкдории байнихалқӣ;
- қатъиян роҳ надодан ба дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти ҷории бонкҳо, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шудааст;
- таҳкими минбаъдаи заминаи ҳуқуқии бонкӣ ва фароҳам овардани чунин замина барои таъсиси ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ;
- мустаҳкам кардани назорати бонкӣ аз рӯйи иҷрои меъёрҳои иқтисодӣ;

- фароҳам овардани шароит барои ривоҷу равнақи рақобати мукаммали байнибонкӣ;
- аз ҷониби бонкҳо истифода бурдани таҷрибаи бонкҳои пешрафта дар ҷодаи ба роҳ мондани шаклҳои нав ва ғайримуқарраpии хизматрасонии бонкӣ.

Бояд нишон дод, ки дар мақола дар шароити муосир яке аз роҳҳои идоракунии қарзҳои ҳалталаби мавҷудбуда интишори қоғазҳои қиматноки дарозмуддати давлатӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ бар ивази қарзҳои «бад», ки баҳри ҳалли ин проблема воситаи саривақтӣ шуда метавонад, мебошад.

Ҳангоми он бонкҳо на танҳо дар ихтисори активҳое, ки даромади фоизӣ намеоранд, балки бо роҳи пешниҳоди активҳои алтернативӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Фаъолияти бонкӣ бо хароҷоти муайяне вобастаанд, ки бо зарурати пардохти фоиз ба амонатгузорон, пардохти захираҳои қарзӣ, ки аз дигар муассисаҳои молиявӣ – қарзи харида мешаванд, ҷудо намудани воситаҳо барои пардохти меҳнати коркунони бонкӣ ва дигар хароҷот алоқаманданд [8].

Дар ҷараёни фаъолият бонкҳо метавонанд ба ташаккул ёфтани зарар дар натиҷаи нопурра гирифтани даромад ё ба вуҷуд омадани хароҷоти пешбининашуда роҳ диҳанд. Масалан, тағйир ёфтани вазъияти бозор ба зарурати баланд намудани фоиз аз рӯйи амонатҳо; камёфтии (дефицит) захираҳои қарзӣ – ба баландшавии арзиши харидории онҳо; баланд шудани пардохти меҳнат дар дигар муассисаҳои қарзӣ зарурати қабули чораҳои мувофиқ аз тарафи бонкро металабад ва ғайраҳо [7].

Бояд қайд намуд, ки алоқаи байни даромаднокии амалиёти бонк ва хавфи он метавонад бо вобастагии ростхатта ифода гардад.

Аз нигоҳи мо, сатҳи таваккал меафзояд, агар:

- ягон муаммое ногаҳон ва бар хилофи интизорӣ ба миён ояд;
- масъалаҳои наве, ки ба таҷрибаи пештараи бонк мувофиқат намекунанд, гузошта шудаанд;
- роҳбарият наметавонад чораҳои зарурӣ ва фаврӣ қабул намояд, ки ин ҳолат метавонад бар зарари молиявӣ оварад (ё бад гардидани имкониятҳои гирифтани фоидаи зарурӣ ва иловагӣ);
- тартиби мавҷудаи фаъолияти бонк ё номукаммалии қонунгузорӣ барои қабули баъзе чораҳои барои вазъияти мушаххаси оптималӣ халал мерасонад.

Натиҷаи баҳои нодуруст додан ба таваккал ё мавҷуд набудани имконияти гузаронидани чораҳои амалӣ метавонанд ниҳоят ногувор бошанд. Барои нишон додани ин ҳолат мо дар мақола якчанд таҷрибаи бонкҳои мамлакатҳои ғарбро мисол меорем, зеро нишон додани ин ҳолат ҳатмист [4].

Соли 1989 Midland Bank – и Британияи Кабир 116 млн. фунт стерлингро дар натиҷаи пешгӯии саҳвнок нисбати сатҳи фоизи қарзӣ аз рӯйи қарзҳоро талаф дод.

Моҳи феврали соли 1990. Пас аз кӯшиши нобарор баҳри ёфтани дастгирии бонки бузурги америкоӣ Drexel Burhnam Lambert, ки дар бозори вомбаргҳои шубҳаангези ширкатҳои начандон калон ва каммаъмул, ки сармоягузориҳои онҳо ба саҳмияҳо бо хавфи зиёд, вале дорои дивидендҳои баланд вобаста буд, ҳукмфармоӣ менамуд, барҳам хӯрд. Шикасти бозор дар натиҷаи созистеъмолии молиявӣ ба шикасти худи бонк овард, инчунин мавҷудияти як қатор бонкҳои амонатгузориро, ки воситаҳои худро ба ин саҳмияҳо бо кафолати DBL гузошта буданд, зери хатар гузошт.

Моҳи январи соли 1991. Bank of New England – и америкоӣ мизоҷони худро пешакӣ огоҳонид, ки пас аз ихтисор намудани қарзҳои бебозгашт дар 4 квартали соли 1990, хавфи бонк 450 млн. долларро ташкил кард. Дар натиҷаи воҳимаи бамиёномада мизоҷони бонк

аз суратҳисобҳои худ зиёда аз 1 млрд. долларро мусодира намуданд ва бонк муфлис гардид.

Дахолати ҳукумати федералӣ ва ёрӣ ба бонк ба андозаи 2,3 млрд доллар зарур омад, ки ҳолати пайдарҳам муфлисшавии бонкҳо дар давлат пешгирӣ карда шавад.

Сабабҳои умумии бавуҷудоии хавфҳои бонкӣ ва тамоюлҳои тағйирдиҳии сатҳи онҳо мавҷуданд. Дар баробари он хавфҳои бонкҳои ватаниро дар давраи муосир таҳлил намуда, муҳим аст омилҳои зеринро ба ҳисоб гирифт:

- вазъияти бухронии иқтисодиёти давраи гузариш, ки на танҳо бо пастравии истеҳсолот, ноустувории молиявии бисёр ташкилотҳо, балки бо барҳамдиҳии як қатор алоқаҳои хоҷагидорӣ ифода мегардад;
- ноустувории вазъияти сиёсӣ;
- мавҷуд набудан ё номукаммалии баъзе ҳуҷҷатҳои асосии қонунгузор, номувофиқатии байни базаи ҳуқуқӣ ва вазъияти воқеан мавҷудбуда;
- таваррум ва ғайраҳо.

Дар хулосаи мақола боз як бор аҳамияти амалӣ доштани мавзӯи интихобшудаи кориро қайд бояд кард.

Қарзҳои зиёд дар ҷумҳурӣ дар замони ҳозира бо дуруст баҳо надодан ба баъзе лаҳзаҳои хавфҳои қарзӣ, рафтори нодурусти бонкҳо дар ибтидои вусъатёбии муносибатҳои бозорӣ нисбати сиёсати қарзии худ вобастаанд. Ҳангоми азназаргузаронии вазъи иқтисодии қарзгирандаи имконпазир тамоми лаҳзаҳо муҳиманд, вагарна бонк метавонад хавфҳои бузургеро ба сар барад. Шуъбаҳои қарзии бонк бояд доимо таҷрибаи хориҷӣ ва рушдёфтаистодаи русиро ба ҳисоб гиранд, таҳлил намоянд [6].

Идоракуниро, одатан, чун ҳунаре, ки муайян намудани он имконпазир аст ва дар амалия инъикос гардидааст, муайян мекунанд. Тавсифномаҳои ҷилодори таркиби роҳбарият муҳиманд, вале меъёри боэътимоди пешсафӣ ва ояндабинӣ, сифати идоракунӣ, қобилияти назорат намудани таваккал, сифати ҳайати коркунон ё ояндаҳои молиявӣ ба ҳисоб намеравад.

Мақсади идоракунии хавфҳо дар он қайд карда мешавад, ки арзиши муассисаи мушаххас, ки бо фоиданокӣ ва дараҷаи таваккал муайян карда мешавад, зиёд гардонида шавад [3].

**Адабиёт:**

1. Банковское дело, учебник, Е.Т. Жарковская. - М: Омега-Л, 2004. – 459 с.
2. Банки и банковское дело. Под.ред. И.Р. Балабанова.- Санкт-Петербург:СПБ-Питер, 2001. – 304 с.
3. Мишкин Ф. Экономическое теория, деньги, банковское дело и финансовых рисков. учеб. пос. для вузов (пер. с англ. яз.) Д.В. Виноградова, под. ред. М.Е. Дорошенко. – М.: Аспект-пресс, 1999. – 820 с.
4. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе: Эр-граф, 2008. – 450 саҳ.
5. Финансы, денежное обращение и кредит учебник, под. ред. В.К. Сенчакова, А.И. Архипова. - Москва: Проспект, 1999. – 486 стр.
6. Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон, №1 (20), 2000.
7. Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон №1-2 (47-48), 2004.
8. Ашуров Н. Управление банковскими рисками. – Душанбе: Первая типография, 2000.
9. Банковское дело. Справочное пособие под редакцией Ю.А.Бабичевой. - Москва, 1999.
10. Деньги, кредит, банки. Под редакцией В.В.Иванова, Б.И.Соколова. – Москва: Проспект, 2004.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ». Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 23 майи соли 1998, № 650.

# РОЛЬ КРЕДИТНЫХ ОПЕРАЦИЙ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Хасанов А.Р., Гафарова М.Р.***
**Технологический университет Таджикистана**
**Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемура***

Для практической реализации мер по развитию экономики Республики Таджикистан важное значение имеет развитие финансового сектора, способного аккумулировать корпоративные накопления и личные сбережения и инвестировать их в приоритетные направления экономического развития. Опыт стран Восточной Азии, добившихся высоких темпов экономического роста, подтверждает вышесказанное.

Финансовый сектор Республики Таджикистан представлен несколькими сегментами, однако основным является банковская система. Дело в том, что в современных условиях развития рыночной экономики в РТ, когда практически отсутствует рынок корпоративных ценных бумаг, предприятия реального сектора экономики вынуждены прибегать к заимствованию средств у коммерческих банков как для пополнения оборотных средств, так и для осуществления капитальных вложений. Поэтому роль данного сегмента в финансировании экономического роста очень велика.

Сегодня банки рассматриваются как потенциально активные и обладающие ресурсами участники инвестиционной деятельности. Общее направление, в котором лежит решение стоящих перед банковской системой задач, заключается в необходимости переориентации аккумулируемых в ней ресурсов от спекулятивных операций на финансовых рынках к расширению взаимоотношений с предприятиями, что будет способствовать оздоровлению реального сектора экономики и создаст основу для развития самой банковской системы.

бисёр ташкилотҳои байналмилалии тамоми ҷаҳон мебошад, аз ҷумла, дар "Созмони байналмилалии меҳнат дар якҷоягӣ бо Фонди аврупоии беҳтар сохтани шароити кор ва зиндагӣ (Еврофонд) дар соли 2017 [2], Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD), ки дар конфронси соли 2016 шаклҳои нави шуғл ва малакаи мағлубнашавандаи коргарро, ки он бояд ӯро барои шуғли самаранок дар ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул диҳад, баррасӣ кард» [3].

Рушди иқтисоди рақамӣ дар Русия ба таври васеъ омӯхта мешавад, масалан, дар Сколково Маркази салоҳияти танзими иқтисоди рақамӣ таъсис дода шудааст, ки ҳадафи асосии он ба таҳияи Консепсияи такмили танзими ҳуқуқӣ дар заминаи ташаккули иқтисоди рақамӣ равона шудааст [4]. Дар баробари ин, дар иқтисоди Русия якчанд пажӯҳишгоҳҳои махсусе ҳастанд, ки ба масъалаҳои технологияҳои рақамӣ сарукор доранд, аз ҷумла, чунин пажӯҳишгоҳҳо, ба монанди Институти рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Русия, Пажӯҳишгоҳи илмии иқтисодиёти нав ва тиҷорати назди РЭУ ба номи Г.В. Плеханов, Агентии ташаббусҳои стратегии Русия, Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ, Мактаби олии иқтисодӣ, Институти иқтисоди марказӣ ва математика, Институти рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ба номи М.В. Ломоносов ва бисёр дигарон мебошанд.

Умуман, иқтисоди рақамӣ сохтори иқтисодиётро тағйир медиҳад ва ба ин васила барои ташаккули дониши иқтисодӣ шароити объективӣ фароҳам меоварад. Вобаста ба ин, дар матбуоти илмӣ навишта шудааст, ки самти умедбахши татбиқи технологияҳои рақамӣ интернет дар тамоми бахшҳо ва соҳаҳои ҳаёти иқтисодии ҷомеа мебошад. Дар он махсус гуфта шудааст, ки «... Татбиқи онҳо корхонаҳоро ба системаҳои кушод табдил медиҳад, ки дар он технологияҳои амалиётӣ ва иттилоотӣ муттаҳид карда мешаванд. Дар айни замон, ҳамаи равандҳои истеҳсолӣ ба фазои ягонаи иттилоотӣ дохил мешаванд - аз коркард то истеҳсолот ва аз фурӯш то хидмат афзоиши самаранокиро тавассути кам кардани хароҷоти сармоявӣ ва хароҷоти қувваи корӣ таъмин менамояд. Тахмин менамоянд, ки татбиқи Интернети саноатӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки бекористиро 10% коҳиш диҳанд, хароҷоти хизматрасонии техникиро кам кунанд ва аз кор мондани таҷҳизотро пешгирӣ кунанд» [5].

Имрӯзҳо якчанд равияҳо оид ба арзёбии иқтисоди рақамӣ мавҷуданд, аммо дар ин мақолаи илмӣ ҳадафи мо омӯзиши таъсири он ба бозори меҳнат аст. Пеш аз ҳама, ман мехоҳам қайд намоям, ки раванди ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон хусусияти фарққунанда дорад, зеро дар иқтисоди кишварҳои пешрафта гузариш ба иқтисоди рақамӣ кайҳо гузаштааст, дар ҳоле ки дар бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ ақибмонии иттилоот-технологияҳои коммуникатсионӣ мавҷуд аст. Ташаккули иқтисоди рақамӣ аз сатҳи рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон вобаста аст.

Рушди иқтисоди рақамӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон дар асоси нишондодҳои мухталифе, ки аз ҷониби ташкилотҳои муайян, муассисаҳо ё институтҳои махсуси таҳқиқотӣ ҳисоб карда мешаванд, баҳогузорӣ карда мешавад. Дар асари олими Беларус Г.Г.Головенчик, рӯйхати рейтингҳо ба таври кӯтоҳ нишон дода шудааст, ки ин ё он ҷанбаи татбиқи технологияҳои рақамиро дар кишварҳои ҷаҳон тавсиф мекунад. Аз ҷумла: “1.Индекси рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (IDI); 2. Индекси иқтисоди рақамӣ ва ҷомеа (DESI); 3. Индекси рақобатпазирии рақамии ҷаҳонӣ (WDCI); 4. Индекси эволютсияи рақамӣ (DEI); 5. Индекси омодагии шабакавӣ(NRI); 6. Индекси рушди ҳукумати электронӣ (EGDI); 7. Индекси ҷаҳонии пайвастшавӣ (GCI); 8. Индекси ҷаҳонии инноватсия (GII)”[6]. Баъдан, ин олим маълумоти воқеии ин нишондиҳандаҳоро дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст, нишон медиҳад. Ба рӯйхати кишварҳои дар ҷадвал овардашуда мо маълумот дар бораи Тоҷикистонро илова кардем, ки пешниҳод мешавад.

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии ташаккули иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Ғайр аз ин, баъзе нишондиҳандаҳо, ки сатҳи рушди иқтисоди рақамиро дар Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои махсуси байналмилалӣ, муассисаҳо ё пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тавсиф мекунанд, ҳоло ҳисоб карда нашудаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, иқтисоди рақамӣ метавонад мушкилоти шуғлро дар бозори меҳнат шадидтар кунад. Ин ҷо оид ба пайдоиши мошинҳо дар истеҳсолот гуфтан ҷоиз аст. Масалан, иқтисоддонҳои маъруф Ҷ.С.Милл, Маккулоч ва Карл Маркс дар бораи мушкилоти аз саноат ронда шудани коргарон ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла, Карл Маркс навиштааст: "Гарчанде ки мошинҳо коргаронро аз он соҳаҳои меҳнат, ки дар он онҳо фаъолият мебаранд, озод мекунанд, аммо онҳо метавонанд боиси афзоиши шуғл дар дигар соҳаҳои меҳнат шаванд" [7]. Ҷ.М.Кейнс дар асарҳояш вазъиятеро тасвир мекунад, ки дар ҳама ҳолат гузариши технологии иқтисодиёт ба мушкилӣ рӯ ба рӯ меояд [8]. Вобаста ба ин, дар матбуоти кушод қайд карда мешавад, ки «Агар шумо ба ояндаи дуртар назар андозед, маълум мешавад, ки дар 20 соли наздик мошинҳо одамонро аз бисёр касбҳо маҳрум мекунанд. Автоматикунонии бисёр соҳаҳо боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад (зиёда аз 2 миллион дар саросари ҷаҳон барои чунин касбҳо, ба монанди таҳлилгарон, таҳиягарони нармафзор, муҳандисон ва дигар мутахассисони баландихтисос. Аммо дар айни замон, он боиси кам кардани 7 миллион ҷойҳои корӣ, ки ҷалби коргарони миёнаи баландихтисосро тақозо мекунанд, кори онҳоро роботҳо идома медиҳанд)»[9].

**Ҷадвали 1.**

**Баъзе давлатҳои ҷаҳон дар рейтинги рушди иқтисоди рақамӣ**

| Давлат | IDI 2017 | DESI 2018 | WD CI 2018 | DEI 2017 | NRI 2016 | EGDI 2018 | GCI 2018 | GII 2018 | Ба Ҳис. миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Британияи Кабир | 5 | 7 | 10 | 8 | 8 | 4 | 5 | 4 | 5,4 |
| Швеция | 11 | 2 | 3 | 2 | 3 | 6 | 3 | 3 | 6,7 |
| Финляндия | 22 | 3 | 5 | 3 | 2 | 5 | 6 | 7 | 7,0 |
| Дания | 4 | 1 | 4 | 4 | 11 | 1 | 7 | 8 | 7,8 |
| Германия | 12 | 14 | 18 | 17 | 15 | 15 | 14 | 9 | 15,7 |
| Қазоқистон | 52 | - | 38 | - | 39 | 39 | 45 | 74 | 49,7 |
| Қирғизистон | 09 | -- | - | - | 95 | 91 | - | 94 | 92,4 |
| Тоҷикистон | - | - | - | - | 114 | 131 | 77 | 101 | 105,7 |

Манбаъ: he Digital Economy and Society Index (DESI) // European Commission. Available at: https://ec.europa.eu/digitalsingle-market/en/desi (accessed: 03.06.2018).; IMD World Digital Competitiveness Ranking 2017. IMD World Competitiveness Center, 2017.180 p.; Gearing e-government to support transformation towards sustainable and resilient societies. / United Nations E-government survey 2018. - New York, 2018. – P. 258-274.; Measuring the Information Society Report. Volume 1. Geneva, ITU, 2017. 156 p.; Tap Into New Growth With Intelligent Connectivity. Mapping your transformation into a digital economy with GCI 2018 // Huawei, Oxford Economics. Available at: http://www.huawei.com/minisite/gci/assets/files/gci_2018_whitepaper_en.pdf?v=20180605 (accessed: 06.07.2018).; The Global Innovation Index 2018: Energizing the World with Innovation. Geneva, Cornell University, INSEAD, WIPO, 2018. 430 p.;Digital Planet 2017: How Competitiveness And Trust In Digital Economies Vary Across The World / BhaskarChakravorti, Ravi Shankar Chaturvedi. – The Fletcher School, Tufts University, 2017. – 70 p.

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар баробари зиёд кардани талабот ба сифатҳои касбии қувваи корӣ сохтори бозори меҳнатро дигаргун месозад. Дар аксари ҳолатҳо, олимон ва намояндагони тиҷорат тахмин менамоянд, ки иқтисоди рақамӣ метавонад тавассути ихтисори азими коргарон ва афзоиши бекорӣ вазъи бозори меҳнатро ба таври назаррас ноустувор созад.

Дар ин замина, як донишманди дигар Ҷ.Бессен қайд мекунад, ки "... тибқи маълумоти мавҷуда, технологияҳо имрӯз коргаронро асосан бо ҷойҳои нави корӣ иваз мекунанд ва пурра бекор намекунанд" [10]. Тахмин меравад, ки дар натиҷаи тағйирёбии босуръати технологӣ имкон пайдо мешавад, ки бекориҳои маҳаллӣ ба амал оянд. Онҳо асосан ба захираҳои меҳнатие дахл доранд, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир нестанд ва барои бозомӯзӣ омода нестанд. Ба ибораи дигар, рақамикунонии иқтисодиёт дар он минтақаҳое, ки иқтидори истеҳсолӣ нисбатан паст аст, боиси коҳишёбии қувваи корӣ мегардад. Умуман, гузариш ба иқтисоди рақамӣ тағйироти технологӣ дар раванди истеҳсолот, тағйирот дар системаи идоракунӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар робита бо истифодаи захираҳои инсонӣ мушкилоти навро ба миён меоварад. Ин мушкилотро метавон ба таври зерин ҷамъбаст кард:

1. Азбайнравии баъзе касбҳо боиси тағйирёбии муҳтавои тақсимоти меҳнат мегардад. Аз ин мавқеъ принсипҳои ташкили илмии меҳнат тағир меёбанд, ки дар он принсипи чандирӣ ва динамизм бартарӣ пайдо мекунад;

2. Тавсеаи автоматизатсия ва роботсозӣ муҳтавои меҳнатро дар соҳаҳои хоҷагии халқ тағйир медиҳад, ки ин омода кардани кадрҳои касбиро бо малакаҳои баланди муошират, малакаҳои ғайристандартӣ ва қобилияти кор (на салоҳиятҳои касбӣ) бо технологияҳои рақамӣ мушкил месозад;

3. Бартарияти принсип ва мафҳуми "зиндагӣ ва омӯзиш", ба ибораи дигар, "омӯзиши якумрӣ" дар иқтисоди рақамӣ торафт равшантар мушоҳида мешавад, ки мо бояд сатҳи касбияти хешро дар тӯли ҳаёти худ якчанд маротиба иваз кунем, чунки ҷойҳои корӣ ҳамчун технологияҳои рақамӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои муштариён ва технология тағйиротро ба амал меорад, ин ҳама такмилдиҳии донишии касбиро вобаста ба рушди иқтисоди рақамӣ тақозо менамояд;

4. Талаботи баланд ба таълим ва ташаккули салоҳиятҳои мувофиқ дар қувваи корӣ мебошад, зеро дар шароити автоматикунонӣ, роботсозӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ, чизи асосӣ маҳорати касбии қувваи корӣ аст, на дастрасии дипломҳои донишгоҳҳои бонуфуз ва ғайра.

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда дастуру супоришҳои Сарвари давлатро бори дигар тасдиқ менамояд, ки дар ҳақиқат ҳам, ба такмили фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар бистсолаи оянда зарур аст. Мо тахмин менамоем, ки дар ҳама соҳаҳои таълими касбӣ, аз ихтисосҳои гуманитарӣ, педагогӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ то муҳандисӣ бояд маълумоти иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва техникӣ дода шавад. Дар баробари ин, дар тамоми донишгоҳҳои пешрафтаи ҷумҳурӣ, инчунин дар донишкадаҳои такмили ихтисоси кадрҳо бояд барномаҳои мухталиф дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар самтҳои дахлдори фаъолияти касбӣ ба раванди таълим шомил карда шаванд. Пас соҳаи маориф каме бошад ҳам, барои амалишавии ҳадафи чоруми стратегии кишвар замина мегузорад.

Хулоса, раванди омодасозии кадрҳо имрӯз бояд бо назардошти талаботи иқтисоди рақамӣ ташкил карда шавад, зеро танҳо чунин равиш метавонад шуғли муътадилро дар бозори меҳнат таъмин намояд. Дар ин замина, матбуоти Русия комилан дуруст қайд кард, ки“... Бояд шумораи бештари хатмкардагони донишгоҳҳо дорои салоҳиятҳои асосии иқтисоди рақамӣ бошанд. Муҳим он аст, ки одамон барои аз худ кардани самтҳои наве, ки иқтисоди рақамӣ талаб мекунад, ҳавасманд бошанд» [11]. Мутахассисони Русия муҳтавои таълими кадрҳоро дар иқтисоди рақамӣ таҳқиқ карда, Атласи касбҳои навро таҳия карданд.

Ҳамин тариқ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ муҳиммияти ин мушкилотро афзоиш медиҳад ва дар назди худ вазифа мегузорад, ки шароити иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар бо мақсади таъмини устувории бозори меҳнат дар давраи рушди иқтисоди рақамӣ таъмин карда шавад. Дар ин ҷо аз ҳама муҳим мустаҳкам кардани дониш, малакаи касбӣ, баланд бардоштани тахассуси

касбии кормандоне мебошад, ки ба талаботи иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ бошанд. Танҳо ин равиш ба ташаккули иқтисоди рақобатпазир, таъмини меҳнати сермаҳсул ва шуғли аҳолӣ, афзоиши сатҳи муносиби зиндагии аҳолии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Negroponte N. Being Digital. - N.Y.: Knopf, 1995. - 256p.
2. Working anytime, anywhere: The effects on the world of work /v Publications Office of the European Union, Geneva, 2017. – 73 p.
3. Panel 4.2 “Skills for a Digital World” of the OECD Ministerial Meeting on the Digital Economy, 21-23 June 2016, Cancun (Mexico) [электронныйресурс]. URL:www.oecd-ilibrary. (датаобращения: 23.04.2019 г.)
4. Атлас новых профессий. Московская школа управления «Сколково» [электронный ресурс]. URL:atlas100.ru.(дата обращения: 11.04.2019 г.)
5. Головенчик Г. Г. Рейтинговый анализ уровня цифровой трансформации экономик стран ЕАЭС и ЕС / Г.Г. Головенчик // Цифровая трансформация. – 2018. – № 2 (3). – С. 5–18.
6. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии // Маркс К., Т. I. кн. 1. Процесс производства капитала. – Москва: Политиздат, 1978.
7. Keynes J.M.Economic Possibilities for our Grandchildren // Essays in Persuasion. N.Y.: W. W. Norton & Co, 1963
8. Цифровая повестка евразийского экономического союза до 2025 года: перспективы и рекомендации. / Обзор. – М.; Группа Всемирного банка, 2018. – С. 12-13.
9. Бессен Дж. Труд и технологии / Дж. Бессен // Финансы и развитие. Международный валютный фонд. – 2015.
10. Ахапкин Н.Ю., Волкова Н.Н., Иванов А.Е. Развитие цифровой экономики и перспективы трансформации российского труда рынка труда / Ахапкин Н.Ю., Волкова Н.Н., Иванов А.Е. // Вестник Института экономики Российской академии наук. – 2018. – №5 – С.52-62.


## МУШКИЛОТИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ СЕГМЕНТӢ ВА МАРКАЗИ МАСЪУЛИЯТ ДАР КОРХОНАИ САНОАТИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАН


**Шобеков М., Шамсиддинов М.М., Досиев М.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Дар шароити муосир истифодаи баҳисобгирии идоравӣ бо мақсади самаранок гардонидани корхона масъалаи мубрам ҳисобида мешавад. Дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон методологияи ягонаи баҳисобгирии идоравӣ набуда, дар натиҷаи татбиқ нагардидани истифодаи коркардҳои назариявӣ, на ҳамаи роҳбарон доир ба хусусиятҳои мусбати баҳисобгирӣ маълумот доранд.

Бино бар сабабаи зарурати истифодаи сарфакоронаи сарвати қаъри замин дар корхонаҳои саноатӣ зарурати татбиқи таҷрибаи муосири баҳисобгирии идоравӣ аз рӯйи маркази масъулият зарур аст.

Самаранокии истеҳсолот ба воситаи мукаммалгардонии муносибатҳои иқтисодии байниташкилотӣ ва сохторҳои алоҳидаи он оид ба азнавтақсимкунии даромад ва васеъ истифоданамоии принсипҳо, шаклҳои ҳисоббаробаркунии дохилихоҷагӣ,

ҳисоббаробаркунии тиҷоратӣ ба воситаи ташкили марказҳои масъулият ва сегментҳои фаъолият амалӣ карда мешавад.

Консепсияи баҳисобгирӣ аз рӯйи марказҳои масъулият аз тарафи олими америкоӣ Джон Хиггинс дар соли 1952 пешниҳод гардидааст.

Тамоми шаклҳои ташкили фаъолият аз баҳисобгирии муҳосибӣ ғайри муттамарказгардонии вазифаҳои баҳисобгирии идоравӣ, яъне ба марказҳо ҷудо намуданро зарур мешуморад.

Дар шароити набудани мутамарказии масъулият дар самти банақшагирӣ ва назорати хароҷот, натиҷаи фаъолияти марказҳои масъулият байни роҳбарони гуногун тақсим карда мешавад. Бо ин мақсад ҳар як роҳбар, роҳбари участкаи корӣ, мудири сех бояд дар самти банақшагирии хароҷот ва назорат ҳисоботӣ буҷаи харҷ дошта бошад, ки ба воситаи он роҳбари зинаи болоӣ тавонад назорати ҷории сарфакории хароҷотро барад.

Имрӯз дар таҷриба норасоии асосии ҳисоботи идоравӣ ин ташкили баҳисобгирӣ дар асоси тарзҳои ғайрисамараноки коркард ва пешниҳоди иттиллот ба роҳбарон, менеҷерон ва мудирони минтақаҳои корӣ мебошад. Мундариҷаи ҳисобот ба соҳае, ки роҳбар ё менеҷер қарор қабул менамоянд, мувофиқат намекунад. Дар умум, ҳамаи ҳисоботи дохилӣ ба ҳисобот оид ба иҷрои хароҷот мутобиқат бояд намоянд. Омӯзиши мундариҷаи таркиби ҳисоботи дохилии якчанд корхонаҳои саноатӣ норасоиҳои зерини ҳисоботро дар зинаҳои гуногуни тартибдиҳӣ ва пешниҳод муайян намуд:

- ҳамҷоягардии иттилоот вобаста ба ҳаҷми фурӯш ва хароҷот;
- фаврӣ набудан, яъне, имконияти дар фурсати кӯтоҳ таъсир расонидан ба натиҷаи фаъолияти маркази масъулиятро надоранд;
- роҳбарияти зинаи поёнии (бригадир, роҳбарии минтақаи корӣ ва мудири сех) иттилоотро доир ба майлкуниҳо ба инобат намегиранд;

Ҳисобот оид ба иҷроиши нақшаи минтақаҳои истеҳсолӣ барои баҳисобгирии идоравӣ ва идораи майлкуниҳо муҳим шуморида шуда, аз тарафи роҳбарони минтақаҳо алоҳида ҳар моҳ тартиб дода мешавад. Истифодаи ин ҳисобот дастгоҳи идораи корхонаро бо иттилооти самаранок оид ба раванди истеҳсолӣ ва динамикаи хароҷот таъмин менамояд. Барои баландбардории ҳавасмандии ҳамаи кормандон ҷои хосро муайяннамоии таъсири ҳар як маркази масъулият ба натоиҷи фаъолияти хоҷагӣ - молиявии ташкилот мебозад. Аз ин рӯ баҳодиҳии фосилавии сарфакории истифодаи хароҷот ва баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти истеҳсолию молиявии корхонаи саноатӣ гузаронидан имкон дорад. Ҳисоботи пешниҳодшаванда дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан иттилооти зарурии зеринро барои баҳодиҳии натиҷаи молиявӣ - истеҳсолии маркази масъулият дорад:

- ҳаҷми истихроҷи маъдан;
- таркиби маъдан;
- гурӯҳи маъдан;
- ҳаҷми истифодаи реагентҳо;
- арзиши аслии 1 т. маъдан ва таркиби он;
- ҳаҷми маҳсулоти ниҳоӣ;
- фоидаи соф;
- хароҷот ба 1 т. маҳсулоти ниҳоӣ;
- даромаднокӣ (рентабелност) аз фурӯш;

Истифодаи ҳисобот оид ба баҳодидиҳии фосилавии натиҷаи фаъолияти марказҳои истеҳсолӣ ҳамчун шакли ҳисоботи дохилӣ ба роҳбарияти корхона имконияти муқоисаи натиҷаи фаъолияти ҳар як маркази хароҷоти корхонаи саноатиро фароҳам намуда, саҳми ҳар як сохторро ба натиҷаи фаъолияти умумии корхона ва муқоисаи онро нисбат ба

якдигар, инчунин ҳавасмандии ҳар як кормандро нисбат ба натиҷаи фаъолият таъмин месозад. Дар умум вазифаи ташкили маркази хароҷот ин дарёфти омилҳои пастнамоии арзиши аслӣ, талафот баланд бардории сифати маҳсулоти ниҳоӣ мебошад.

Дар корхонаҳои саноати истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъҳои маркази хароҷот ва ҳисоботи фарогирандаи он дар шаклҳои гуногун дида мешавад. Имрӯз ҳамчун таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ метавон таъсиси маркази ҳисобот оид ба фоидаро дар ин соҳа тавсия дод.

Ҳисобот аз рӯйии сегмент барои сатҳҳои гуногун ва шаклҳои мухталиф тартиб дода мешавад:

- аз рӯйи минтақаҳои истеҳсолӣ;
- аз рӯйи самти фурӯши маҳсулот;
- аз рӯйи ҳудудҳои минтақавӣ;
- аз рӯйи намуди маҳсулот.

Принсипи асосии таҳияи ҳисоботи сегментӣ дар корхонаи истихроҷ ва коркарди маъдани кӯҳӣ чунин бояд бошад:

- саривақтӣ;
- зарурат ба зинаи болоӣ;
- таъсиррасон ба қабули қарор;
- сарфаи харҷ;
- зиёднамоии фоида.

Маҳсули фаъолияти баҳисобгирии идоравӣ – ҳисоботи идоравӣ буда, низоми нишондиҳандаҳои бо ҳам вобастаи шароит ва натиҷаи фаъолияти корхона аст, ки барои идораи фаврӣ ва имконияти қабули қарору назорати сохторҳои алоҳидаи ташкилот шароит фароҳам меорад.

Ҳамин тарз ҷараёни истихроҷ ва коркарди маъдани кӯҳӣ хароҷоти зеринро бояд ба назар гирад:

- ҳисоб ва пардохти маоши кормандоне, ки ба инкишоф ва муайянсозии миқдори захираи табиӣ машғул ҳастанд;
- хароҷоти моддӣ ва хизматрасонӣ;
- истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ;
- нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ ва шаҳраки муваққатӣ;
- баргардонии заминҳо ба ҳолати аввала (рекултиватсия);

Дуруст ҷобаҷогузории масъулияти инфиродии роҳбарон, менеҷерон, кормандон дар давраҳо ва зинаҳои гуногун самаранокии баҳисобгирии идоравиро дар корхонаҳои истихроҷ ва коркарди маъдани кӯҳӣ баланд бардошта, инчунин ба сохти истифодаи сарфакоронаи хароҷот аз рӯӣ маркази масъулит шароит фароҳам меорад. Зиёда аз ин бо мақсади баҳисобгирии идоравӣ ва сохти занҷираи ҳадафҳои стратегии фаъолияти корхона, муайянсозии маҷмуъи корҳо дар ҳар як зинаи истихроҷ ва каркади маъдани кӯҳӣ муаян гардида, имконичти ташаккули иттилооти муфид ва саривақтиро оид ба ҳар як маркази хароҷот барои ҳисоби арзишиш аслӣ зарур аст.

Дар умум натиҷаи тамоми фаъолияти баҳисобгирии идоравӣ ба воситаи маҷмӯи ҳисоботи идоравӣ пешниҳод мегардад. Ҳисоботи идоравӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан ҳисоботи дохилихоҷагӣ буда, барои истифодаи равандҳои дохилии истеҳсолӣ ва тартибдиҳии нишондиҳандаҳои фаъолияти сохторҳои алоҳидаи ташкилот дар алоҳидагӣ ва умумӣ истифода мегардад.

Бояд қайд кард, ки сохтори ташкили истеҳсолии корхонаи истихроҷи сарвати табиӣ аз се зина иборат аст:

- воҳидҳои сохторӣ: ташхисгоҳ, идораи таъминотӣ ва ғайра;
- зерқисмҳои сохторӣ: сех, ҳудудҳои корӣ ва ғайраҳо;
- зерсохторҳои истеҳсолӣ - бригадаҳо {1, с.13};

Ба маркази масъулият метавон сегменти ташкилот, ки ба воситаи он назорати ҷории хароҷот ва даромад гузаронида мешавад, дохил кард. Роҳбарии маркази масъулият оид ба раванди, нишондиҳандаҳои марказ масъулияти инфиродӣ доранд. ҳадафи баҳисобгирӣ аз рӯи маркази масъулият ин ҳамҷоясозии маълумотҳо оид ба хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти ҳар як марказ мебошад. ҳамин тавр маркази масъулият ин қисми воҳидии мустақили корхона буда, барои баҳисобгирии муҳосибӣ воситаи назорати фаъолият баромад менамояд.

Дар ҳар як маркази масъулият сарфаи хароҷот ва истеҳсоли маҳсулот ба амал меояд. Хароҷоти ҳар як маркази масъулият аз тарафи менҷери марказ ё иҷрокунанда назорат карда мешавад.

Мафҳуми маркази масъулият аз тарафи олимон гуногун шарҳ дода шудааст Н.П. Кондраков таснифоти зерини маркази масъулиятро пешниҳод кардааст {2.45}:

- маркази фоида;
- маркази хароҷот;
- маркази сармоя;
- маркази таъминот;
- маркази истеҳсолот;
- маркази фурӯш.

Ба ақидаи Каримов В.И. “Маркази масъулият сарчашма мегирад аз ҳаҷми масъулият ва ҷавобгарӣ, ҷудо мешавад ба маркази хароҷот, фурӯш, фоида ва сармоягузорӣ {3. 65}”

Вобаста аз талабот ва сатҳи вазифаҳои муайяншудаи роҳбарони сохторҳо дар доираи сохтори мавҷудаи ташкилӣ, инчунин бо назардошти хусусиятҳои дар боло номбаршуда, дар корхонаи саноати истихроҷ ва коркарди маъдани кӯҳӣ метавон чунин марказҳои масъулиятро ташкил кард:

- маркази хароҷот – ин воҳиди сохторӣ, ки дар он роҳбар барои расидан ба сатҳи нақшавии хароҷот дар истеҳсоли маҳсулот, хадамот ҷавобгар аст. Ба хароҷоти нақшавӣ пардохти музди меҳнат, харҷи хариди ашёи хом ва масолеҳ ва ғайра дохил мешавад. Самаранокии фаъолияти ин марказ ба воситаи ҳаҷми нишондиҳандаҳои мусбат ва майлкуниҳои манфӣ аз нақша муайян мегардад. Маркази хароҷот метавонад аз зерсохторҳои ёрирасон иборат бошад.

- маркази даромад - роҳбари он дар доираи буҷаи муқарраршуда барои максималӣ гардонидани даромад аз фурӯш ҷавобгар аст. Мудирони ин марказҳо ҳуқуқи аз меъёр зиёд сарф намудани воситаҳоро надоранд. Намунаи ин марказ- маркази фурӯш мебошад;

- маркази фоида - ин марказе, ки аз нисбат ба маркази даромад бо фишурдагардии масъулияти роҳбар фарқ мекунад. Дар ин ҷо идораи хароҷот бо мақсади бадастории фоида аз амалиёт имконият дорад. Намунаи ин намуди маркази масъулият зерсохтори истеҳсолии ҳисоббаробаркунии хоҷагӣ мебошад, ки аз рӯйи принсипи худназоратӣ ва худмаблағгузорӣ фаъолият менамояд.

Ҳадафи асосии ивазнамоии сохтори идоравӣ ба низоми маркази масъулият ин баландбардории ҳавасмандии кормандон нисбат ба сифатнок ва дар муҳлати муқарраршуда иҷро намудани вазифаҳо мебошад. Интихоби нишондиҳандаҳо ва шароити мукофотдиҳӣ аз мақоми маркази масъулият вобаста аст. Инчунин шарти мукофодиҳии зерсохтор ҳатман дар супориши истеҳсолӣ муқаррар мегарданд. Нишондиҳандаҳои

мукофотӣ ҳатман бо назардошти ҳамаи омилҳои таъсиррасон коркард шуда, бояд асоснок, пурра ва ҳақиқӣ бошанд.

Яке аз шартҳои асосии самаранокии фаъолияти марказ ин мушаххас намудани шаклҳои масъулият мебошад. Масъулияти роҳбар ин натанҳо назорат, балки дар сурати зарурӣ ба он таъсир расонидан мебошад.

Вазифаи роҳбари зерсохтор натанҳо назорат, инчунин метавонад ба ҷараёни қабули қарор таъсир расонад. Масалан, масъулияти он фоида бошад, имконияти пастнамоии хароҷот ва зиёднамоии ҳосилнокии меҳнат бо мақсади гирифтани натиҷаи муфидтарин мебошад. Агар вай ба хароҷот масъул бошад, пас ба сатҳ ва моддаи хароҷот таъсир мерасонад. Роҳбарии шуъбаи фурӯш метавонад ба хароҷот масъул бошад ва ба ташаккули арзиши аслӣ таъсир расонад (иштирок дар қабули қарор вобаста ба арзиши аслӣ).

Ҳамин тавр барои ҳар як маркази масъулият зарурати муайянсозии низоми нишондиҳандаҳои банақшагирӣ, низоми баҳодиҳии натиҷаҳо ва ҳавасмандгардонии кормандон ва коллективи меҳнатӣ мебошад. Дар ин сурат ҳалли масъалаи ҷавобгарии роҳбарон аз рӯӣ иерархияи идора зарур аст.

Ба ақидаи мо, ба вазифаҳои маркази масъулият ин вазифаҳоро дохил намудан зарур аст:

- таҳлили вазъи захираҳо;
- ҳисоби арзиши аслӣ;
- назорати иҷрои буҷа;

Амалисозии мундариҷаи баҳисобгирии идоравӣ ба воситаи вазифаҳои он татбиқ мегарадад: пешгӯйӣ, банақшагирӣ, бамеъёргирӣ, баҳисобгирӣ аз рӯйи маркази масъулият, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, назорат ва танзим. Дар шароити истеҳсолоти муосир барои самаранок идоранамоии фаъолияти маркази ҷавобгарӣ иттилооти релевантӣ зарур буда, барои таъсир расонидан ба майлкуниҳои нишондиҳандаҳои гуногун шароит фароҳам меорад. Асос барои ташаккули иттилооти банақшагирӣ ҷои ба вуҷуд омадани хароҷот мебошад. Имрӯз ин масъала ба воситаи таъсиси маркази масъулият амалӣ гардонида мешавад. Маркази масъулият, пеш аз ҳама, сохтори воҳидие, ки дар он хароҷот ва даромад дар натиҷаи ғайримарказгардонӣ ва ивазшавии масъулият аз зинаи болоӣ ба поёнӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми ташаккули маркази масъулият ва ташкили баҳисобгирии идоравӣ зарурати ҳалли масъалаи сохтор ва ҷои бавуҷудоии хароҷот ва барандагони хароҷот зарур аст. Барандагони хароҷот метавонанд истеҳсоли маҳсулоти мушаххас, аз рӯйи гурӯҳ, намудҳои махсусгардонидашудаи маҳсулоти истеҳсолшуда ва худи марказҳо баромад намоянд. Вобаста ба ин объекти баҳисобгирии хароҷот ва методи баҳисобгирии истеҳсолӣ ва маркази масъулият муайян гардад.

То ҳоли ҳозир таснифоти методи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва арзиши аслӣ дар баҳисобгирии идоравӣ шарҳи ягона надошта, дар низомномаҳо ва дастурамалҳо оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ду методи баҳисобгирии хароҷот пешниҳод шудааст:

- фармоишӣ;
- ҷараёнӣ.

Дар мавриди гуногунии методи тақсимоти хароҷот, олимони соҳа гурӯҳбандии гуногунро пешниҳод менамоянд. Ба ақидаи мо, методи баҳисобгирии истеҳсолӣ хароҷот ва арзиши аслиро метавон аз рӯйи ду нишондиҳанда гурӯҳбандӣ кард:

- аз рӯйи объекти баҳисобгирии хароҷот: ҷараёнӣ, фармоишӣ;
- аз рӯйи фаврияти иттилооти баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот: меъёрӣ, ҳақиқӣ.

**Ҷадвали 1.**

**Вазифаҳои ташкили маркази масъулият**

| Намуди маркази масъулият | Шакли ташкилии маркази масъулият | Нишондиҳандаҳои маркази масъулият | Нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии коллективҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|---|
| 1. Маркази хароҷот | Зерсохтори хизматрасон ва таъминот | 1. Иҷрои барномаи корӣ (ҳаҷми кор) | 1.Сарфакории хароҷот<br>2.Иҷрои барномаи корӣ (сохтор ва ҳаҷми кор) |
| 2. Маркази даромад | Шуъбаи фурӯш | 1. Барзиёд истифода нагардидани буҷа ва хароҷоти назоратӣ<br>2. Иҷрои нақшаи даромад аз фурӯш | 1.Сарфакории хароҷоти фурӯш.<br>2.Иҷро ё барзиёдии иҷрои ҳаҷми нақшавии даромад аз фурӯш дар ҳаҷми воқеӣ |
| 3. Маркази фоида | Шуъбаи истеҳсолӣ (сех, участкаи корӣ) | 1. Иҷрои нақшаи фоида ва пӯшониши хароҷот | 1.Иҷро ё иҷрои барзиёди нақшаи ҳаҷми фоида ба воҳиди маҳсулот |

**Адабиёт:**

1. Зубарева С.А. Основные принципы организации управленческой отчетности // Бухгалтерский учет. - 2003. - № 12. - С. 45-47.

2. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: те0ория, методология и практика (монография). - Душанбе: Соҳибкор, 2013. - 272 с.

3. Ивасенко К. В. Особенности учета затрат и калькуляция себестоимости продукции в геологоразведочных и нефтегазодобывающих предприятиях : учеб. пособие / К. В. Ивасенко. - Тюмень : Изд-во ТюмГУ, 1981. - 67 с.

4. Кондраков Н. П. Бухгалтерский (финансовый, управленческий учет). / Н. П. Кондраков. – М.: Проспект, 2009. – 442 с.

5. Керимов В.Э. Бухгалтерский учет на производственных предприятиях: Учебное пособие / В.Э. Керимов. – Издат. Дом «Дашков и К», 2001. – 348 с.

## ДАВРАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шукуров Н.Ш.**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Сиёсати монетарӣ ба монанди тамоми низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири шароити иқтисодиёти гузариш аз низоми иқтисодии маъмурӣ-фармондеҳӣ ба иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст. Лекин аз сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ оид ба амалигардонии мустақили сиёсати иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз охиринҳо дар байни кишварҳои пасошӯравӣ асъори миллии худро ба гардиш баровард (дар нимаи соли 1995). Мушоҳидаи таърихии пойдоршавии низоми пулӣ ва сиёсати монетарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои дигаргуниҳои бозорӣ имкон медиҳад, ки онҳоро ба чунин давраҳо ҷудо намоем.

**Давраи якум аз соли 1991 то соли 1995**. Ибтидои дигаргуниҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба истиқлолияти давлатии бадастоварда нигоҳ накарда, дар соли 1991 дар марзи

Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири соли 1993 дар муомилоти пулӣ нишонаи пулии Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошта, баъдан аз ибтидои соли 1994 дар кишвар пули накди Федератсияи Россия дар гардиш қарор дошт. Бояд қайд намуд, ки аз байни тамоми ҷумҳуриҳои ИҶШС Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи майи соли 1995 ягона кишваре буд, ки дар марзи он рубли русӣ мавриди муомилот қарор дошт. Ин вазъият як қатор мушкилоти ҷиддии хислати иҷтимоӣ-иқтисодидоштаро ба миён овард. Ҳамаҷиҳата қарзи дохилӣ аз сабаби норасогии пулҳои накд барои пардохти музди меҳнат, нафақа ва ғайраҳо ба назар мерасиданд. Молиягузории иқтисодиёт пурра қатъ гардида, дар иқтисодиёт муносибатҳои бартерӣ инкишоф ёфтанд. Дар ин ҳолат Бонки миллии Тоҷикистон имконияти амалигардонии сиёсати монетарии мустақилонаро надошт. Дар натиҷа, иқтисодиёти миллии кишвар бо ҳодисаи ногузири таваррум рӯ ба рӯ гардид. Дар соли 1992 индекси нархҳои истеъмолӣ якбора баланд гардида, нисбат ба соли 1991 1420% ташкил дод[13]. Сабаби чунин таварруми баланд дар он буд, ки ба ҷумҳурӣ шумораи зиёди пулҳои шӯравӣ аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ворид гардиданд, ки ҳолати иқтисодиёти миллиро боз ҳам вазнинтар намуданд. Амонатҳои пулии субъектони хоҷагидорӣ, ки дар ҳисобҳои амонатии бонкҳо мавҷуд буданд, беқурб шуданд. Дар натиҷа, боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ аз байн рафт. Ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи бетартибии сиёсӣ тавсиф карда мешуд, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гашта буд. Дар натиҷа, ислоҳоти иқтисодӣ, ки дар Тоҷикистон соли 1991 оғоз ёфта буданд, бо мушкилиҳои зиёд ва зиддиятҳо нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дучор гардиданд. Бо дарназардошти мавҷуд набудани воҳиди пулии худӣ, дар ин давра низоми пулӣ тасодуфан амал мекард, ки ягон заминаи танзимкуниро надошт. Айнан дар ин давра дар мамлакат аз сабаби мавҷудияти маҷмӯи мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ пастравии ногузири нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, мутобиқшавии корхонаҳои истеҳсолӣ ба шароити бозор, афзоишёбии ҳаҷми бекорӣ, сатҳи баланди таваррум ва ғайраҳо ба миён омаданд.

Ин давраи ташаккулёбии сиёсати монетарӣ бо истифодабарии консепсияи монетаризми боздоранда фарқ мекунад, ки дар он мақсади асосӣ бартараф намудани сатҳи баланди таваррум ба ҳисоб рафта, нигоҳдории фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ аз сабаби номуътадилии сиёсӣ ба мадди дуюм гузошта шуда буд.

Бинобар ҳамин вазъияти бамиёномада давраи мазкури инкишофи низоми пулию қарзӣ аз сабаби мавҷуд набудани воҳиди пулии худӣ ва дараҷаи баланди вобастагии мақомоти пулӣ доир ба амалигардонии сиёсати монетарӣ аз Бонки Россия, ҳамчун марҳилаи инкишофи номуътадил тавсиф карда мешавад.

**Давраи дуюми (аз соли 1995 то соли 2000)** инкишофи сиёсати монетарӣ бо зарурати ҳалли мушкилоти дар боло қайдшуда алоқаманд мебошад, ки зарурати барориши асъори миллиро тақозо мекард. Бо мақсади амалигардонии сиёсати иқтисодии нисбатан самаранок ва муътадилгардонии шароити макроиқтисодии фаъолияти иқтисодиёти миллӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти ба муомилот баровардани асъори миллии Тоҷикистон қарор қабул гардид. Мантиқан ин нахустин барориши пули миллии Тоҷикистон дар таърихи навини давлатдорӣ ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷа, аз 10 майи соли 1995 барои гардиш нишонаҳои пулии "рубл"-и нишонаи соли 1994 бароварда шуданд, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот ворид карда шуд. Ба муомилот ворид намудани асъори миллӣ бо ҳамкории Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА (МВФ) амалӣ шуда буд, ки барои инкишофи минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ниҳоят калон ва калидӣ

[13] Алиджанов Д.А. Особенности переходной экономики Республики Таджикистан. //Вестник Таджикского национального университета № 7(71). – Душанбе, 2011. - С.158.

дошта, шароити мувофиқро барои фаъолияти низоми пулии комилан пурра ва ҷиҳати татбиқи сиёсати монетарӣ замина гузошт. Заминаҳои ташаккулёфта барои инкишофи минбаъдаи низоми пулӣ ҳукумати кишварро водор намуд, ки воҳиди пулии хислати миллидоштаро барои муомилот ҷорӣ намояд. Ҳамин тариқ, аз 30 октябри соли 2000 асъори миллии "сомонӣ" дар кишвар ба муомилот ҷорӣ карда шуда, ба давраи нави ташаккулёбии низоми пулӣ ва сиёсати монетарӣ заминаи устувор гузошта шуд.

**Давраи сеюм (аз соли 2000 то ҳол)** марҳилаеро фаро мегирад, ки дар он воҳиди пули миллии Тоҷикистон бо ном "сомонӣ" ба гардиш ворид карда шуда, ҳамчун як рукни давлатдории навини тоҷикон тавсиф карда мешавад.

Вобаста ба амалигардонии сиёсати монетарӣ, қайд намудан бамаврид аст, ки дар давраи аввалини ташаккулёбии низоми пулӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби мавҷуд набудани воҳиди пули миллӣ имконияти амалигардонии сиёсати монетарии мустақилро надошт. Дар давраи дуюм Тоҷикистон имкон пайдо намуд, ки ба таври мустақилона сиёсати монетариро амалӣ намояд. Лекин бар хилофи пешбиниҳо, баъд аз ба муомилот ҷорӣ намудани воҳиди пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати монетарии вобастабуда, яъне, номустақилона амалӣ карда шуд, ки асосан, аз рӯйи тавсияҳои институтҳои молиявии байналмилалӣ, хусусан, ХБА ва дигар ташкилотҳо амалӣ карда мешуд. Ҳатто дар давраи сеюми таҳаввули низоми пулӣ баъди ба муомилот ворид намудани воҳиди пулии "сомонӣ" чунин хусусият давом ёфт.

**Ҷадвали 1.**

**Вазни қиёсии амонатҳо бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ бо ифодаи фоиз ба ҳаҷми умумии амонатҳо**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Амонатҳо бо асъори миллӣ | 62,0 | 63,7 | 60,3 | 60,0 | 61,8 | 63,9 | 30,6 | 37,6 | 44,6 | 49 |
| Амонатҳо бо асъори хориҷӣ | 38,0 | 36,3 | 39,7 | 40,0 | 38,2 | 36,1 | 69,4 | 62,4 | 55,4 | 51 |
| Амонатҳои аҳолӣ бо асъори миллӣ | 28,2 | 29,7 | 25,4 | 26,3 | 32,6 | 33,5 | 19,8 | 24,0 | 36,6 | 39,9 |
| Амонатҳои аҳолӣ бо асъори хориҷӣ | 71,8 | 70,3 | 74,6 | 73,7 | 67,4 | 66,5 | 80,2 | 76 | 63,4 | 60,1 |
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ бо асъори миллӣ | 55,5 | 56,2 | 53,2 | 53,2 | 55,7 | 57,3 | 48,7 | 56,8 | 50,8 | 54,6 |
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ | 44,5 | 43,8 | 46,8 | 46,8 | 44,3 | 42,7 | 51,3 | 43,2 | 49,2 | 45,4 |

Сарчашмаи ҳисоб: Бюллетени омори бонкӣ // №2 (235) 2015с. С.- 29. Бюллетени омори бонкӣ // №4 (285) 2019с. С.- 26-31.

Дар натиҷа, имрӯзҳо мо сиёсати монетарии на он қадар самаранокро мушоҳида менамоем, ки натиҷаҳои татбиқи он дар ҳама нишондодҳои тараққиёти макроиқтисодии кишвар ифода меёбанд. Пеш аз ҳама, ин ҳолат тааллуқ дорад ба муътадилии сатҳи нархҳо, фаъолнокии инвеститсионӣ, сатҳи шуғли аҳолӣ ва ғайраҳо. Боварии аздастдодаи аҳолӣ нисбат ба бонкҳо, ки дар ибтидои солҳои 90-ум ба миён омада буд, сабаби фаъолнокии пасти аҳолӣ дар амалиёти амонатӣ бо асъори миллӣ баромад мекунад. Мувофиқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2018 вазни қиёсии амонатҳои аҳолӣ бо асъори миллӣ ба ҳаҷми умумии амонатҳои аҳолӣ 399% ташкил медиҳад (ҷадвали 1).

Чунин ҳолат дар қарздиҳии субъектони хоҷагидорӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад (расми 1).




Расми 1. Таносуби қарзҳои пешкашшуда бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ нисбат ба ҳаҷми умумии қарзҳои пешкашшуда (бо %). Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ // №2 (235) 2015. -С. 34-35. Бюллетени омори бонкӣ // №4 (285) 2019. С.- 37, 38.

Аз диаграммаи овардашуда маълум мегардад, ки ҳиссаи қарзҳои пешкашшуда бо асъори миллӣ (ба ғайр аз солҳои 2009 ва 2010) нисбат ба ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ пешкашшуда кам мебошад. Тамоми бонкҳои зинаи дуюм (бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои молиявии хурд, ташкилотҳои қарздиҳи хурд) барои пешкаш намудани қарз бо асъори миллӣ манфиатдор нестанд. Ҳамаи ин аз сабаби сиёсати монетарии ғайримустақилона тавсиф карда мешавад, ки зери тавсияҳои ХБА ва дигар институтҳои молиявии байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд. Бонки миллии Тоҷикистон намегузорад, ки миқдори пулро дар муомилот бо баробари афзоиши нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ зиёд намояд. Дар натиҷа, имрӯзҳо мо иқтисодиёти бо сатҳи пасти монетизатсия тавсифшавандаро дорем, ки ба ҳодисаи дар расми боло овардашуда сабаб гаштааст (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.**

**Тағйирёбии сатҳи монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ифодаи фоиз)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| Сатҳи монетизатсия аз рӯйи унсури пулии М2 (М2/МУД) | 12,6 | 13,0 | 14,5 | 13,9 | 13,9 | 12,8 | 14 | 19 | 23 | 22 |
| Сатҳи монетизатсия аз рӯйи НВМП (НВМП /ВВП) | 18,2 | 18,0 | 19,7 | 19,6 | 20,9 | 19,9 | 22 | 27 | 29 | 28 |

Сарчашмаи ҳисоб: Бюллетени омори бонкӣ. // №2 (235) 2015. - С. 11, 17-18. Бюллетени омори бонкӣ // №4 (285) 2019. - С. 37, 38.

Дар ҷадвали мазкур сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ду нишондиҳанда, аз рӯи унсури пулии М2 ва нишондиҳандаи васеи массаи пулӣ оварда шудааст. Аз рӯйи ҳар дуи ин нишондиҳандаҳо сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба сатҳи ҳадди ақал дар сатҳи паст қарор дорад. Маълум аст,

ки сатҳи монетизатсияи аз 50% паст ҳамчун иқтисодиёти демонетизатсияшуда тавсиф карда мешавад.

Назарияи муомилоти пулӣ шаҳодат медиҳад, ки бо баробари афзоиши ҳаҷми МУД массаи пулӣ низ бояд афзоиш ёбад. Лекин бар хилофи ҳама гуна асосҳои назариявӣ бо баробари афзоиши ҳаҷми МУД дар ду соли охир ба 7,5% сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1% коҳиш ёфтааст.

Сатҳи пасти монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни иқтисодчиён ҳамчун гуруснагии пулӣ тавсиф карда мешавад. Сабаби асосии норасогии массаи пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба экспансияи пулию қарзӣ роҳ намедиҳад, то ки суръати таваррумро боздорад. Лекин таҷрибаи низомҳои иқтисодии бозорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолати сиёсати дурусти экспансияи пулию қарзӣ дар корхонаҳо ва соҳибкорон имкониятҳои калони иловагӣ барои ба даст овардани қарзҳо фароҳам оварда шуда, ҳамзамон экспансияи пулию қарзӣ барои андӯхт ва инвеститсия шароити мусоидро фароҳам меоварад. Норасогӣ ва ё массаи пулии маҳдуд дар иқтисодиёт ноустувориро ба миён оварда, талаботи қонеънашуда ба пулҳо шумораи зиёди субъектони хоҷагидориро фаро мегирад ва фаъолнокии кориро коҳиш медиҳад. Умуман, норасогии массаи пулӣ муомилоти молиро байни субъектони иқтисодиёти миллӣ коҳиш дода, инкишофи муносибатҳои бозориро бозмедорад. Вобаста ба ин солҳои пеш З.С. Зарифова ва Х.У. Умаров дуруст қайд карда буданд, ки "садҳо корхонаҳои саноатии бо таҷҳизоти хуб муҷаҳҳаз аз сабаби мавҷуд набудани сармояи гардон, яъне воситаҳо барои дастрас намудани ашё, инчунин бо сабаби мавҷуд набудани пул барои пардохти музди меҳнат, фаъолияти истеҳсолиро барқарор карда натавонистанд. Ҳайати ин корхонаҳо шумораи бекоронро афзун намуда, ба коҳишёбии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ мусоидат намуданд".

**Ҷадвали 2.**

**Тағйирёбии унсурҳои пулӣ, меъёри депонировӣ ва меъёри захиракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| М0 (млн. сомонӣ) | 1771 | 2005 | 2711 | 3406 | 4144 | 4051 | 4591 | 7588 | 10950 | 12190 |
| М1 (млн. сомонӣ) | 2192 | 2525 | 3267 | 4093 | 4789 | 4882 | 5403 | 8728 | 12258 | 13490 |
| М2 (млн. сомонӣ) | 2527 | 2972 | 3864 | 4743 | 5626 | 5822 | 6535 | 10238 | 13982 | 15382 |
| Нисбияти М0 ба М2 | 70,1% | 67,5% | 70,2% | 71,8% | 73,6% | 69,6% | 70,3% | 74,1% | 78,3% | 79,2% |
| Амонатҳо (М2-М0) (млн. сомонӣ) | 756 | 967 | 1153 | 1337 | 1482 | 1771 | 1944 | 2650 | 3032 | 3192 |
| Меъёри депонировӣ | 2,34 | 2,07 | 2,35 | 2,55 | 2,80 | 2,29 | 2,4 | 2,9 | 3,6 | 3,8 |
| Меъёри захиракунии ҳатмӣ (%) | 7 | 7 | 7 | 7 | 5 | 5 | 3 | 3 | 3 | 3 |

Сарчашмаи ҳисоб: Бюллетени омори бонкӣ № 9. 2013, с.21; Бюллетени омори бонкӣ № 2 2014, с.18. Бюллетени омори бонкӣ № 2 2015, с. 18, 63, 64. Бюллетени омори бонкӣ // №4 (285) 2019, с.18. Сомонаи расмии БМТ: www.nbt.tj.

Дар давраи солҳои 2009-2018, чи тавре ки маълумоти расмӣ нишон медиҳанд, дар сохтори муомилоти пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазни қиёсии пулҳои нақдина хеле калон мебошад (ҷадвали 2.3).

Сатҳи пасти монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ ба қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири бевосита расонидааст. Тағйирёбии қарзҳои бонкӣ ба ҳаҷми МУД, нишон медиҳад, ки бо баробари ҷорӣ намудани асъори миллӣ баъд аз соли 1995, иштироки низоми

бонкӣ дар тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки ҳатто дар кишваҳои қафомонда нишондиҳандаи қарзи бонкӣ аз нишондиҳандаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баландтар аст. Омори мамлакатҳои тараққикарда шаҳодат медиҳад, ки қарзи бонкӣ 140,4% МУД-ро ташкил медиҳад. Дар кишварҳое, ки суръати рушд нишондиҳандаи миёнаро ташкил медиҳанд, қарзи бонкӣ 52,9% МУД-ро ташкил дода, дар кишварҳои дорои суръати пасти рушди иқтисодӣ ин нишондиҳанда 37,4% ташкил медиҳанд.




**Расми 2. Тағйирёбии вазни қиёсии қарзҳои бонкӣ нисбат ба МУД солҳои мувофиқ.**

Сарчашма: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2011. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2014. - Душанбе, 2014. - С. 453. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. - Душанбе, 2019. - С. 199, 463.

Аз расми мазкур дидан мумкин аст, ки дар соли 2009 вазни қиёсии қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳаҷми МУД нисбатан баландтар мебошад, ки бо афзоиши шумораи ташкилотҳои қарздиҳии хурд тавсиф карда мешавад. Агар дар соли 2008 дар мамлакат 92 адад ташкилотҳои қарздиҳии хурд фаъолият бурда бошанд, дар соли 2009 шумораи онҳо ба 116 адад расида, дар соли 2018 шумораи онҳо ба 120 адад расидааст. Новобаста ба дигаргуниҳои сохторӣ дар низоми бонкӣ, вазни қиёсии қарзҳои бонкӣ дар ҳаҷми МУД дар сатҳи паст қарор дорад.

Ба чунин таҳаввулот ва ҷиҳатҳои мусбат нигоҳ накарда, сиёсати монетарии ҳозира то ҳол асосҳои монетаризмро истифода мебарад, ки эмиссияи иловагии пулҳоро дар чорчӯбаи имконпазир имконият намедиҳад. Дар натиҷа, дар мамлакат муносибатҳои молию пулӣ бо истифода аз асъори хориҷӣ инкишоф ёфта истодааст. Агар дар ибтидои ислоҳоти бозорӣ ҳамаи ин чораҳои ногузир ба шумор раванд, дар марҳилаи муосири инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароите, ки кишвари мо пули миллии худро дораду мо давлати соҳибистиқлол ҳастем, истифода намудани тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор барои иқтисодиёти миллӣ зарурати хос надорад. Инчунин истифодабарии фишангҳои сиёсати монетарии боздоранда дар асоси консепсияи монетаристӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва татбиқи Стратегияи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар монеаҳои зиёд эҷод менамояд.

**Адабиёт:**

1. Алиджанов Д.А. Особенности переходной экономики Республики Таджикистан. //Вестник Таджикского национального университета № 7(71). – Душанбе, 2011. - С.158
2. Kiss K. Western Prescription for Earsten Transition. A Comparative Analysis of the Different Economic Schools and Issues // Trends in the World Economy. Budapest, 1993.№ 72. Page 12.

3. Ҳафтаномаи “Минбари халқ”. №13, 13.03.2003.
4. http://nbt.tj (дата обращения 25.06.2018г.)

## ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Якубзода М.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Имтиёзҳои андозӣ яке аз вазифаҳои андоз ба шумор рафта, дар тафриқаи меъёри андозҳо ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ, ки барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, фаъолияти инноватсионӣ, беруниқтисодӣ ва ғайра равона шудааст, ифода меёбад.

Имтиёзҳои андозӣ ин афзалиятҳое мебошад, ки мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби сармоя ба иқтисодиёти худ, аз ҷумла сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, имтиёзҳои васеи сармоягузорӣ пешниҳод мекунад. Зери мафҳуми имтиёзҳо афзалиятҳои иқтисодие фаҳмида мешаванд, ки давлат ба муассисаҳои мушаххас ё гурӯҳи алоҳидаи корхонаҳо, бо мақсади ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ пешниҳод мекунад.

Имтиёзҳои сармоягузорӣ ба фискалӣ (ба монанди имтиёзҳои андозию гумрукӣ) ва ғайрифискалӣ (ба монанди чораҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ) тақсим мешаванд.

Имтиёзҳои фискалӣ ин:

- пурра ё грантҳо, қарзҳои имтиёзнок, қисман озод намудан аз пардохти андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ;
- ҳавасмандгардонӣ барои ташкили сармояи аввалия, аз ҷумла кумакҳои махсуси сармоягузорӣ, ба таъхир гузоштани пардохти андоз, дубора сармоягузории фоида;
- маҳдуд намудани монеаҳо барои амалиёт дар хориҷ, ба мисоли нигоҳ доштани андоз, андозбандии савдои хориҷӣ;
- дигар имтиёзҳои андозӣ, ба мисоли нисбатан бо меъёрҳои паст супоридани андозҳо ва ғайра.

Имтиёзҳои сармоягузории ғайрифискалӣ ин:

- содагардонии талаботи экологӣ;
- субсидияҳо дар бахши инфрасохтор;
- дастгирӣ барои омӯзиши истеҳсолот;
- кумаки маъмурӣ;
- ҳавасмандгардонии шуғл.

Бо мақсади таъмини рушди бардавоми соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ истифодаи механизми муносиби дастгирӣ, аз ҷумла тавассути пешбинӣ намудани имтиёзҳои фискалӣ, ғайрифискалӣ, сабукиҳо ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳо муҳим арзёбӣ гардида, дар фаъолгардонии саҳми бахши хусусӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар устуворнамоии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нақши муассир дорад.

Аз ҷониби дигар, пешниҳоди ҳар як имтиёз дар қисмати хароҷоти тавозуни буҷети давлатӣ ҳаҷми муайяни маблағро дар бар гирифта, дар аксар мавридҳо бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ сарбории иловагиро барои дигар субъектҳои соҳибкорие, ки нисбати онҳо имтиёзҳо пешбини нашудааст, эҷод менамояд.

Аз ин рӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки пешниҳоди имтиёзҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ чиҳати ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ намудҳои зерини хароҷоти давлатиро ба вуҷуд меорад:

• талафоти фискалӣ, дар натиҷаи наситонидани андозҳое, ки дар акси ҳол бояд пардохт карда мешуданд, ба миён омада, аз даст додани даромадро ифода менамояд;

• ба даст овардани фоида аз ҷониби ширкатҳое, ки дарвоқеъ ба фаъолияти каммаҳсул машғул буда, ҳамчунин аз имтиёзҳои мавҷуда тариқи истифодаи омилҳои коррупсионӣ бархӯрдор гардидаанд[14];

• канорагирӣ кардан аз пардохти андозҳо тариқи интиқоли фоида аз филиали корхонае, ки аз имтиёзҳо бархӯрдор намебошад, ба филиали ҳамин корхона, ки нисбати он имтиёз пешниҳод шудааст[15];

• хароҷоти расмиёти маъмурӣ, ки аз расмиёти мушкили пешниҳоди имтиёзҳо ва мониторинги минбаъдаи онҳо вобастагӣ дорад;

Бо дарназардошти нуктаҳои қайдшуда, дар доираи тадқиқоти мазкур самаранокии имтиёзҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон барои соҳибкорон ва сармоягузорон пешбинишуда, аз ҷумла тамоюли афзоиши шумораи имтиёзҳо, намудҳои имтиёзҳои пешбинишаванда, сохтори имтиёзҳо дар тақсимоти соҳавӣ, гурӯҳбандии имтиёзҳо аз рӯйи бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва ҳиссаи имтиёзҳо дар буҷети давлатӣ ва ММД мавриди омӯзиш ва муайянкунӣ қарор дода мешавад.

Имтиёзҳои тибқи қонунгузории андозиву гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, асосан хусусияти ҳавасмандгардонӣ дар шакли қисман ё пурра озод намудан аз пардохтҳои ҳатмиро дошта, маблағҳои аз ҳисоби имтиёзҳо озодшудаи дарихтиёрдоштаро соҳибкорон ва сармоягузорон метавонанд барои таҳкими иқтидор, таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ ва дар маҷмӯъ, васеъ намудани фаъолияташон истифода намоянд.

Дар раванди таҳқиқот мо тамоюли афзоиши шумораи имтиёзҳои сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудем (ҷадвали 1), ки дар соли 2014 имтиёзҳои барои соҳибкорону сармоягузорон пешбинишуда 61 номгӯйиро ташкил дода, баъд аз тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ соли 2016 ба 71 номгӯй ва соли 2018 бошад, ин нишондиҳанда ба 97 номгӯй расидааст, ки онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, мақомоти салоҳиятдор раванди истифодаи онҳоро ба танзим медарорад.

Ҳамзамон дар раванди таҳлил муайян карда шуд, ки теъдоди имтиёзҳои фискалӣ нисбат ба ғайрифискалӣ зиёд мебошанд, ки имтиёзҳои фискалӣ соли 2014 ба 48 намуд (78,7%), соли 2016 ба 58 намуд (81,7%) ва соли 2018 ба 80 намуд ё 82,4%-и ҳаҷми умумии имтиёзҳои барои сармоягузорӣ пениҳодгардидаро ташкил намуд. Имтиёзҳои ғайрифискалӣ бошад, дар соли 2014 аз 13 намуд то соли 2016 бетағйир монд ва соли 2018

[14] Джеймс С. «Налоговые и неналоговые льготы и инвестиции: свидетельства и последствия для политики». Консультатвиная служба по иностранным ивестициям, Всемирный банк. Вашингтон, округ Колумбия, 2009 год

[15] Хекемейр ДЖ и М. Овереш. «Прибыль транснациональных корпораций в ответ на дифференцированные налоговые ставки: величина эффекта и изменение каналов», документ ZEW для обсуждения, 2013 год.

бошад, ин нишондод ба 17 намуд расид, ки 17,6%-и маҷмӯи имтиёзҳои пешниҳодшуда баробар гардид (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Тамоюли афзоиши ва намудҳои имтиёзҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон**

| № | Намуди имтиёзҳо | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 61 | 71 | 97 |
| | Имтиёзҳои фискалӣ | 48 (78,7%) | 58 (81,7%) | 80 (82, 4%) |
| 1. | Имтиёзҳои андозӣ | 25 | 30 | 39 |
| 2. | Имтиёзҳои гумрукӣ | 23 | 28 | 41 |
| | Имтиёзҳои ғайрифискалӣ | 13 (21,3%) | 13 (18,3%) | 17 (17,6%) |
| 1. | Имтиёзҳои танзимшаванда | 6 | 6 | 8 |
| 2. | Имтиёзҳои молиявӣ | 6 | 6 | 7 |
| 3. | Грантҳои натуралӣ | 1 | 1 | 2 |

Манбаъ: муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст.

Гурӯҳбандии имтиёзҳои сармоягузорӣ аз рӯйи шакл гувоҳи он аст, ки дар соли 2014 аз 61 имтиёзҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ 25 намудашон ба имтиёзҳои андозӣ, ки озодкунии андозро пурра ё қисман дар назар доранд, ҳамчунин пардохти андозҳо бо меъёри пасткардашуда ё ба тарзи содакардашударо дар бар мегирад, 23 намудаи дигар ба имтиёзҳои гумрукӣ таалluқ доранд, ки озодшавӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳоро дар назар доранд, инчунин 6 намуд имтиёзи танзимшаванда, 6 намуд имтиёзи молиявӣ ва 1 намуд грантҳои натуралии имтиёзи ғайрифискалӣ мавҷуд буд. Имтиёзҳои сармоягузорӣ то соли 2016 ба 71 номгӯй баробар шуд, ки аз ин шумора 30-то он имтиёзҳои андозӣ ва 28-то имтиёзҳои гумрукӣ буда, имтиёзҳои ғайрифискалӣ ҳамоно бетағйир боқӣ мондааст.

Мувофиқи таҳлилҳо аз 97 имтиёзҳои дар соли 2018 пешниҳодгашта 80 номгӯйи онро имтиёзҳои фискалӣ ва 17 номгӯйи онро имтиёзҳои ғайрифискалӣ ташкил медиҳанд, ки имтиёзҳои андозиву гумрукӣ қисмати асосиро дар сохтори мавҷудаи имтиёзҳои барои сармоягузорӣ пешбинишуда ташкил медиҳанд.

Қисми зиёди имтиёзҳои хусусияти фискалидошта дар шумораи умумии имтиёзҳои пешбинишуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тамаркуз ба истифодабарии механизми фузунсози фискалӣ, ки аслан дар баробари дигар тадбирҳо тағйирёбии меъёрҳои андозбандиро ифода менамояд, дода шудааст.

Гурӯҳбандии имтиёзҳо барои бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт яке аз нишондиҳандаҳои муайянкунии самаранокии имтиёзҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ ба шумор меравад, ва қисми бештари имтиёзҳо дар соли 2014 ба соҳаи кишоварзӣ 12 имтиёз, соҳаи нассоҷӣ 8 имтиёз, бахши истеҳсолӣ 7 имтиёз, истифодаи қаъри замин 5 имтиёз ва барои рушди соҳаи энергетика (сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ) мустақиман 9 имтиёз равона гардидаанд. Имтиёзҳои ғайрифискалӣ дар соли 2014 аз 13 намуд 6 намуд ба соҳаи саноат, 2 намуд ба инноватсия, 2 намуд ба соҳаи молия ва 3 намуд ба соҳаи кишоварзӣ таалluқ дорад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Гурӯҳбандии имтиёзҳои сармоягузорӣ аз рӯйи бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Соҳаҳо | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|
| Имтиёзҳои фискалӣ | | 48 | 58 | 80 |
| 1. | Кишоварзӣ | 12 | 12 | 12 |
| 2. | Истеҳсолот | 7 | 13 | 18 |
| 3. | Қаъри замин | 5 | 5 | 5 |
| 4. | Соҳаи нассоҷӣ | 8 | 8 | 8 |
| 5. | Энергетика | 9 | 10 | 10 |
| 6. | Сохтмон | 2 | 2 | 2 |
| 7. | Тандурустӣ | 2 | 5 | 7 |
| 8. | Инноватсия | 2 | 2 | 2 |
| 9. | Бахши молиявӣ | 1 | 1 | 1 |
| 10. | Сайёҳӣ | - | - | 10 |
| 11. | Коғазҳои қиматнок | - | - | 5 |
| Имтиёзҳои ғайрифискалӣ | | 13 | 13 | 17 |
| 1. | Саноат | 6 | 6 | 6 |
| 2. | Инноватсия | 2 | 2 | 2 |
| 3. | Молия | 2 | 2 | 1 |
| 4. | Кишоварзӣ | 3 | 3 | 1 |
| 5. | Сайёҳӣ | - | - | 7 |
| Ҳамагӣ имтиёзҳо | | 61 | 71 | 97 |

Манбаъ: муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст.

Имтиёзҳо аз рӯйи бахшҳо дар соли 2016 ба соҳаи кишоварзӣ 12 имтиёз, бахши истеҳсолӣ 13 имтиёз, соҳаи нассоҷӣ 8 имтиёз, истифодаи қаъри замин 5 имтиёз ва барои рушди соҳаи энергетика 10 имтиёз, соҳаи тандурустӣ 5 имтиёз, сохтмон 2 имтиёз, бахши инноватсия 2 имтиёз ва 1 имтиёз ба бахши молиявӣ равона гардидаанд.

Дар соли 2018 ба бахши истеҳсолӣ 18 имтиёз, энергетика - 10, кишоварзӣ - 12, соҳаи нассоҷӣ 8 имтиёз, истифодаи қаръи замин - 5, сохтмон- 2, тиб - 7, сайёҳӣ - 10, инноватсия 2 ва бахши молия 1 имтиёз пешбинӣ гардида, аз рӯй гурӯҳбандӣ бахши истеҳсолот мавқеи хосаро касб намуда, дар пайи он соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва сайёҳӣ соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар дониста шудаанд.

Дар доираи таҳлил муайян карда шуд, ки дар соли 2018 имтиёзҳои ғайрифискалӣ дар воқеъ, хусусияти дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ дошта, аз 17 имтиёзҳо иборат аст. Аммо дар таҷриба баъзе аз онҳо, аз ҷумла пешбинии воситаҳои молиявӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, пешниҳоди субсидияҳо (дастгирии молиявӣ) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар соҳаҳои муайяни комплекси агросаноатӣ машғулбуда, пешбинии грантҳои давлатӣ, субвенсияҳо ва субсиядҳо дар соҳаи саноат, озодкунӣ аз зарурияти гирифтани иҷозатнома ҳангоми роҳандозӣ намудани фаъолияти сайёҳии дохилӣ, ҷудо намудани субсидия ва қарзҳои бефоиз ба субъектҳои сайёҳии дохилии ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ машғулбуда васеъ истифода бурда намешаванд, гарчанде барои татбиқи ин намуд имтиёзҳо заминаи меъёрии ҳуқуқии муносиб фароҳам оварда шудааст.

Бинобар пеш набурдани ҳисобот оид ба имтиёзҳои ғайрфискалии болозикр маълумоти мушаххас вобаста ба татбиқи онҳо аз ҷониби ниҳодҳои соҳавӣ ба манбаъҳои

иттилоотӣ пешниҳод карда нашуд, ки ин ба раванди арзёбии самаранокии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Сарфи назар аз ин, дигар намуди имтиёзҳои ғайрифискалӣ аз қабили дар доираи қонунгузории соҳавӣ пешниҳоди иҷозатнома, азнавбарасмиятдарорӣ ва тамдиди муҳлати амали он бидуни талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва маҳдуд намудани санҷишҳо дар амал самаранок татбиқ шуда, аз ҷониби сармоягузорон ва соҳибкорон васеъ истифода бурда мешаванд.

Яке аз воситаҳои ташкилкунанда сармоягузориҳои ғайримустақим ин истифодаи имтиёзҳои андозӣ мебошад, ки дар ҷадвали 3 маблағи имтиёзҳои андозиро аз рӯйи намуди андозҳои асосие, ки корхонаву ташкилотҳо пардохт менамоянд, дарҷ намудем.

**Ҷадвали 3.**

**Маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯйи намудҳои андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(млн. сомонӣ)**

| № | Намудҳои андоз | Солҳо | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| Ҳамагӣ дар ҷуҳурӣ | | 2148,0 | 2240,3 | 2801,1 | 3835,7 | 11025,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| 1 | Андоз аз фоида | 30,9 | 82,6 | 162,5 | 542,4 | 818,4 |
| | Бо фоиз | 1,4% | 3,7% | 5,8% | 14,1% | 7,4% |
| 2 | Андоз аз истифодабаранда гони роҳҳои автомобилгард | 0,7 | 1,45 | 2,5 | 9,3 | 13,95 |
| | Бо фоиз | 0,03% | 0,06% | 0,09% | 0,24% | 0,1% |
| 3 | Андози иҷтимоӣ | 7,05 | 8,4 | 8,6 | 13,8 | 37,85 |
| | Бо фоиз | 0,3% | 0,4% | 0,3% | 0,4% | 0,3% |
| 4 | Андоз аз арзиши иловашуда | 2104,6 | 2129,7 | 2611,2 | 3261,3 | 10106,8 |
| | Бо фоиз | 98% | 95% | 93,2% | 85% | 91,7% |
| 5 | Андози тибқи низоми содакардашуда пардохтшаванда | 4,75 | 18,14 | 16,34 | 8,95 | 48,18 |
| | Бо фоиз | 0,2% | 0,8% | 0,6% | 0,2% | 0,4% |

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Раёсати ҳисоби Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ

Тавре ки дар ҷадвал маълум аст, аз соли 2013 то 2019 афзоиши маблағи имтиёзҳои андоз аз фоида, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андози иҷтимоӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андози тибқи низоми содакардашуда пардохтшаванда ба назар мерасад. Аз рӯйи таҳлилҳо маълум аст, ки беш аз 90%-и маблағи имтиёзҳо ба андоз аз арзиши иловашуда рост меояд ва дар зинаи дуюм бошад, маблағҳои имтиёзии андоз аз фоида қарор дошта, дар маҷмӯъ, беш аз 7%-ро дар бар гирифтааст.

Зимнан, тибқи маълумоти ҷадвали 4 ҳангоми татбиқи имтиёзҳо нисбати соҳаҳои мухталиф маблағи озодшуда, аз ҷумла аз ҳисоби андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андози низоми содакардашуда, дар соли 2015 ба 2148 млн. сомонӣ, соли 2016 ба 2240,3 млн. сомонӣ, соли 2017-ум 2801,1 млн. сомонӣ ва соли 2018 ин нишондиҳанда ба 3835,7 млн. сомонӣ баробар шудааст. Дар маҷмӯъ, маблағи аз ҳисоби имтиёзҳои андозӣ дар давраи солҳои 2015-2018 озодшуда 11 млрд. сомониро такшил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқ ба мо маълум гашт, ки аз ҳама зиёд маблағҳои озодшуда ба соҳаҳое, ки бе истифода аз имтиёзҳои мавҷуда, имконияти аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ва ё анҷом додани хизматрасонӣ, рупӯш кардани хароҷотро доранд, рост меояд.

**Ҷадвали 4.**

**Маблағи имтиёзҳои андозӣ дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯйи соҳаҳо дар солҳои 2015-2019**

**(млн. сомонӣ)**

| № | Соҳаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Корхонаҳои давлатӣ | 35,1 | 7,6 | 8,3 | 39,9 | 90,9 | 0,8% |
| 2. | Корхонаҳои сохтмонӣ | 31,4 | 119,9 | 92,6 | 451,1 | 695 | 6,3% |
| 3. | Корхонаҳои саноатӣ | 418,9 | 806,8 | 1234,0 | 1561,5 | 4021,2 | 36,5% |
| 4. | Соҳаи кишоварзӣ | 0,2 | 2,2 | 4,9 | 37,1 | 44,4 | 0,4% |
| 5. | Соҳаи энергетика | 0,1 | 6,5 | 3,0 | 10,8 | 20,4 | 0,2% |
| 6. | Бонкҳо (аз ҷумла ТАҚХ) | 1167,4 | 721,9 | 786,0 | 838,1 | 3513,4 | 31,9% |
| 7. | Фаъолияти савдо | 185,9 | 370,8 | 431,4 | 613,8 | 1601,9 | 14,5% |
| 8. | Соҳаи хизматрасонӣ | 309,0 | 204,3 | 240,7 | 282,6 | 1036,6 | 9,4% |
| 9. | Дигар намуди соҳа | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,7 | 1 | 0,01% |
| Ҳамагӣ | | 2148,0 | 2240,3 | 2801,1 | 3835,7 | 11025,1 | 100% |

Манбаъ: маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ.

Дар ин ҳолат, бо дарназардошти сенарияи рушди индустриаливу инноватсионии тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030 муайяншуда, зарур шуморида мешавад, ки нисбати соҳаҳое, ки иқтидори рӯйпӯшкунии хароҷотро мустақилона доранд, номгӯйи имтиёзҳои татбиқшаванда кам карда шуда, бештар таваҷҷуҳ ба корхонаҳои истеҳсолии ватании амалкунанда ва ё навтаъсис, ки дар таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда нақши арзанда доранд, зоҳир карда шавад.

Ёдовар бояд шуд, ки дар баробари татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбати миқдори муайяни субъектҳои соҳибкорӣ, дигар субъектҳое, ки аз имтиёзҳо бархӯрдор нестанд ва ба таври ҳатмӣ уҳдадориҳои андозиро иҷро менамоянд, андозҳои аз ҷониби онҳо пардохтшаванда гарон арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, тибқи натиҷаҳои ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро дар кишварҳои ҷаҳон арзёбӣ мекунад, татбиқи имтиёзҳои андозиро нисбати миқдори муайяни субъектҳои соҳибкорӣ ба инобат нагирифта, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби андозбандӣ дар зинаҳои поёнӣ қарор додааст.

Такя намудан ба имтиёзҳои хусусияти фискалидошта дар ҳолате ки пардохтҳои андозӣ 87,3%-и қисми асосии даромади буҷети давлатиро дар соли 2018 ташкил медиҳанд, мувофиқи мақсад ҳисобида намешавад, зеро маблағи аз ҳисоби имтиёзҳо озодшуда дар ин сол 3835,7 млн. сомонӣ ташкил намудааст, ки ин маблағ 22,5%-и даромадҳои андозии буҷети давлатиро дар соли 2018 ташкил дода, ворид нашудани чунин миқдор маблағро ба буҷети давлат ифода менамояд.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 5 ҳиссаи маблағи имтиёзҳои андозиро дар буҷети давлатӣ ва ММД муайян намудем, ки дар соли 2015 маблағи имтиёзҳо 2148 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба буҷети давлатӣ 13% ва нисбати ММД 4,4% баробар шуд, дар соли 2016 ин маблағ афзоиш ёфта, нисбат ба буҷет 12,2% ва нисбати ММД 4,1%-ро ташкил дод. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2017 ба 14%-и буҷети давлатӣ баробар шуда, 4,6%-и ММД-ро ташкил дод. Дар соли 2018 маблағи имтиёзҳо ба 3835,7 млн. сомонӣ баробар гашта 5,6%-и ММД ва 16,4%-и буҷети давлатиро ташкил намуд.

**Ҷадвали 5.**

**Ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ дар буҷети давлатӣ ва ММД, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи имтиёзҳои андозӣ | 2148 | 2240,2 | 2801,1 | 3835,7 |
| Буҷети давлатӣ | 16586,5 | 18405,2 | 19955,5 | 23386,3 |
| ММД | 48408,7 | 54479,1 | 61197,6 | 68844 |
| Таносуби маблағи имтиёзҳо нисбат ба буҷети давлатӣ | 13,0% | 12,2% | 14,0% | 16,4% |
| Таносуби маблағи имтиёзҳо нисбат ба ММД | 4,4% | 4,1% | 4,6% | 5,6% |

Манбаъ: маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ //- Душанбе, 2013 – 2019. - С. 20, 420.

Гарчанде ки ҳамасола маблағи имтиёзҳои андозӣ тамоюли руштёбиро нишон медиҳад, вале нисбат ба буҷети давлатӣ ва ММД таносуби тағйирёбанда дорад.

Бояд қайд кард, ки ҳиссаи зиёди имтиёзҳои фискалӣ аз хароҷоти барзиёди буҷаи давлат шаҳодат медиҳанд, дар ҳоле ки талабот ба имтиёзҳои ғайрифискалӣ аз ҷониби сармоягузорон бештар аст.

Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада пешниҳод менамоем, ки номгӯйи имтиёзҳои ғайрифискалӣ васеъ карда шуда, дар доираи он ба афзоиши қарзҳои имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ, дар амал татбиқ намудани дастгирии фаъолияти инноватсионӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ барои сармоягузорон бо мақсади мусоидат ба фаъолияти онҳо таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

Таҳлили тартиби пешниҳоди имтиёзҳои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки механизми пешниҳоди 9 имтиёз ба танзим дароварда нашудааст, тартиби пешниҳоди 38 имтиёз ба таври хос мебошад, яъне дискредитивӣ барои ширкатҳои алоҳида ва танҳо тартиби пешниҳоди 50 имтиёз ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин муҳлати пешниҳоди 1 имтиёз то 1 рӯз ҳаст, муҳлати пешниҳоди 46 имтиёз дарҷ нашудааст ва танҳо муҳлати пешниҳоди 50 имтиёз ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6.**

**Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ дар Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон**

| № | Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо | Тоҷикистон | Қирғизистон |
|---|---|---|---|
| 1. | Автоматӣ | 50 | 25 |
| 2. | Кушода | 0 | 28 |
| 3. | Дискредитивӣ (ба таври хос барои ширкатҳои алоҳида) | 38 | 22 |
| 4. | Номуайян | 9 | 5 |
| **Ҳамагӣ** | | 97 | 80 |

Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ «Таҳлили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда». 20. 02. 2019. ш. Душанбе, саҳ. 98.

Мавҷуд набудани муҳлати дақиқ барои пешниҳоди имтиёз ва тартиби муайяни пешниҳоди имтиёз ба самаранокӣ ва ҷолибияти ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ба сабаби номуайянӣ барои сармоягузорон таъсири манфӣ мерасонад.

Бо назардошти далелҳои овардашуда тахмин кардан мумкин аст, ки дар маҷмӯъ, ҷолибият ва истифодабарии бархе аз имтиёзҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ бинобар душвор будани механизми татбиқи онҳо ва воқиф набудани субъектҳои хоҷагидор аз чунин намуди имтиёзҳо маҳдуд карда шудааст.

Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандгардониҳои зерин мавҷуданд (ниг. ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7.**

**Заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Тавсифи ҳавасмандгардонӣ |
|---|---|
| 1. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 2. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз андози арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 3. | Корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз андоз аз фоида (андози бо низоми содакардашуда пардохташаванда) озод карда мешаванд. |
| 4. | Корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд. |
| 5. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд, ба муҳлати то 5 сол аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 6. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд, ба муҳлати то 5 сол аз пардохти андози арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 7. | Корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд, ба муҳлати то 5 сол аз андоз аз фоида (андози бо низоми содакардашуда пардохташаванда) озод карда мешаванд. |
| 8. | Корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд, ба муҳлати то 5 сол аз аз пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд. |
| 9. | Аз ҷониби сармоягузор таҳвил намудани маҳсулоти истеҳсолшуда ҳангоми иҷрои созишнома оид ба тақсимоти маҳсулот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 10. | Аз ҷониби сармоягузор таҳвил намудани маҳсулоти истеҳсолшуда ҳангоми иҷрои созишнома оид ба тақсимоти маҳсулот аз аксиз озод карда мешавад. |
| 11. | Ҳангоми иҷрои созишнома оид ба тақсими маҳсулот сармоягузор аз пардохти андоз аз фоида озод карда мешавад. |
| 12. | Воридоти мол аз ҷониби сармоягузор барои иҷрои корҳо тибқи созишнома оид ба тақсими маҳсулот аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 13. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва |

| | |
|---|---|
| | чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти андози арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 14. | Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 15. | Хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти андоз аз фоида озод карда мешаванд. |
| 16. | Хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти андози иловашуда озод карда мешаванд. |
| 17. | Хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард озод карда мешаванд. |
| 18. | Хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки ба истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд. |
| 19. | Корхонаҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба қайд гирифташуда аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз, ба истиснои андози даромад ва андози иҷтимоӣ, озод карда мешаванд. |
| 20. | Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 21. | Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти ААИ озод карда мешавад. |
| 22. | Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти аксиз озод карда мешавад. |
| 23. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқии обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти ААИ пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 24. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 25. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андоз аз фоида (андоз низоми содакардашуда) пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 26. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 27. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқул пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 28. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андози иҷтимоӣ нисбат ба шахсони хориҷие, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ фаъолият мекунанд, пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 29. | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз боҷи давлатӣ барои бақайдгирии тарҳи эмиссияҳои коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки бинобар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ амалӣ шудаанд, пурра ё қисман озод карда мешаванд. |
| 30. | Воридоти мол барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки объектҳои махсусан муҳим ба ҳисоб мераванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 31. | Воридоти мол барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки объектҳои махсусан муҳим ба ҳисоб мераванд, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |

| | |
|---|---|
| 32. | Корхонаҳои нави молистеҳсолкунан-да аз пардохти андози даромад ба муҳлати зерин озод карда мешаванд:<br>а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузорӣ бештар аз 200 ҳазор доллари ШМА то 500 ҳазор доллари ШМА бошад;<br>б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузорӣ бештар аз 500 ҳазор доллари ШМА то 2 миллион доллари ШМА бошад;<br>в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузорӣ бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ШМА бошад;<br>г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузорӣ бештар аз 5 миллион доллари ШМА бошад. |
| 33. | Меъёри пасткардашудаи ААИ:<br>10% - барои воридоти гандум;<br>7%-барои соҳаи сохтмонӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ;<br>5%- барои хизматрасонии таълимӣ.<br>*То 1 январи соли 2023 эътибор дорад. |
| 34. | Хизматрасониҳои молиявӣ аз пардохти ААИ озод карда мешаванд. |
| 35. | Фаъолияти марбут ба таҳвил ё содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 36. | Фаъолияти марбут ба таҳвил ё содироти алюминийи аввалия, консентрати металлҳо, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳ ва ранга, металлҳои дигар аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 37. | Фаъолияти марбут ба таҳвил ё содироти пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 38. | Воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ коркарднашуда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 39. | Воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ коркарднашуда аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 40. | Воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 41. | Воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 42. | Воридоти дорувории тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 43. | Воридоти дорувории тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 44. | Воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳимми давлатӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 45. | Воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳимми давлатӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 46. | Меъёри пасткардашудаи ААИ (10%) барои фаъолияти марбут ба таҳвили гандум ва маҳсулоти коркарди он (масалан, орд ё сабӯс) |
| 47. | Меъёри пасткардашудаи ААИ (10%) барои фаъолияти марбут ба воридоти гандум (ба истиснои гандуме, ки барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ ворид карда мешавад) |
| 48. | Моратории санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ То 30 сентябри соли 2022 эътибор дорад.<br>Ҳавасмадгардонӣ ҳоло амал намекунад. Имкон дорад дар оянда барқарор карда шавад. |
| 49. | Грантҳои (аслии) давлатӣ: (субсидияҳо дар шакли молу мулк ва маблағ, ки моликияти давлатӣ буда, ба шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун моликият ё барои истифодаи замин ройгон дода мешавад). |

| | |
|---|---|
| 50. | Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ тавассути пешниҳоди маблағҳои молиявӣ |
| 51. | Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ тавассути:<br>- ба ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ додани молу мулки давлатӣ;<br>- муқаррар намудани имтиёзҳо;<br>- маблағгузории корҳо оид ба тайёр намудан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси мутахассисон;<br>- расонидани хизматҳои махсусгардонидашуда ва машваратӣ;<br>- пешниҳоди дигар шаклҳои дастгирӣ. |
| 52. | Додани иҷозатнома дар доираи созишнома оид ба тақсими маҳсулот дар давоми 30 рӯз аз лаҳзаи ба имзо расонидани он бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагӣ ё бе мувофиқасозии иловагӣ |
| 53. | Низоми махсуси иҷозатномадиҳӣ дар доираи созишномаи сармоягузорӣ (аз ҷумла бо низоми содакардашуда додан, аз нав ба расмият даровардан, дароз кардани муҳлати иҷозатномаҳои пешбининамудаи созишномаи сармоягузорӣ, додани иҷозатнома ба муҳлати зиёдтар аз муҳлати ниҳоии амали иҷозатнома, пурра ва ё қисман озодкунии сармоягузор аз пардохти боҷҳо ва пардохтҳои иҷозатномавӣ) |
| 54. | Бо шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) супоридани молу мулки истеҳлокшаванда аз пардохти ААИ озод карда мешавад. |
| 55. | Бо тартиби инфиродӣ додани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои муайян (андози даромад, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва ғ.) |
| 56. | Бо тартиби инфиродӣ додани имтиёзҳои гумрукӣ барои корхонаҳои муайян (озодкунӣ аз пардохти ААИ ҳангоми воридот, боҷи гумрукӣ) |
| 57. | Додани қарзҳои имтиёзнок |
| 58. | Низоми андозбандии махсус метавонад мутобиқи созишномаи сармоягузорӣ дода шавад (аз ҷумла озодкунӣ аз тамоми намудҳои андоз, дигар имтиёзҳои андозии пешбининакардаи қонунгузорӣ) |
| 59. | Низоми андозбандии махсус метавонад мутобиқи созишномаи сармоягузорӣ дода шавад (аз ҷумла қисман ва ё пурра озодкунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, расмиёти содакардашудаи гумрукӣ, дигар имтиёзҳои гумрукии пешбининакардаи қонунгузорӣ) |
| 60. | Имконияти зиёда аз квотаи муқарраргардида ҷалб намудани кормандони хориҷӣ дар доираи созишномаи сармоягузорӣ |
| 61. | Пешниҳоди субсидияҳо (дастгирии молиявӣ) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар соҳаҳои муайяни комплекси агросаноатӣ машғуланд. |
| 62. | Воридоти молҳо бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 63. | Воридоти нахи пахта ва алюминийи аввалия аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 64. | Таҳвилгарони молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ метавонанд аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда пурра ё қисман озод карда шаванд. |
| 65. | Иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти дар қисми 2 моддаи 312(2) КА ҶТ муқарраршударо амалӣ менамоянд, зимни амалисозии чунин фаъолият аз пардохти андоз аз фоида ба муҳлати 5 сол озод карда мешаванд. |
| 66. | Иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти дар қисми 2 моддаи 312(2) КА ҶТ муқарраршударо амалӣ менамоянд, зимни амалисозии чунин фаъолият аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба муҳлати 5 сол озод карда мешаванд. |
| 67. | Эмитентҳо - шахсони ҳуқуқии резидент ва ғайрирезиденте, ки коғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар |

| | |
|---|---|
| | муомилот мебошанд, ба муҳлати 5 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда) озод карда мешаванд. |
| 68. | Сармоягузорон - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент ва ғайрирезидент мебошанд ва аз муомилот бо коғазҳои қиматнок дар биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, ба муҳлати 5 сол аз пардохти андози даромад аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок озод карда мешаванд. |
| 69. | Сармоягузорон - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент ва ғайрирезидент мебошанд ва аз муомилот бо коғазҳои қиматнок дар биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, ба муҳлати 5 сол аз пардохти андози андоз аз суди саҳмияҳо аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок озод карда мешаванд. |
| 70. | Мизони сифрии боҷи воридотии гумрукӣ ҳангоми воридоти молҳои дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Евразия ва Украина истеҳсолшуда |
| 71. | Мизони пасткардашудаи боҷи воридотии гумрукӣ дар ҳаҷми панҷоҳ фоиз аз мизони тасдиқшуда ҳангоми ворид намудани молҳое, ки дар кишварҳои камтараққикарда истеҳсол шудаанд, амал мекунад. |
| 72. | Воридоти ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 73. | Воридоти ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 74. | Таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 75. | Таҳвили (фурӯши) маводи доруворнии истеҳсоли ватанӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. |
| 76. | Воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ). Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. |
| 77. | Воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ). Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. |
| 78. | Воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд |
| 79. | Воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 80. | Воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. |
| 81. | Воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 82. | Воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи паррандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. |
| 83. | Воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи паррандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. |
| 84. | Меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда (50 фоизи меъёри амалкунанда) барои воридоти автомашинаҳои нав |

| | |
|---|---|
| 85. | Меъёри пасткардашудаи боҷи гумрукӣ (50 фоизи меъёри амалкунанда) барои воридоти автомашинаҳои нав |
| 86. | Даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба муҳлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз андози фоида (низоми содакардашуда) озод карда мешавад. |
| 87. | Дар соли 2018 воридоти ҳамаи намудҳои чорвои зотӣ (таъйиноти гӯштӣ, ширӣ ва пашмӣ), тухмии элита ва репродуксионии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, инчунин тухмии кирмак барои пиллапарварӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. |
| 88. | Дар соли 2018 воридоти ҳамаи намудҳои чорвои зотӣ (таъйиноти гӯштӣ, ширӣ ва пашмӣ), тухмии элита ва репродуксионии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, инчунин тухмии кирмак барои пиллапарварӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. |
| 89. | Пешниҳоди грантҳо, мусоидати молиявӣ, кумаки молиявӣ бо мақсади таъсис ва рушди истеҳсолоти саноатӣ |
| 90. | Пешниҳоди қарзҳо, аз ҷумла тариқи Фонди рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё фондҳои дигари мақсадноки давлатӣ |
| 91. | Озодкунӣ аз гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти сайёҳии дохилӣ |
| 92. | Ба субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва соҳибкорони ватаниву хориҷӣ бо тартиби содагардонидашуда қитъаи замин ҷудо карда мешавад |
| 93. | Бо тартиби содагардонидашудаи ҷудо намудани қитъаи замин барои коркард ва ё сохтмони иншооти зарурӣ |
| 94. | Дар муҳлати то ду сол ройгон таъмин намудани бино ва толорҳои зарурӣ аз ҳисоби биноҳои бекорхобида ва ё нолозим; |
| 95. | Ҷудо намудани субсидия ва ё қарзи бефоиз барои фаъолияти истеҳсолӣ ва такмили иқтидори истеҳсолии соҳаи сайёҳӣ; |
| 96. | То се сол додани имтиёз барои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ |
| 97. | То панҷ соли аввали фаъолият аз санҷиш озод намудан, ба истиснои ҳолатҳои ошкоршавии ҳуқуқвайронкуниҳо. |

Манбаъ:https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/26-feristi-kafolatu-imtiezo.html (сана 03-11-2020)

Натиҷаҳои таҳлили тартиби пешниҳоди имтиёзҳои сармоягузорӣ чунин вазифаҳои ҳалталабро муайян намуда, ҷиҳати дарёфт ва ҷорӣ намудани механизми баҳисобгирии имтиёзҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва минбаъд ба арзёбии дуруст фаро гирифтани имтиёзҳои пешбинишудаву пешниҳодшаванда тавсияҳои зерин манзур карда мешаванд:

- муайян намудани мақоми ваколатдорӣ давлатӣ дар самти натиҷагирии имтиёзҳои татбиқшаванда ва баҳодиҳии имтиёзҳои пешниҳодшаванда;
- таҳияи қарор оид ба тартиби арзёбии самаранокии имтиёзҳои мавҷуда ва нав (хароҷот ва манфиат), ҷиҳати банизомдарорӣ, мониторингу назорати расмиёти пешниҳоди имтиёзҳо, таҷдиди назар намудани талаботи умумӣ барои ба таври автоматӣ пешниҳод намудани имтиёзҳои сармоягузорӣ, муқаррар намудани муҳлати қабули қарор оид ба пешниҳоди имтиёз, аз ҷониби ниҳодҳои соҳавӣ пешниҳоди асоснокунии мушаххас дар ҳолати рад кардани муроҷиат ҷиҳати бархӯрдоршавӣ аз имтиёз ва татбиқи минбаъдаи имтиёзҳо;
- бо дарназардошти талаботи тартиби болозикр муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ оид ба гузаронидани таҳлили хароҷот ва манфиат ҳангоми аз ҷониби вазорату идораҳо пешниҳод намудани имтиёзҳои нави соҳавӣ бо асоснокунии таъсироти мусбат ва манфии ин имтиёз ба иқтисодиёт ва инчунин, муайян намудани механизми мушаххасу содаи татбиқи онҳо;
- додани ваколат ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои пешниҳоди имтиёзҳои алоҳида;

- таъмини дастрасии васеи **ҷ**амъият ба иттилооти умум**ӣ** дар бораи имтиёзҳои мавҷуда ва имконият**ҳ**ои мавҷуда дар Тоҷикистон;
- васеъ ва мушаххас намудани номгӯйи таҷҳизоти дахлдор (тибб**ӣ,** му**ҳ**андис**ӣ** ва истe**ҳ**солӣ), ки воридоти он аз андози арзиши иловашуда ва бо**ҷ**и гумрук**ӣ** озод аст;
- бартарафсозии тафовут ва камбуди**ҳ**о дар **қ**онунгузорӣ: такмил ва нишон додани му**қ**аррароти **қ**онун**ҳ**о ва меъёр**ҳ**ои танзимкунандаи андозбанд**ӣ,** танзими гумрук**ӣ** ва ғайра.

Дар амал татбиқ шудани чораҳои пешниҳодгардида барои боз ҳам беҳтар гаштани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорон ба кишвар мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт:**


1. Джеймс С. Налоговые и неналоговые льготы и инвестиции: свидетельства и последствия для политики. Консультатвиная служба по иностранным ивестициям, Всемирный банк. Вашингтон, округ Колумбия, 2009.
2. Хекемейр ДЖ и М. Овереш. Прибыль транснациональных корпораций в ответ на дифференцированные налоговые ставки: величина эффекта и изменение каналов, документ ZEW для обсуждения, 2013.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №9, 2012. Моддаҳои 313,$313^1$,$313^2$
4. Ҳисоботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ «Таҳлили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда» 20. 02. 2019с. ш. Душанбе.

Ба матбаа 16.11.2020 супорида шуд. Чопаш 14.11.2020 ба имзо расид.
Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 100 нусха.